Натиҷаи гузаронидани арзёбии раванди рушди иҷтимоӣ – иқтисодии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар нуҳ моҳи соли 2020 вобаста ба ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал.

**Нишондоди иҷрои ваколати раиси шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо нишондиҳандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо арзёбӣ гардиданд.**

## 1.1. Таъминоти расмиёти ҳуқуқии санадҳо

Дар нуҳ моҳи соли 2020 ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 835 адад санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ворид гардидаанд. Аз ҷумла, дар шаҳрҳои Турсунзода 118 адад, Ҳисор 81 адад, Ваҳдат 65 адад, Роғун 22 адад, ноҳияҳои Нуробод 83 адад, Шаҳринав 82 адад, Варзоб 75 адад, Тоҷикобод 73 адад, Лахш 72 адад, Файзобод 72 адад, Рӯдакӣ 42 адад,ва Сангвор 28 адад, Рашт 22 ададро дарбар мегиранд. Ҷиҳати иҷрои санадҳои меъёрии воридгардида, санадҳои дахлдор ба тавсиб расида, ҷиҳати корбарӣ ва иҷрои саривақтӣ ба воҳидҳои сохтории дахлдори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ирсол гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз ҷониби мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ на ҳама маълумотҳо пурра пешниҳод карда мешаванд.

Тибқи шакли тасдиқгардида маълумот бояд дар замимаи 1 ҷадвал пурра дарҷ карда шавад. Мутаассифона ҷадвали мазкур ба таври бояду шояд пур карда шуда, пешниҳод мегардад. Маълумотҳои пешниҳоднамудаи шаҳри Роғун, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Тоҷикобод ва Файзобод ҷадвали мазкур пур карда нашуда, ҷадвали пешниҳоднамудаи онҳо ба талабот ҷавобгӯ намебошад. Гарчанде борҳо доир ба масъалаи мазкур эродҳо бошанд ҳам то инҷониб масъалаи мазкур ҷой доранд

Дар бештари ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ рақамҳои дар замимаи 1 пешниҳодшуда бо ҳисоботҳои матнӣ мувофиқат намекунанд.

Ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.01.2020 с., №АП-1325 “Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019 с., “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ” зикр гардидаанд қарори раисони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо нақшаи чорабиниҳои дахлдор ба тавсиб расидааст, ки расмиёти ҳуқуқии иҷрои супоришҳои Нақша - чорабинии Амри мазкур бо муайян намудани тадбирҳо ва вазифаҳои воҳидҳои сохторӣ, ташкилотҳо таъмин карда шудааст.

**2. Маълумот оид ба ҷараёни иҷрои тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмин волоияти қонун**

**Нишондоди пешакии самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ барои таъмини нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 2.1. (2.1.1) Дараҷаи амалигардонии ва азхудкунии маблағхои Нақша-чорабиниҳои барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо 2.1.2. Фароҳам овардани шароити молиявию иқтисодӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 2.1.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар мурочиатҳои шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ". 2.2. (2.2.1.) Рафти ҳалли масъалаҳои номгузории анънавӣ бо татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ" 2.3. (2.3.1.) Фаъолияти комиссияи барои риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" 2.4. (2.4.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" 2.5. (2.5.1., 2.5.2.) Таъмини шафофияти фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худфаъолияти шахрак ва деҳот 2.6. (2.6.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ"**

**2.1. Иҷрои ваколатҳои мақомоти намояндагии маҳалллии ҳокимияти давлатӣ тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ"**

**2.1.1. Дараҷаи амалигардонии ва азхудкунии маблағхои Нақша-чорабиниҳои барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо**

Таҳлилҳо нишон доданд, ки раванди амалишавии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва азхудкунии маблағҳо барои амалигардонии лоиҳа чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 76,2%, Ҳисор 70% ва Рӯдакӣ 65% таъмин гардидааст,

Нишондиҳандаи пасти он дар шаҳру ноҳияҳои Файзобод 45,7%, Рашт 43,4%, Турсунзода 40,5%, Варзоб 39,6%, Роғун 38,2%, Нуробод 34%, Лахш 25%, Тоҷикобод 12,1% ва Шаҳринав 9,1% ба назар расидааст, ки ҳамкории байни мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷалби соҳибкорон ва фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллиро талаб менамояд.

Натиҷаи рафти таҳлили нишондиҳандаи раванди амалишавии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муайян намуд, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Ваҳдат ва Ҳисор дар сатҳи муайян таъмин карда шуда, дар ин раванд барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Лахш, Нуробод, Тоҷикобод ва шаҳри Роғун андешидани тадбирҳои

иловагиро ҷиҳати истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, моддӣ ва молиявии ин шаҳру ноҳияҳоро тақозо менамояд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро зарур аст, ки ҳамкориро бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамаи он масъулини сарчашмаи маблағгузории лоиҳаҳои барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба роҳ монанд ва барои баланд бардоштани дараҷаи амалигардонии лоиҳа-чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳо чораҳои зарурӣ андешида, барои расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат дар гузаронидани мониторинг ва арзёбии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои болозикр мусоидат намоянд.

**2.1.2. Фароҳам овардани шароити молиявию иқтисодӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот**

Дар 9 моҳи соли 2020, ҷиҳати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани ваколатҳои онҳо дар ноҳияҳои Рӯдакӣ +1553,5 ҳазор сомонӣ (9296,6 ҳазор сомонӣ), Файзобод +1147,1 ҳазор сомонӣ (5815 ҳазор сомонӣ), Ваҳдат +27,4 ҳазор сомонӣ (1659,3 ҳазор сомонӣ) ва Рашт +2,7 ҳазор сомонӣ (21,4 ҳазор сомонӣ) нисбати соли гузашта зиёд гардидааст, ки риояи талаботи моддаи 6 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" ва самаранокии фаъолияти ҷамоатҳои шаҳраку деҳот мусоидат карда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода -160 ҳазор сомонӣ (1189,8 ҳазор сомонӣ) ва Нуробод -267,9 ҳазор сомонӣ (2204,9 ҳазор сомонӣ) нисбат ба ҳамин давраи соли сипаришуда кам гардида, дар шаҳри Ҳисор (261,6 ҳазор сомонӣ) ва ноҳияи Сангвор (140 ҳазор сомонӣ), маблағгузор карда шудааст.

Мутаассифона мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Варзоб, Лахш, Роғун, Тоҷикобод ва Шаҳринав вобаста ба иҷрои банди мазкур маълумот пешниҳод накарданд.

**2.1.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ".**

Дар давраи ҳисоботӣ муроҷиати шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода +1108 адад (дар маҷмӯъ 5483 адад), Рашт +302 адад (1355 адад), Роғун +198 адад (1488 адад) ва Лахш +58 адад (909 адад) зиёд ба қайд гирифта шуда, ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат -1159 адад (5040 адад), Ҳисор - 733 адад (4957 адад), Рӯдакӣ - 630 адад (7542 адад), Варзоб -536 адад (1891 адад), Тоҷикобод -246 адад (1614 адад), Нуробод -242 адад (737 адад), Шаҳринав -159 адад (2094 адад), Сангвор -47 адад (449 адад) ва Файзобод - 12 адад (2468 адад) кам гардидааст.

Дар ин раванд аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи муроҷиати шаҳрвандон дар 9 моҳи соли 2020 дар ноҳияҳои Лахш +30

адад (дар маҷмӯъ 240 адад), Рӯдакӣ +21 адад (267 адад), Файзобод +11 адад ( 60 адад), Рашт +8 адад (15 адад) ва Тоҷикобод +2 адад ( 6 адад) нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидааст, ки аз ҳал нагардидани масъалаҳо дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо дарак медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб -58 адад (48 адад), Ваҳдат -47 адад (182 адад), Шаҳринав -18 адад (57 адад), Турсунзода -16 адад (77 адад), Нуробод -14 адад (2 адад), Ҳисор -6 адад (126 адад), Сангвор -5 адад (1 адад) ва Роғун -2 дад (23 адад) кам гардидааст.

Шумораи зиёди мурочиатҳо оид ба гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар шаҳру ноҳияҳои Роғун 457 адад ( +128 адад), Турсунзода 501 адад (+107 адад), Тоҷикобод 408 адад (+32 адад), Файзобод 780 адад (+30 адад) ва Сангвор 65 адад (+9 адад) зиёд ба назар расида, барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист андешидани чораҳои иловагӣ ба миён омадааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб 438 адад (-243 адад), Рӯдакӣ 3249 адад(-242адад), Нуробод 194 адад (-132 адад), Ҳисор 1292 адад (-71 адад), Шаҳринав 798 адад (-62 адад), Лахш 142 адад (-10 адад), Ваҳдат 1181 адад (-3 адад) ва Рашт 464 адад (- 3 адад) кам гардидааст, ки аз беҳтар гардидани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо манзили зист далолат медиҳад.

## 2.2. (2.2.1.) Рафти ҳалли масъалаҳои номгузории анъанавӣ бо татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ”

Давоми 9 моҳи соли 2020 дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати таъмини иҷрои талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, баҳри гиромидошт, рушду густариш ва ҳифзу беолоиш нигоҳ доштани забони давлатӣ корҳои судманд ба анҷом расонида шудааст.

Бо ин мақсад дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо комиссияҳои татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таъсис дода шуда, раисии онро муовинони Раис ба уҳда доранд. Вобаста ба ин, бо қарорҳои дахлдори Раисони шаҳру ноҳияҳо ҳайати комиссия, Низомнома ва нақшаи корӣ барои соли 2020 таҳия ва тасдиқ гардида, иҷрои бандҳои он мавриди амал қарор дода шудааст.

Дар мавриди номгузориву номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, маҳалҳои аҳолинишин ва қисмҳои таркибии онҳо дар шаҳру ноҳияҳо инчунин комиссияҳои номгузорӣ таъсис дода шуда, дар давраи ҳисоботӣ корҳои муайянро ба анҷом расонидаанд.

Дар ноҳияи Варзоб амри раиси ноҳияи Варзоб аз 7 январи соли 2020, №6 “Дар бораи таъсиси гурӯҳи корӣ” ба тасвиб расида, масъалаи номгузории маҳаллаҳои навбунёд ва ивазкунии номи деҳаҳо ва Ҷамоати деҳот дар маҷлисҳои вакилони халқи ноҳия мавриди муҳокима қарор дода шуда, маводҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шудаанд.

Дар 9 моҳи соли 2020 дар шаҳри Ваҳдат корҳои стандартсозии ҳуҷҷатҳои идоравии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, зерсохторҳои он, идораҳо, муассисаву ташкилотҳо, корхонаву хоҷагиҳо, ҳамгунсозии истилоҳоту ҳуҷҷатҳои оморӣ, муҳосибӣ, тиббӣ, лоиҳавӣ ба роҳ монда шуда, мутобиқ гардонидани санадҳои меъёрии онҳо мувофиқи модаҳои 16 ва 17 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ пурра ба анҷом расонида шудаанд.

Мутобиқи нақшаи корӣ Комиссияи шаҳрӣ ҳолати татбиқ ва риояи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро дар ҷамоатҳои деҳоти Чуянгарон, Баҳор, А. Абдулвосиев, Симиганҷ, Р.Исмоилов, Бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, Раёсати маориф, Маркази алоқаи почтаи тоҷик, Кумитаи идораи замин, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Раёсати кишоварзӣ, КВД «Лим ва Б», КВД «Лоиҳакаш», Коллеҷи омор, Беморхонаи марказӣфилиали ҶСК «Телеком» мавриди санҷиш қарор дод. Дар рафти санҷиш маълум гардид, дар муассисаву ташкилотҳои санҷидашуда, ба истиснои КВД «Лоиҳакаш» ва КВД «Лим ва Б», комиссияҳои татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» таъсис дода шуда, ҳуҷҷатгузорӣ пурра бо забони давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Матни бланкаҳо, овезаҳо, муҳру тамға ва ҳуруфи компютерҳо ба талаботи моддаи 20 қонуни забон мутобиқат мекунад.

Комиссияи татбиқи қонуни забони назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод дар нуҳмоҳаи соли 2020 дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, супоришҳои Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои раиси ноҳия ва тибқи нақшаи кории Комиссияи татбиқи қонуни забони давлатӣ фаъолият намуда, як қатор корҳоро ба иҷро расонидааст.

Тибқи нақшаи корӣ дар ин муддат 4 маротиба маҷлиси Комиссия гузаронида шуда, дар онҳо рафти амалишавии Қонуни забон дар ташкилоту муассисаҳо ва Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия, тарзи дурусти навишти шиору овезаҳо, дараҷаи ҳуҷҷатгузорӣ бо забони давлатӣ ва тарзи суханронии роҳбарон бо забони адабии тоҷикӣ баррасӣ гардидааст.

Бояд қайд намуд, дар ноҳияи Лахш дар асоси нақшаи кории комиссияи татбиқи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия аз 6 январи соли 2020 аз ҷониби раиси комиссия тасдиқ шуда, аз 11 банд иборат буда, аъзоёни комиссия дар муассисаҳои таълимии ҳудуди ноҳия оид ба сатҳи дониши хонандагон аз фанни забони давлатӣ ва коргузории муассисаҳо санҷишҳо гузаронидаанд.

Мавриди зикр аст, ки тибқи банди 5-и нақшаи кории комиссияи ноҳиявии татбиқи забони давлатӣ тамоми шиору овезаҳо ва навиштаҷоти ҳудуди ноҳия таҳти назорати доимии аъзоёни комиссия қарор доранд.

Дар ноҳияи Рашт дар асоси моддаи 11-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади мутобиқгардонии номи ҷамоатҳо ва маҳалҳои аҳолинишин аз тарафи комиссия пешниҳоди иваз намудани номи деҳоти Н. Махсум ба деҳоти Нусратуллоობод, деҳоти Б. Раҳимзода ба деҳоти Боқиобод ва деҳаи Фурудгоҳ ба деҳаи Сабздаман қарори Маҷлиси вакилони

халқи ноҳия такроран ба Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардидааст.

Дар шаҳри Роғун давоми 9 моҳи соли 2020 дар ташкилоту муассисаҳо, аз ҷумла беморхонаи марказӣ, муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, шуъбаҳои маорифу фарҳанг ва Ҷамоати деҳоту шаҳр коргузорӣ пурра ба забони тоҷикӣ ба роҳ монда шуда, матни лавҳаю овезаҳо, муҳру тамға ва бланкаҳо тибқи муқарароти моддаҳои 13,18 ва 20-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" роҳандозӣ шудааст.

Дар ноҳияи Файзобод дар нуҳ моҳи соли 2020 аз ҷониби комиссияи номгузории назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия номгузории 2 муассисаи таълимӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар шаҳри Турсунзода тибқи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар корхонаҳои саноатӣ ва муассисаҳои таълимии шаҳр барои омӯхтани забони давлатӣ ва такмили забондонии кормандон тадбирҳои амалӣ андешида шудааст. Аз ҷумла дар КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» дар асоси барномаи таълимии доимомалкунанда коргарон ва ҳайати мутахассисону роҳбарон ба омӯзиши забони давлатӣ фаро гирифта мешаванд.

Дар ин давра 5 омӯзиши кӯтоҳмуддат барои ҳайати роҳбарикунанда, кормандон ва коргузорон гузаронида шудааст.

Дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф давоми соли ҷорӣ 12 нафар омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик ба курсҳои омӯзишӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар соҳаи маорифи шаҳр 508 нафар омӯзгорон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дарс мегӯянд. Дар назди муассисаҳои таълимии шаҳр курси омӯзиши доимоамалкунандаи фанни забони давлати ташкил гардида, омӯзгороне, ки бо забони ғайридавлатӣ таҳсил намудаанд, ба омӯзиш фаро гирифта шуданд. Дар давраи ҳисоботӣ 32 нафар омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ба курсҳои омӯзишӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар ноҳияи Шаҳринав дар давраи ҳисоботӣ тибқи қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия «Дар бораи аз нав номгузорӣ намудани ҷамоатҳо, деҳаҳо ва мавзеъҳои ҷуғрофии ноҳияи Шаҳринав» 2 Ҷамоат, 10-деҳа, 12-чарогоҳ ва 2-канал аз нав номгузорӣ гардида, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

### 2.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"

#### 2.3. (2.3.1.) Фаъолияти комиссия барои риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"

Бо мақсади татбиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар шаҳри Ваҳдат ҷиҳати иҷрои қонуни мазкур Шуъбачаи кор бо ноболиғони ШВКД-и

дар шаҳри Ваҳдат нисбати 310 нафар волидайне,ки қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро дағолона вайрон намуданд тибқи талоботи моддаи 90-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳои ҳуқуқвайронкунӣ тартиб дода ба Суди шаҳри Ваҳдат барои баррасӣ намудан ирсол намудааст,ки маблағи ҷаримаи 13800 сомониро дар бар мегирад.

Дар шаҳри Роғун аз тарафи комиссия нисбати 45 нафар волидайн, аз ҷумла нисбати 16 нафар ҷазои маъмурии огоҳӣ ва нисбати 26 нафар ҷазои ҷаримабандӣ ба маблағи 4350 сомонӣ татбиқ карда шудааст, дар ноҳияи Варзоб дар ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, ташкилоту муассисаҳо, раёсати маориф ва муассисаҳои таълимии ноҳия комиссияҳои ҷамъиятӣ таъсис дода шудаанд, дар ноҳияи Лахш дар 61 муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва падару модарон суҳбату вохӯриҳо доир гардида истодаанд, дар ноҳияи Нуробод фаъолияти комиссия нишон дод, ки ҳоло ҳам қисме аз падару модарон барои гирифтани таълими ҳатмии фарзандонашон бемасъулиятӣ зоҳир намуда, ба камбудиҳои зиёд, яъне гашту гузор намудани фарзандон баъд аз соатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҳангоми шаб роҳ медиҳанд, аз тарафи кормандони прокуратураи ноҳия дар якҷоягӣ бо Комиссия оид ба ҳуқуқҳои кӯдаки назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия нисбати онҳо чораҳои дахлдор андешида шудааст.

Дар ноҳияи Рашт нисбати 116 нафар падару модарон барои бемасъулиятӣ дар тарбияи фарзанд протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шудааст, дар ноҳияи Сангвор дар давоми нуҳ моҳи соли 2020 аз тарафи ноболиғон ягон ҷиноят ба қайд гирифта нашуда, танҳо нисбати 4 нафар ноболиғ протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, ҷаримабандӣ карда шуда, дар ноҳияи Тоҷикобод нисбати 31 нафар волидони хонандагон маводҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, ҷаримабандӣ карда шудаанд, дар ноҳияи Файзобод 29 суҳбату вохӯриҳо доир карда шудаанд, дар шаҳри Ҳисор нисбати 56 нафар волидон ба санадҳо тартиб дода шудаанд ва дар ноҳияи Шаҳринав миёни ҷавонону наврасон ва оммаи васеи аҳолӣ сӯҳбату вохӯриҳо баргузор карда шудаанд.

Аз корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Турсунзода, Роғун, Варзоб, Лахш, Нуробод, Рашт, Файзобод, Сангвор, Ҳисор ва Шаҳринав муайян гардид, ки фаъолияти комиссияҳои ин шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати таъмини риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ташкил ва ба роҳ монда шуда, барои пурзӯр намудани корҳои ташкилию тағриботӣ андешидани тадбирҳои иловагӣ ба миён омадааст.

### 2.4. (2.4.1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим” (банди 81-и паём)

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ давоми 9 моҳи соли 2020 ҷиҳати таъмини иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим” чораҳои дахлдор андешида шуда, дар ин самт як қатор корҳои судманд ба анҷом расонида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ қонуншиканӣ нисбати ҳамин давраи соли

гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ -11 ҳолат (дар маҷмуъ 11 ҳолат), Турсунзода -9 ҳолат (7 ҳолат), Ваҳдат -6 ҳолат (2 ҳолат), Вазоб -4 ҳолат (3 ҳолат), Роғун -3 ҳолат (4 ҳолат), Нуробод -2 ҳолат (4 ҳолат), Рашт -1 ҳолат (6 ҳолат), Шаҳринав -1 ҳолат (5 ҳолат) нисбати соли гузашта кам гардида, риояи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзиму анъана ва ҷашну маросим" таъмин карда шудааст.

Ин нишондаҳанда дар шаҳри Ҳисор +2 ҳолат (9 ҳолат) ва ноҳияҳои Файзобод +2 ҳолат (5 ҳолат) ва Лахш +2 ҳолат (3 ҳолат) нисбати соли гузашта зиёд гардидааст, ки дар ин шаҳру ноҳияҳо пурзӯр намудани фаъолияти коммиссияҳо ва ҷиҳати бурдани корҳои тарғиботиро талаб менамояд.

Хароҷоти аз ҳама баланд барои баргузории як маърака ба ҳисоби миёна дар шаҳри Ҳисор 7125 сомонӣ ба назар расида, дар шаҳру ноҳияҳои Лахш 5535 сомонӣ, Турсунзода 5500 сомонӣ, Нуробод 5389 сомонӣ, Варзоб 5071 сомонӣ, Ваҳдат 4800 сомонӣ, Рашт 4374 сомонӣ, Шаҳринав 4355 сомонӣ, Файзобод 3642 сомонӣ, Тоҷикобод 3627 сомонӣ, Сангвор 3514 сомонӣ, Рӯдакӣ 3116 сомонӣ ва Роғун 3048 сомониро ташкил дода, омӯзиши сабабҳои фарқияти хароҷотҳои маъракаҳоро аз ҷониби мақомоти ваколатдор талаб менамояд.

**2.5. (2.5.1, 2.5.2)Рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 "Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет"**

**2.5.1. Истифодаи технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо (сомона, почтаи электронӣ ва татбиқи унсурҳои «ҳукумати электронӣ»).**

Бо мақсади татбиқи "Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар ин давра дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ махзани ягонаи электронии ҳуҷҷатҳо ташкил шудааст. Инчунин, дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Турсунзода (www.tursunzoda.tj), Ҳисор (www.hisor.tj), Ваҳдат (www.vahdat.tj), Роғун www.rogun.tj, Тоҷикобод (www.tojikobod.tj), Сангвор (www.sangvor.tj), Нуробод (www.nurobod.tj), Варзоб (www.varzob.tj), Лахш (www.lakhsh.tj), Шаҳринав (www.shahrinav.tj), Файзобод (www.faizobod.tj) Рашт (www.rasht.tj), Рӯдакӣ (www.rudaki.tj) амал мекунад, ки дар заминаи сомонаҳои мазкур барои дастгоҳҳои раисон ва сохторҳои он суроғаи электронӣ кушода шудааст, ки барои гузаштан ба ҳукумати электронӣ ва сифатнок ба роҳ мондани маълумотҳо байни дастгоҳони раисон ва сохторҳои онҳо мусоидат намуда истодааст.

Дар 9 моҳи соли 2020, нишондиҳандаи баланди дараҷаи корношоямии воситаҳои технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ, компютерҳо дар дастгоҳи раиси шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоатҳо), дар шаҳру ноҳияҳои Рашт 22,8% (дар маҷмуъ 114 адад), Варзоб 20,5 (68 адад), Нуробод 18,5% (27 адад), Ҳисор 20,5% (102 адад), Сангвор

20,5% (34 адад), Шаҳринав 17% (53 адад), Ваҳдат 15,2% (79 адад ), Лахш 14,2% (48 адад), Роғун 13,2% (53 адад), Турсунзода 12,8 % (78 адад), Файзобод 10,6% (47 адад) ва Тоҷикобод 10,2% (39 адад) ба назар расида, нимсолаи аввали соли ҷорӣ бе тағйир боқӣ монда, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо барои паст кардани дараҷаи корношоямии копютерҳо ба назар намерасад.

Дастрасӣ ба интернет воситаи муҳими муомилот ва муошират ба ҳисоб рафта дар 9 моҳи соли 2020 дар ноҳияи Варзоб 33 нуқтаи дастрасӣ ба интернет мавҷуд аст, ки аз ин 26 нуқта дар дастгоҳи раиси ноҳия ва 7 нуқта дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот мебошанд, ки ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои, Рашт 16 нуқта (14 нуқта), Файзобод 10/12, Тоҷикобод 10/1, Сангвор 6/3, Лахш 4/10, Нуробод 17/0, Турсунзода 7/0, Ҳисор 6/0, Ваҳдат 5/0, Шаҳринав 3/0 ва Роғун 1/2 ташкил дода, нисбати аввали соли ҷорӣ бетағйир монда таъсири манфии худро, ки ба шаффофият ва самаранокии фаъолияти МИМҲД расонидааст, андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Натиҷаи таҳлил муайян намуд, ки рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет» дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ хусусан дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти он дар сатҳи нокифоя буда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро мебояд пурзӯр намудани корҳо дар ин самт тақвият бахшанд.

### 2.6. (2.6 - 2.6.1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»

Дар нуҳ моҳи соли 2020 ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва тибқи муқаррароти банди 11-и Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар шаҳрҳои Турсунзода 5 маротиба, Ҳисор 3 маротиба, ноҳияи Тоҷикобод 3 маротиба, шаҳри Роғун 2 маротиба, ноҳияҳои Варзоб 2 маротиба, Лахш 2 маротиба, Нуробод 2 маротиба, Рӯдакӣ 2 маротиба, Файзобод 2 маротиба, Шаҳринав 1 маротиба ва шаҳри Ваҳдат 1 маротиба озмуни мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шудааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мусоидат намуда, амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таъмин карда шуда, 208 нафар мутахассисони болаёқат ва соҳибихтисос тариқи шаффофият мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатиро ишғол намуда, фаъолияти кории худро пеш бурда истодаанд. Аз шумораи умумии мутахассисони ба мансаб таъингардида дар шаҳри Роғун 2 нафар, ноҳияҳои Рӯдакӣ 5 нафар, Лахш 3 нафар ва Шаҳринав 2 нафар аз ҳисоби занон ба мансаб таъин гардидаанд. Ҳамзамон, дар ноҳияи Лахш 1 нафар аз ҳисоби захираи кадрҳо ба мансаб таъин гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Турсунзода 29 нафар, ноҳияҳои Варзоб 26 нафар, Шаҳринав 19 нафар, Файзобод 17 нафар ва Лахш 14 нафар ба аттестатсия фаро гирифта шуда, ба мансаб мувофиқ дониста шудаанд.

Дар ноҳияи Нуробод 2 маротиба аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ баргузор гардида, 23 нафар ба аттестатсия фаро гирифта шуданд, ки 18 нафар ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ ва 5 нафар ба аттестатсияи такрорӣ тавсия дода шудааст. Дар ноҳияи Тоҷикобод низ 2 маротиба аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ баргузор гардида, 9 нафар ба мансаб мувофиқ ва 3 нафар ба аттестатсияи такрорӣ тавсия шудааст. Инчунин, 3 нафар дар шаҳри Турсунзода, 4 нафар дар ноҳияи Лахш ба аттестатсияи такрорӣ мононда шудаанд.

Тибқи ҳисоботҳои пешниҳодгардида дар ҳисоботҳои шаҳри Роғун баргузории аттестатсия дар моҳи август ба нақша гирифта шуда буд, ки мутаассифона дар ҳисоботи нуҳмоҳа баргузории аттестатсия дар охири моҳи октябр ба накша гирифа шудааст. Ҳамзамон, баргузории аттестатсия дар ноҳияи Рашт дар охири моҳи октябр ба нақша гирифта шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун 2 маротиба комиссия оид ба одоби хизматчии давлатиро баргузор намуда, ба 17 нафар хизматчиёни давлатӣ ҷавобгарии интизомӣ пешниҳод гардида, санадҳои дахлдор ба имзо расонида шудааст.

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида дар шаҳри Роғун 7, ноҳияҳои Рӯдакӣ 37, Файзобод 14 ва Тоҷикобод 12 мансаби холӣ мавҷуд мебошад.

Бо мақсади тақвият бахшидани донишу малакаи хизматчиёни давлатӣ ва иҷрои мактуби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон машғулиятҳои идоравӣ барои хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тибқи нақшаи тасдиқгардида дар мӯҳлатҳои пешбинишуда машғулиятҳои идоравӣ баргузор карда мешаванд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод баргузории машғулияти идоравӣ муваққатан манъ карда шудааст, ҳол он, ки бо риояи фосилаи иҷтимоӣ мумкин аст, машғулиятҳои идоравӣ ба роҳ монда шавад.

Инчунин, дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт омӯзиши курсҳои забони англисӣ ва технологияи компютерӣ ба роҳ монда шудааст, ки ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши кормандон мусоидат намуда истодааст.

Дар давраи ҳисоботӣ 4 нафар хизматчиёни давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ба курсҳои такмили ихтисос сафарбар гардидаанд. Дар ҳисоботи нимсолаи аввал 2 нафар хизматчиёни давлатии шаҳри Турсунзода низ ба курсҳои такмили ихтисос сафарбар гардида буданд, аммо дар ҳисоботи нуҳмоҳа доир ба масъала маълумот дода нашудааст.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи дигар шаҳру ноҳияҳо доир ба масъалаи мазкур маълумот пешниҳод карда нашудааст.

Мутаассифона, вобаста ба банди мазкур мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Сангвор аз аввали соли ҷорӣ то инҷониб маълумот пешниҳод накардааст.

## 3. Таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ

**Маълумот оид ба иҷрои даромад ва хароҷоти буҷет. 3.1. Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш/коҳиш нисбат ба нақшаи даромад, 3.2. Чораҷӯӣ ҷиҳати сифатнок таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ 3.3. Мавҷудияти бақия аз рӯи намуди андозҳои пардохтнашуда ва корҳои анҷомдодашуда дар самти коҳиш додани бақияҳо, 3.4. Мавҷудияти қарзи музди меҳнат, 3.5. Тамоюли афзоиш ё камшавии музди миёнаи меҳнат, 3.6. Чораҳои андешидашуда ҷиҳати дарёфти манбаҳои нави андозбандӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 3.1. Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш/коҳиш нисбат ба нақшаи пешбинишуда.

Дар нуҳ моҳи соли 2020 нишондиҳандаи даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби зиёд гардидани воридоти маблағ нисбат ба нақшаи даромадҳои давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои Сангвор +2124,5 ҳазор. сомонӣ (128%), Ҳисор +1318,2 ҳазор сомонӣ (101%), Рашт +1048,7 ҳазор сомонӣ (101%), Варзоб +169,6 ҳазор сомонӣ (100,6%), Нуробод +115,6 ҳазор сомонӣ (100,2%) ва Шаҳринав +103,6 ҳазор сомонӣ (100%) таъмин гардидааст, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои мазкур шароити иқтисодию иҷтимоӣ фароҳам оварда мешавад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Роғун -9 млн. сомонӣ (91,5%), Ваҳдат -3, млн. сомонӣ (98%), Лахш -0,7 млн. сомонӣ (95,4%), Тоҷикобод -122,5 ҳазор сомонӣ (99%), Файзобод -45 ҳазор сомонӣ (99,9%) ва Турсунзода 82% нисбат ба нақшаи даромади буҷети давлатӣ кам маблағ ворид гардидааст, ки таъсири манфии худро ба рушди иҷтимоию иқтисодии ин шаҳру ноҳияҳо мерасонад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Роғун, Турсунзода, Ваҳдат, Рӯдакӣ, Лахш ва Тоҷикобод нақшаи андозҳо сифатан иҷро нашудааст, ки боиси иҷро нагардидани буҷети маҳаллӣ гардида, омӯзиши сабабҳо ва зарурияти пурзур намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва нозироти андоз ба миён омадааст.

Нақшаи қисми хароҷоти буҷет бошад дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: аз ҷумла дар Файзобод 95%, Ҳисор 93,6%, Шаҳринав 93%, Нуробод 92,6%, Варзоб 92%, Тоҷикобод 91,8%, Рашт 90%, Ваҳдат 89%, Роғун 85%, Турсунзода 83%, Лахш 82,6% ва Сангвор 81,3% иҷро гардидааст.

### 3.2. Чораҷӯӣ ҷиҳати сифатнок таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, пардохти нисбатан сусти намудҳои алоҳидаи андоз, ба ҳолати 1 октябри соли 2020:

– шаҳри Турсунзода иҷрои 11 намуди андозҳо, аз он ҷумла андоз аз даромад 81%, андоз аз фоида 79%, андоз барои захираҳои табиӣ 83%, андози истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 95%, боҷӣ давлатӣ 69%, низоми

махсуси андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ 87%, андоз аз истифодабарандагони воситаҳои воситаҳои нақлиёт 64%, андоз аз молу мулки ғайриманқул 71%, андоз аз замин 85 % ва дигар намуди пардохтҳо 72 %;

– ноҳияи Тоҷикобод андоз аз фоида 90%, андоз аз арзиши иловашуда 37%, боҷи давлатӣ 92%, низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ 62%, андоз аз истифодабарандагони воситаҳои нақлиёт 67%, андоз аз молу мулки ғайриманқул 97% ва дигар намуди пардохтҳо 72 %;

– шаҳри Ваҳдат андоз аз фоида 84%, андоз аз арзиши иловашуда 49%, боҷи давлатӣ 92%, андоз аз истифодабарандагони воситаҳои воситаҳои нақлиёт 84%, андоз аз замин 65%;

– ноҳияи Шаҳринав андоз аз арзиши иловашуда 99%, андоз аз истифодабарандагони қаръи замин 97%, андози истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 97%, низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ 96%, боҷӣ давлатӣ 75;

– шаҳри Роғун андоз аз даромад 61,9%, андоз аз фоида 44,2%, аксизҳо 87%, боҷӣ давлатӣ 95%, андоз аз истифодабарандагони воситаҳои воситаҳои нақлиёт 90,4%;

– ноҳияи Лахш андози иҷтимоӣ 89,4%, андози истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 70,4%, боҷи давлатӣ 91,7%, андоз аз истифодабарандагони воситаҳои воситаҳои нақлиёт 88,1%;

– ноҳияи Нуробод андоз аз арзиши иловашуда 77,2%, андози иҷтимоӣ 99%, низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ 62%, андоз аз воситаҳои нақлиёт 579,8%;

– ноҳияи Сангвор андоз аз арзиши иловашуда 53%, боҷи давлатӣ 78%, андоз аз воситаҳои нақлиёт 49%, ва дигар пардохтҳо 48%;

– ноҳияи Рашт андоз аз арзиши иловашуда 80,8%, боҷи давлатӣ 90,6%, низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ 94,2%, андоз аз молу мулки ғайриманқул 96,8%;

– дар ноҳияи Варзоб андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 65,2%, андоз аз замин 69,3%, ва дигар пардохтҳо 77,6%;

– шаҳри Ҳисор андоз аз даромад 82%, андоз аз истифодаи роҳҳои автомобилгард 84,5% ба назар мерасанд, ки дар ташаккули босифати буҷет таъсири манфии худро мерасонад ва бояд масъулин ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур тадбирҳои ҷиддӣ андешанд.

### 3.3. Мавҷудияти бақия аз рӯи намуди андозҳои пардохтнашуда ва корҳои анҷомдодашуда дар самти коҳиш додани бақияҳо

Дар нуҳ моҳи соли 2020 чораҳои андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар якҷояги бо нозироти андоз имкон додааст, ки дар шаҳру ноҳияҳои Роғун маблаҳи бақияи қарзи андоз нисбат ба 1-уми январи соли 2020, ба маблаҳи -17,8 млн. сомонӣ, (ба ҳолати 01.10.2020 с. бақияи қарзи андоз 35,3 млн. сомонӣ мавҷуд мебошад), Нуробод - 1,4 млн. сомонӣ (2,4 млн. сомонӣ), Лахш -200,6 ҳазор сомонӣ (2,7 млн. сомонӣ) ва Ваҳдат – 26,9 ҳазор сомонӣ (10,6 млн. сомонӣ) кам карда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода +7566,2 ҳазор сомонӣ (12,2 млн. сомонӣ), Сангвор +644 ҳазор сомонӣ (936,2 ҳазор сомонӣ), Тоҷикобод +536,4 ҳазор сомонӣ (1,8 млн. сомонӣ), Шаҳринав +333,2 ҳазор сомонӣ (2,4 млн. сомонӣ), Рашт +229 ҳазор сомонӣ (725 ҳазор сомонӣ) Файзобод +208 ҳазор сомонӣ (916 ҳазор сомонӣ) ва Ҳисор +117,2 ҳазор сомонӣ (7,5 млн. сомонӣ) нисбат ба 01.01.2020 зиёд гардидааст, ки самаранокии фаъолият беҳбудиро тақозо менамояд.

Маблағҳои калони умумии бақияи қарзи андоз дар шаҳру ноҳияҳои Роғун 35,3 млн. сомонӣ, Турсунзода 12,2 млн. сомонӣ, Ваҳдат 10,6 млн. сомонӣ, Ҳисор 7,5 млн. сомонӣ ва Варзоб 4,6 млн. сомонӣ мавҷуд буда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои зикршуда ҷиҳати кам намудани бақияи қарзи андозҳо пурзӯр намудани фаъолиятро дар якҷоягӣ бо нозироти андоз тақозо менамояд.

### 3.4. Мавҷудияти қарзи музди меҳнат

Дар 9 моҳи соли 2020 дар ноҳияҳои Варзоб, Лахш, Тоҷикобод, Файзобод ва Шаҳринав қарздории музди меҳнат дар ташкилоту муассисаҳое, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, мавҷуд набуда, қарзи музди меҳнат ба 1 октябри соли 2020 дар ташкилоту муассисаҳои ғайрибуҷетӣ, нисбат ба 1 январи соли 2020, дар шаҳрҳои Ваҳдат-290 ҳазор сомонӣ (809 ҳазор сомонӣ ба 01.10.2020 мавҷуд буда) ва Ҳисор -1000 сомонӣ (349,5 ҳазор сомонӣ) кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Роғун +12,5 млн. сомонӣ (18,8 млн сомонӣ мавҷуд буда), Турсунзода +6,2 млн. сомонӣ (14,3 млн. сомонӣ), Рашт +544,1 ҳазор сомонӣ (544,1ҳазор сомонӣ), Нуробод +226,4 ҳазор сомонӣ (226,4 ҳазор сомонӣ) ва Сангвор +16,3 ҳазор сомонӣ (23,7 ҳазор сомонӣ) зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Қарздории калони музди меҳнат дар шаҳрҳои Роғун, Турсунзода, Ваҳдат, Ҳисор ва ноҳияи Рашт ба назар мерасад, ки барои пешбурди зиндагии аҳолӣ мушкили эҷод намуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудии мазкур, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳрҳо ва ноҳияҳоро зарур аст, ки дар якҷоягии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқҳои касаба чораҳои зарурӣ андешанд.

### 3.5. Тамоюли афзоиш ё камшавии музди миёнаи меҳнат

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар 9 моҳи соли 2020, нисбат ба 01.01.2020 с., дар шаҳру ноҳияҳои Лахш +213 сомонӣ (музди миёнаи меҳнат дар 9 моҳаи аввали соли 2020, 1017 сомонӣ), Рӯдакӣ +124,6 сомонӣ (1248,8 сомонӣ), Ваҳдат +72,3 сомонӣ (1339,2 сомонӣ), Сангвор +71,2 сомонӣ (995,5 сомонӣ), Рашт +50,1 сомонӣ (976,4 сомонӣ), Ҳисор +32,8 сомонӣ (970,1 сомонӣ), Нуробод +23,4 сомонӣ (926,4 сомонӣ), Тоҷикобод +15 сомонӣ (837,5 сомонӣ), Роғун +13 сомонӣ (2192 сомонӣ) ва Варзоб +-0 сомонӣ (848,7 сомонӣ) зиёд гардида, ба сатҳи зиндагии мардум таъсири мусбӣ расонидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Турсунзода нисбат ба 01.01.2020, -67,8 сомонӣ (музди миёнаи меҳнат 1065 сомонӣ) ва ноҳияҳои Шаҳринав -188,5 сомонӣ (772,5 сомонӣ) ва Файзобод -35,8 сомонӣ (839,6 сомонӣ) кам гардидааст.

Нишондиҳандаи баланди музди миёнаи меҳнат дар шаҳрҳои Роғун, Ваҳдат, Турсунзода ва ноҳияи Лахш ба назар расида, нишондиҳандаи пасти он дар ноҳияи Тоҷикобод баназар мерасад, ки раванди мусбӣ ва манфии рушди иҷтимоию иқтисодии онҳоро инъикос менамоянд.

Пешниҳод: Мақомоти нозироти андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои таъмини нақшаи даромади буҷети шаҳру ноҳияҳо, иҷрои сифатии намуди андозҳо, кам намудани бақияпулиҳои андоз, баланд бардоштани иҷрои қарори маҷбуран ситонидани андозҳо, фаъолияти кориашонро пурзӯр намоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф намудани қарзи музди меҳнат чораҳои зарурӣ андешида, тамоюли зиёдшавии онро дар шаҳру ноҳияҳо мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

**4. Маълумот оид ба таъмини беҳбудии фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ (бандҳои 2, 21-и паём)**

**4.1. Тамоюли каму зиёдшави шумораи соҳибкорон ва ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳия, 4.2. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим, 4.3. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, 4.4. (4.5.) Дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ аз ҷумла, ҳамкори бо Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”, 4.6. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор барои фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ**

**4.1. Тамоюли каму зиёдшави шумораи соҳибкорон ва ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳия**

Ба ҳолати 1 октябри соли 2020 зиёдшавии шумораи соҳибкорон нисбат ба 01.01.2020 с., дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат +428 нафар (ҳамагӣ шумораи соҳибкорон 13017 нафар), Ҳисор +379 нафар (7908 нафар), Тоҷикобод +99 нафар (1526 нафар), Файзобод +51 нафар (4397 нафар), Шаҳринав +47 нафар (2526 нафар), Роғун +43 нафар (1344 нафар), Лахш +35 нафар (2378 нафар) ва Сангвор +27 нафар (666 нафар) ба назар расида, ин нишондиҳанда рафти таъмини беҳбудии фазои соҳибкориро дар ин шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода -1948 нафар (6801 нафар), Рашт -552 нафар (3455 нафар), Варзоб -200 нафар (1196 нафар) ва Нуробод -49 нафар (961 нафар) кам гардида, барои омӯзиши сабабҳои он ва бартараф намудани тамоюли манфӣ, андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

## 4.2 Ҷалби сармояи мустақим аз ҷумла сармояи хориҷӣ барои ташкили корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ

Нишондодҳои маҷмӯи маблағҳои сармояҳои ҷалбшуда дар 9 моҳи соли 2020, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар доираи лоиҳаҳои амалишаванда, ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим, рафти амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Лахш 43 лоиҳа ба маблағи 20,7 млн. сомонӣ, Файзобод 8 лоиҳа ба маблағи 14 млн. сомонӣ, Ваҳдат 7 лоиҳа ба маблағи 18 млн сомонӣ, Роғун 24 лоиҳа ба маблағӣ 2,4 млн. сомонӣ, Ҳисор 5 лоиҳа ба маблағи 62 млн. сомонӣ, Шаҳринав 1 лоиҳа ба маблағи 4 млн. сомонӣ, Турсунзода 11,7 млн.доллари ИМА ва Тоҷикобод 50 ҳазор сомонӣ ташкил намудааст, ки амалигардонии лоиҳаҳои пешбинигардида барои таъмини нишондиҳандаи ҷалби сармоягузорӣ барои рушди соҳибкорӣ замина гузошта, ба раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои дар боло зикр гардида, таъсири мусбӣ мерасонад (нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст).

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Варзоб, Рашт ва Сангвор оид ба рафти омода намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ маълумот пешниҳод нагардидааст.

## 4.3. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

Ҷиҳати иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳо барои амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №95 тасдиқ гадидааст, дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ корҳо бо маром идома доранд.

Бояд зикр намуд, ки дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Лахш бо қарори раиси ноҳия аз 11 августи соли 2017, №253 «Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ» таъсис дода шуда, фаъолият дорад. Фаъолияти Шӯрои мазкур бахри беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар ноҳияи Лахш мусоидат намуда истодааст.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ се маротиба Шӯрои машваратӣ гузаронида шудааст.

Инчунин, бо мақсади ташкил ва гузаронидани курсҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани сатҳи касбият, малакаи соҳибкорон, хусусан соҳибкорони ҷавон ва сифати омода гардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва накшаҳои тиҷоратӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои шарикони рушд, дар маркази ноҳия Маркази омӯзишӣ ташкил карда шуда, ки бо бино, мизу курсиҳо ва таҷҳизоту технологияи компютерӣ таъмин гардониданида шуда, фаъолият дорад.

Дар ноҳияи Тоҷикобод бо мақсади баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодии соҳибкорон, расонидани кӯмак барои таҳияи лойҳаҳои тиҷоратӣ ва дарёфти роҳҳои татбиқи онҳо ба хусус ба субектҳои соҳибкории навтаъсис ва ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ, дар назди Ташкилоти Ҷамъиятии Байналмилалии “сурхоб” дар ноҳияи Тоҷикобод

марказҳои хизмаирасоние, ки дар як вақт вазифаи маркази таълимии соҳибкоронро иҷро мекунанд, ба нақша гирифта шуда, амалӣ гардида истодааст.

Инчунин дар назди ин ташкилот “Бизнес инкубатсия” барои соҳибкорони ҷавон кушода шудааст.

Дар панҷ ҷамоатҳои деҳоти ноҳия оиди ҳукук, уҳдадориҳо ва вазифаҳои соҳибкорон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ машғулиятҳои омӯзишӣ ба нақша гирифта шудааст, ки дар Ҷамоати деҳоти Қалъаи Лаби об ва Ҷамоати Ширинчашмаи ноҳия ба 75 нафар соҳибкори ҷавон омӯзиш гузаронида шудааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Роғун, Шаҳринав, Рашт, Варзоб, Нуробод, Тоҷикобод ва Файзобод бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши соҳибкорон, баланд бардоштани сатҳи касбият, малакаи соҳибкорӣ, инчунин сифати омода намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ корҳои муайянеро ба анҷом расонида, барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ замина гузошта истодааст.

Бо мақсади муайян намудани мушкилоту монеаҳои рушди соҳибкорӣ оид ба дастовардҳо ва камбудиҳои соҳа ҷиҳати дастгирии соҳибкорон ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар шаҳру ноҳияҳо Шӯрои дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ фаъолият менамояд. Шӯро дар ҳамкорӣ ба соҳибкорони ҳудуди шаҳру ноҳияҳо вобаста ба ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта корбарӣ менамояд

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони маҳаллӣ, лоиҳаҳои сармоягузории грантӣ таҳия намуда, ба «Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016-2020» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2016, №381 қабул гардидааст, ирсол намудааст (ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳо нисбатинимсолаи аввал аввал соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст).

Вобаста ба банди мазкур дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи ноҳияҳои Рӯдакӣ маълумот омода карда нашудааст.

### 4.4. Ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти лоиҳаҳои пешниҳодгардида ва мавриди амал қарор додашуда,

Дар ноҳия Шаҳринав соҳибкорони барои таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба мушкилотҳо дучор мегарданд. Барои осон намудани мушкилотҳои мавҷуда, Шӯрои машваратии назди раиси ноҳия оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ семинарҳои омӯзиширо бо иштироки намояндагони муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳибкорон ташкил намудани нақшаҳои тиҷоратро меомӯзонанд. Рушди ҳунарҳои мардумӣ метавонад дар беҳтар намудани вазъи соҳибкорӣ дар ноҳия нақши муҳим бозад.

Аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия тамоми чораҳоро ҷиҳати саривақтии мушкилиҳои ҳалталаби корхонаҳои

саноатӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкорӣ, ташкили ҷойҳои кории нав ва фаъол гардонидани сармоягузории хусусӣ ва бартараф намудани монеаҳое, ки рушди соҳа мегардад, амали намуда истодааст.

Дар ноҳияи Файзобод дар давоми соли ҷорӣ 2 адад лоиҳа аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ ба маблағи 600 ҳазор сомонӣ омода гардида, ба Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкорӣ"-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниход карда шудааст, ки айни замон дастгири ёфта истодааст (нисбати нимсолаи соли ҷоорӣ бетағйир боқӣ мондааст).

Дар ноҳияи Тоҷикобод дар заминаи нақшаи чорабиниҳо ва ҳадафҳои барномавии ноҳия ҳамкорӣ бо Муасиссаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкорӣ"-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи лоиҳаҳо дуруст ба роҳ монда шудааст. Аз тарафи соҳибкорони ноҳия барои гирифтани қарз аз Муасиссаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкорӣ"-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳо омода гардида, пешниҳод гардида истодаанд. Қаблан ба ду нафар соҳибкори истеҳсолӣ маблағҳои қарзӣ ҷудо гардидааст (нисбати нимсолаи соли ҷоорӣ бетағйир боқӣ мондааст).

Бояд қайд намуд, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун икдом дорад, ҳамкориро бо муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хубтар ба роҳ монда, дар давоми соли 2020 амалӣ намудани якчанд лоиҳа, аз ҷумла лоиҳаҳои фароҳам овардани инфрасохтори мусоид барои рушди соҳаи сайёҳӣ, ташкили минтақаҳои сайёҳӣ, эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ ва ба истифодадодани марказҳои савдову хизматрасонӣ дар назар дошта шудааст.

Бояд зикр намуд, ки дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун дар асоси қарори раиси шаҳр аз 24 апрели соли 2018, №72 «Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ» таъсис дода шудааст (нисбати нимсолаи соли ҷоорӣ бетағйир боқӣ мондааст).

Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб Шӯрои машваратии назди раиси ноҳия оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди раиси ноҳия таъсис додашуда, амал менамояд.

Дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони маҳаллӣ, лоиҳаҳои сармоягузории грантӣ таҳия намуда, ба Вазорату идораҳои дахлдор ирсол намуда, барои мукаммалии лоиҳаҳо ба мутахассисони соҳа пешниҳод гашта, баъд аз таҳлил ба фонди мазкур пешниҳод карда мешавад.

### 4.5. Дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ

Дар 9 моҳи соли 2020, нишондиҳандаи баланди дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор +22 млн. сомонӣ (153 млн сомонӣ ҳамагӣ қарзи дода шуда), Ваҳдат +5,3 млн. сомонӣ (131 млн. сомонӣ), Рашт +3,5 млн. сомонӣ (9,2 млн. сомонӣ), Варзоб +3,8 млн. сомонӣ (5,9 млн. сомонӣ), Нуробод +2,6 млн. сомонӣ (6,1 млн сомонӣ), Лахш +2,1 млн. сомонӣ (5,3 млн. сомонӣ), Тоҷикобод +1,9 млн. сомонӣ (3,6 млн. сомонӣ), Сангвор +1,3 млн. сомонӣ (2,2 млн. сомонӣ) ва Роғун +1 млн. сомонӣ (1,7 млн. сомонӣ) таъмин гардида, мавҷуд будани

соҳаҳои ҷолиби соҳибкорӣ, зиёд будани марказҳои хизматрасонии бонкиро нишон медиҳанд.

Дар шаҳри Турсунзода нисбати соли гузашта -8 млн. сомонӣ (155,1 млн сомонӣ) ва ноҳияи Файзобод -1 млн. сомонӣ (6,2 млн. сомонӣ) кам гашта дар фароҳам овардани шароит барои соҳибкорӣ андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Шумораи шаҳрвандоне, ки бо қарзи бонкӣ дастрас шудаанд, дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода 13776 нафар қарз гирифтаанд, ки аз ин 2953 нафарро занҳо ташкил медиҳанд, Ваҳдат 12569 нафар (552 зан), Ҳисор 12250 нафар, Файзобод 3710 нафар (298 зан), Шаҳринав 1832 нафар (793 зан), Варзоб 623 нафар (249 зан), Лахш 570 нафар (90 зан), Нуробод 562 нафар (16 зан), Тоҷикобод 331 нафар (33 зан), Сангвор 258 нафар (31 зан), Рашт 244 нафар (36 зан) ва Роғун 71 нафар (12 зан)-ро ташкил медиҳад, ки ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои соҳибкорон дар дастрасии қарзҳои бонкӣ ташвиқоти пешниҳоди қарзҳо пурзӯр карда шавад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ барои амалишавии ваколатҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ”, баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорӣ, мусоидат намуда, омӯзиши мушкилоти онҳо ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкориро тақвият бахшанд.

Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки ҷиҳати ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва фароҳам овардани дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ, паст намудани фоизи маблағи қарзҳои бонкии ҷудогардида ва дароз намудани муҳлати онҳо, чораҷӯӣ намояд.

## 5. Рушди соҳаи саноат
## (бандҳои 2 ва 4-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи саноат бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, 5.2. Амалигардонии занҷири “ашёи хом- истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ” бозори фуруш бо мақсади рушди соҳаи саноат, 5.3. Ҷалби сармояи мустақим, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, 5.4. Баланд бардоштани диверсификатсии саноати коркарди концентрати маъдан 5.5. Дарачаи коркари маҳсулоти кишоварзӣ 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ арзёбӣ гардидаанд.**

### 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ

Дар 9 моҳи соли 2020 нишондиҳандаҳои баланди суръати афзоиш маҷмуи маҳсулоти саноатӣ дар шаҳри Роғун 133% таъмин карда шуда, (маблағи умумии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот 245 млн. сомониро ташкил дода) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи +61,2 млн. сомонӣ

зиёд мебошад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 124,7 % (668,7 млн. сомонӣ) +132 млн. сомонӣ, Ҳисор 113,1% (170 млн. сомонӣ) +19,6 млн. сомонӣ, Варзоб 110% (51,2 млн. сомонӣ) +4,8 млн. сомонӣ, Лахш 108,7% (7,3 млн. сомонӣ) +500,8 ҳазор сомонӣ, Файзобод 107,4% (27,9 млн. сомонӣ) +2,4 млн. сомонӣ, Рӯдакӣ 103,5% (293,8 млн. сомонӣ) +9,9 млн. сомонӣ, Рашт 102,3% (32 млн. сомонӣ) +1млн. сомонӣ ва Нуробод 100% (3,6 млн. сомонӣ) +20 ҳазор сомонӣ таъмин карда шудааст, ки дар инкишофи рушди устувории саноати ҷумҳурӣ дар шакли индустриалӣ-аграрӣ замина гузошта истодааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Тоҷикобод 94,7% (3,1 млн. сомонӣ) -200 ҳазор сомонӣ, Шаҳринав 92,3% (22,1 млн. сомонӣ) -1800 ҳазор. сомонӣ, ваТурсунзода 90,2% (561,5 млн. сомонӣ) -61 млн сомонӣ кам гардидааст, ки барои бартараф намудани ҳолати бамиёномада бояд чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Дар нимсолаи аввали соли 2020, таносуби ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатӣ нисбат ба ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳрҳои Роғун 410,2%, Ваҳдат 125,8%, Турсунзода 111,8%, бартарӣ дошта, барои таъмини нишондиҳандаи рушди саноат замина гузошта истодааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб 82%, Рӯдакӣ 61,5%, Ҳисор 30,8%, Файзобод 15%, Рашт 11,5%, Шаҳринав 6,6%, Лахш 5,9%, Нуробод 2,8% ва Тоҷикобод 2,7%-ро ташкил намудааст, ки барои таъмини нишондиҳандаи рушди саноат нокифоя буда пешбинӣ намудани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

### 5.2. Амалигардонии занҷири “ашёи хом- истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ” бозори фуруш бо мақсади рушди соҳаи саноат.

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №503 “Дар бораи Барномаи воридотивазкунанда” дар ноҳияи Варзоб, истеҳсоли маҳсулотҳои варидотивазкунанда аз ҷумла, хишт, семент ва ангишт ба роҳ монда шудааст (нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бетағйир боқӣ мондааст).

Дар шаҳри Ваҳдат бо мақсади амалӣ намудани барномаи рушди соҳаи саноат ва афзоиш додани коркарди ашёи хом то дараҷаи маҳсулоти ниҳоӣ тайи се- чор соли охир корхонаи металлҳои ранга (тилло), якчанд корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (консерва, маҳсулотҳои ширӣ, пуст) ва корхонаҳои истеҳсоли маводҳои сохтмонӣ (семент, хишт, қуму шағал) ба истифода дода шудаанд. (нисбати се моҳаи соли ҷори бетағйир боқи мондааст)

Бо мақсади ноил шудан ба нишондиҳандаҳои дурнамои рушди содирот ва воридотивазкунанда ва баланд бардоштани қобилияти рақобатнокии маҳсулот, ба кор андохтани иқтидорҳои нави рақобатпазиру воридотивазкунанда тавассути ҷалби сармоягузориҳо, дар доираи татбиқи нақшаи чорабиниҳои “Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” дар шаҳри Ҳисор дар ин давра аз ҳисоби соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолият дошта, 9 миллиону 786,3 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби корхонаи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ (вафлӣ) ҶДММ

“Нарзи ва Ко” -57,7 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби корхонаи истеҳсоли равғани растани ҶДММ “Оиша-2017” – 4,6 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби корхонаи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ ҶДММ “Ширинињои Шарора” 45,6 ҳазор сомонӣ кам гардидааст. Корхонаи истеҳсоли равғани растани ҶДММ “Оиша-2017” бо 4 нафар коргар фаъолият дошта, дар ин давра ба миқдори 4,4 тонна ё ин, ки ба маблағи 136,5 ҳазор сомонӣ равғани растанӣ истеҳсол намудааст, ки ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта 6,2 тонна ё ин, ки ба маблағи 4,6 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

Дар ноҳияи Файзобод номгӯи маҳсулоти воридот ивазкунандаи ва ба содирот нигаронидашуда, аз ҷумла моҳӣ, гӯшти мурғ, тухм, картошка, обҳои ташнашикан, афшурдаи мева, равғани растанӣ, маҳсулоти коркарди ғалла, гӯшт, маҳсулоти ширӣ, маҳсулоти қанодӣ, духти либоси мактабӣ, маҳсулоти сохтмонӣ ба монанди дару тирезаҳои пластикӣ ва бомпуши тунукагӣ ва ғайра истеҳсол карда мешаванд, аммо бинобар сабаби истеҳсоли ками ин маҳсулотҳо ва нокифоя будани маҳсулотҳои мазкур барои таъмини талаботи бозори дохилии ноҳия, имконияти содироти молу маҳсулотро ба бозорҳои истеъмолии кишвар ва бозорҳои минтақавию ҷаҳонро надоранд (нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст).

Дар ноҳияи Нуробод барои таъмини муқаррароти Протоколи ҷаласа аз 17 апрели соли 2018, №2к/25-22 дар ноҳия вобаста ба масъалаи Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 корҳои муайяне ба анҷом расонида шудааст.

Дар ноҳияи номгӯи маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, аз ҷумла моҳӣ, гӯшти мурғ, тухм, картошка, гӯшт, маҳсулоти ширӣ, маҳсулоти нонӣ, дӯхти либоси мактабӣ, маҳсулоти сохтмонӣ ба монанди дару тирезаҳои пластикӣ, бомпӯши тунукагӣ ва ғайра истеҳсол карда мешаванд (нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бетағйир боқӣ мондааст).

Дар ноҳияи Тоҷикобод ҷиҳати саривақт ва бо сифат иҷро намудани тадбирҳои нақшаи амалӣ намудани Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунанда тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, тақвияти рушди содирот роҳандозӣ шуда истодааст. Бо ин мақсад то имрӯз сехҳои хурди банду басти меваю сабзавот, сехи мевахушконӣ, сехи қаннодӣ, гармхона барои нигоҳдории маҳсулотҳои кишоварзӣ ва сехи тунукабарорӣ ба фаъолият оғоз намудаанд (нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бетағйир боқи мондааст).

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Тусунзода , Роғун, Рашт, Лахш, Сангвор ва Рӯдакӣ маълумот оид ба банди мазкур дарҷ нагардидааст.

### 5.3. Ҷалби сармояи мустақим, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ (банди 12 паём)

Дар нуҳ моҳи соли 2020, дар шаҳри Ҳисор бо ҷалби соҳибкорон 3 адад корхонаи истеҳсол ва коркарди гӯшти паранда ҶДММ “Мурғи Сабо”, ҶДММ “Чӯҷаи Ҳисор” ва ҶДММ “Мақсад-2020” бо таъсиси 15 ҷойи корӣ, коргоҳи коркарди маҳсулоти ширӣ бо иқтидори коркарди 900 ҳазор тонна шир бо таъсиси 65 ҷойи корӣ, корхонаи басту банди ҷуворимакка аз ҷониби ҶДММ

“Ситаб Агро” бо иқтидори коркарди 500 тонна дар як сол ва таъсиси беш аз 30 ҷойи корӣ, корхонаи коркарди санг бо номи “Чилтан” бо таъсиси 30 ҷойи корӣ, коргоҳи истеьсоли оби нӯшокӣ дар назди ҶДММ “Муҷда ЛТД-2016” бо таъсиси 8 ҷойи корӣ ва навбати якуми корхонаи истеҳсоли қоғаз ва маҳсулоти қоғазин ҶДММ “Коғази Шарора” бо таъсиси 40 ҷойи корӣ, корхонаи коркарди шифер ҶДММ “Анас Одина” бо таъсиси 15 ҷойи корӣ сохта ба истифода дода шудаст.

Мутобиқи маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод вобаста ба амалисозии барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти ҷалби сармояи мустақим ва маблағҳои грантӣ дар давоми соли ҷорӣ ба маблағи 2197,6 ҳазор сомонӣ 8 адад лоиҳаҳо амалӣ гардида истодааст. Аз ҷумла, дар бобати сохта ба истифода додани корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ дар ноҳия дар соли 2020 ба истифода додани корхонаи коркарди қуму шағал ва корхонаи истеҳсоли хишти сохтмонӣ ба нақша гирифта шуда, айни замон зиёда аз 90 % корҳои сохтмонии онҳо ба анҷом расонида шудааст. Дар давоми соли ҷорӣ тибқи маълумоти оморӣ ноҳия 575 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода бо ҷалби сармояи дохилӣ сохтмони 8 корхона ва коргоҳҳои саноатӣ барои солҳои 2020-2025 ба нақша гирифта шудааст, аз ҷумла:

- 2 коргоҳи коркарди ангур ва истеҳсоли мавиз;
- коргоҳи истеҳсоли қуттиҳои пластикӣ;
- коргоҳи истеҳсоли гӯшти мурғ аз ҷониби ҶДММ «Акобир - 2015»;
- коргоҳи истеҳсоли қуму шағал ва хишти сементӣ аз ҷониби ҶДММ “Шамс”;
- корхонаи истеҳсоли семент, гаҷ, оҳак ва сементи ранга аз ҷониби ҶДММ «Утаган-КА”;
- корхонаи истеҳсоли профилҳои алюминӣ аз ҷониби ҶДММ «Алюминпроф»;
- корхонаи коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ ва васеъ намудани фаъолияти корхона аз ҷониби ҶДММ «Сардор 2008».(нисбати се моҳаи соли ҷори бетағйир боқи мондааст).

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Роғун 5 корхонаҳои саноатӣ истеҳсолии хурду миёна дар фаъолиятро оғознамуда ва ягон корхона аз фаъолият бозмонда ба қайд гирифта нашудааст (нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бетағйир боқӣ мондааст).

Мутобиқи маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат, ҷиҳати бунёди корхонаҳои хурду миёна дар самти коркард ва банду басти меваю сабзавот, ки ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва истеҳсоли молу маҳсулоти аълосифат мусоидат менамояд, бо соҳибкорони маҳаллию хориҷӣ корбарӣ рафта истодааст (нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бетағйир боқӣ мондааст).

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт бо назардошти имконияту захираҳои мавҷудбудаи маҳсулоти аввалия, бо ҷалби маблағҳои соҳибкорон ва сармояи хориҷӣ дар давоми солҳои 2019-2021 бунёди

12 адад коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, ташкил ва ба кор оғоз намудани коргоҳи мебелбарорӣ, корхонаҳои истеҳсоли хишти пухта, масолеҳи сохтмонӣ (қуму шағал), истеҳсоли макарон, хуроки чорво, корхонаи дӯзандагӣ ва коргоҳҳои коркарди пашм, коркарди мева, истеҳсоли обҳои ташнашикан ва маҳсулотҳои қаннодӣ нақшабандӣ шуда, коргоҳҳои мебелбарорӣ, истеҳсоли обҳои ташнашикан ва маҳсулотҳои қаннодӣ ва корхонаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба фаъолият оғоз намуданд. Корҳои бақайдгирӣ ва барасмиятдарории фаъолият дар корхонаҳои истеҳсоли хишт ва дӯзандагӣ дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд (нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бетағйир боқӣ мондааст).

Корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Роғун, Турсунзода Файзобод ва Рашт, ба рушди соҳаи саноат мусоидат намуда, ташкили ҷойҳои нави корӣ, зиёд гардидани пардохтҳо ба буҷет ва боздоштани хориҷшавии асъор аз ҷумҳурӣ мусоидат намудааст.

Дар маълумотҳои пешниҳоднамудаи ноҳияҳои Рӯдакӣ Сангвор, Тоҷикобод, Лахш, Варзоб Нуробод ва Шаҳринав вобаста ба банди мазкур маълумот огмода нагардидааст, ки аз бе масъулиятии шахси масъул дарак медиҳад.

**5.4. Рафти сохтмони корхонаҳои коркарди консентрати маъдан ва таъмини коркарди консентрати маъдан дар шаҳру ноҳияҳои дахлдор.**

Дар ноҳияи Варзоб корхонаҳои саноатии истеҳсоли маъдан ҶСК корхонаи бойгардонии Такоб ва ҶДММ “Толко Флюорит” фаъолият менамоянд, ки иқтидори истеҳсоли онҳо дар давраи ҳисоботӣ 10700 тонна мерасад, ки нисбати ҳамин давраи соли 2019, 8344 тонна кам гардидааст.

Дар ҳисоботҳои дастрасшуда аз шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Роғун, Ваҳдат, Ҳисор, Рӯдакӣ, Файзобод, Нуробод, Тоҷикобод, Сангвор, Лахш, Шаҳринав ва Рашт оид ба ин масъала маълумот омода карда нашудааст.

**5.5. Ба коркард фаро гирифтани ашёи хоми маҳаллӣ ҷиҳати нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкили коргоҳҳои хурди коркарди меваю сабзавот дар ноҳияҳои дурдаст**

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия Тоҷикобод, ду корхонаи коркарди меваю сабзавот ва сехи мевахушконӣ фаъолият намуда истодаанд. Бобати бунёди чунин корхонаҳо аз ҷониби бахши сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии мақомоти иҷроия лоиҳаҳои бунёди чунин корхонаҳои ба ноҳия мусоид омода гардида, барои дарёфти сармоягузорони дохилию хориҷӣ ба ниҳодҳои марбутта пешниҳод гардидааст (нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бетағйир боқӣ мондааст).

Аз ҷониби макомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт дар доираи Накшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт оиди омодагӣ ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони корхонаҳои коркорди маҳсулотҳои ширӣ ва меваю сабзавот ба нақша гирифта шудааст. Инчунин, дар ҳамкорӣ бо шарикони

рушд барои ба роҳ мондани кор дар самти коркарди пашм ва хушк кардани мева таҷҳизотҳои лозимӣ ворид карда шудаанд (нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бетағйир боқӣ мондааст).

Дар ноҳияи Шаҳринав 1 корхонаи ҶДММ “Сафо 2015” фаъолият менамояд, ки дар ин давра 28,1 тонна маҳсулоти ширӣ истеҳсол намудааст.

Дар шаҳри Ҳисор 1 корхонаи коркади шир ҶСК “Авитсенна милк”, ки иҷтидори солонааш 900 тонна дар 1 сол ва 3 корхонаи парандапарварӣ сохта ба истифода дода шудааст, ки дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 162,3 тонна гушти мурғ истеҳсол намудааст.

Дар ҳамкорӣ бо шарикони Рушд ва соҳибкорон дар ноҳияи Лахш барои ташкили корхонаҳои коркарди шир, коркарди пашм, мевахушконӣ ва банду басти асал таҷҳизотҳои истеҳсолӣ ворид карда шуда, дар самти насбу ҷобаҷогузории онҳо корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст. (нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бетағйир боқӣ мондааст).

Ҷиҳати фаро гирифтани ашёи хоми маҳаллӣ ва афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳияи Файзобод корхонаҳои хурди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба монанди ҶДММ “Маҳсулоти табиӣ”-истеҳсоли афшурдаи меваю сабзавот, ҶДММ “Мусаффо”-истеҳсоли обҳои ранга, ҶДММ “Гулоб”- истеҳсоли консерваи меваю сабзавот ба роҳ монда шудааст (нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бетағйир боқи мондааст).

Дар ҳисоботҳои дастрасшуда аз шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Файзобод, Сангвор, Лахш, Ваҳдат ва Роғун оид ба ин масъала маълумот пешниҳод карда нашудааст.

### 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сеххои духти либосҳои мактабӣ

Тибқи маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода аз ҷониби соҳибкорон коргоҳи хурди қолинбофии дастӣ ташкил карда шудааст, ки дар он 12 дастгоҳи хурди қолинбофӣ мавҷуд буда, зиёда аз 20 нафар бонувон касб меомӯзанд .

Дар шаҳри Турсунзода 35 коргоҳҳои дӯзандагӣ фаъолият дошта, дар онҳо 202 нафар занону духтарон бо шуғли доимӣ ҷалб гардидаанд (нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст).

Бояд қайд намуд, ки дар самти коркарди атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои истеҳсоли либоси мактабӣ дар ноҳияи Файзобод корхонаҳои хурди саноатӣ ба монанди ҶДММ “Шоҳком” ва филиали ҶДММ “Спитамен-текстайл” фаъолият менамоянд, ки самти фаъолияташон ба духти либоси мактабӣ равона гардида, айни замон аз ҷониби корхонаҳои мазкур 9540 дона либоси мактабӣ истеҳсол карда шудааст.

Дар шаҳри Ваҳдат дар давраи ҳисоботӣ барои ташкили як коргоҳи дастии қолинбофӣ фаъолият намуда, занону духтарони хонашинро ба курсҳои кутоҳмуддат фаро гирифта, дар ин самт 40 занони хонашин соҳиби сертификат бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин карда мешаванд. (нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бетағйир боқи мондааст).

Дар ноҳияи Варзоб 2 адад соҳибкори инфиродӣ “Ясмина-2011” ва “Сеахтарон” барои дӯхти сару либоси ягонаи мактабӣ ба қайд гирифта шудааст. Илова бар ин коргоҳҳои мазкур дӯхти ниқобҳои тиббиро ба роҳ мондаанд (нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бетағйир боқи мондааст).

Мутобиқи маълумотҳои пешниҳодгардидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун, ҷараёни таъсиси сеххои дӯзандагӣ ва бо либосҳои мактабии истеҳсоли коргоҳҳои маҳаллӣ, бо мақсади дар соли таҳсили 2020-2021 таъмин намудани 5280 нафар хонандагони муассисаҳои таълимӣ (54% шумораи умумии хонандагон) бо либоси ягонаи мактабӣ бо ХДММ «Фариза и КОМ» ба миқдори 5280 ҷуфт либос шартнома баста шуда, ки айни замон 1500 ҷуфт либос дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида шудааст. Аз тарафи соҳибкорони шаҳр 8 адад дастгоҳҳои атласу адрасбофӣ харидори карда шудааст (нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бетағйир боқӣ мондааст).

Айни ҳол дар маркази ҷавонони ноҳия Шаҳринав 3 адад дӯконҳои қолинбофӣ фаъолият менамояд. Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ курсҳои кӯтоҳмуддатӣ омӯзишӣ ба роҳ монда зиёда аз 27 нафар духтарони бешуғлро ҷалб намуда, ба онҳо бофтани қолинчаҳо барои курсомӯзонида шуд. Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия 7 адад дӯкони адрасбофӣ ба ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия барои омӯзонидани занони хананишин тақдим карда шуд. Айни ҳол дар ҳудуди ноҳия зиёда аз18 нафар занону духтарон дар хона бо ҳунари қолинбофӣ ва адрасбофӣ машғул мебошанд.

Дар ҳудуди ноҳия аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ 10 сеххои дӯзандагӣ таъсис дода шуда дар он 75 нафар занону духтарон фаро гирифта шудаанд. Аз ҷониби соҳибкорон Искандарова Машҳура ва Ғафуров Бахтиёр сехи дӯзандагии сару либоси мактабӣ таъсис дода шуда дар он 38-нафар занону духтарон фаъолият доранд. Корхонаи мазкур дар соли хониши 2020 тибқи шартномаи шуъбаи маорифи ноҳия 4851 адад либоси мактабӣ истеҳсол намуда ба фурӯш гузошт. Бинобар сабаби кам будани ҳаҷми истеҳсол дар корхонаи хурди дӯзандагӣ муассисаҳои таълимии ноҳия барои таъмин намудани нақшаи додашудаи сару либоси мактабӣ аз ҷониби дигар ширкатҳои ватанӣ 6780 адад харидорӣ намуданд. Таъмини сару либоси мактабӣ 11631 ададро ташкил медиҳад, ки ин 81 %-и нақшаро ташкил медиҳад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт баҳри ривоҷ бахшидани қолинбофии дастӣ, тавассути филиали маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон дар ноҳия мутахассисон аз вилояти Суғд даъват шуда, дар заминаи Литсейи касбӣ-техникии ноҳия ба занону бонувон нозукиҳои ин касбро омӯзонданд. Айни ҳол дар ин коргоҳ 23 нафар бонувон ба бофтани қолинҳои дастӣ машғул мебошанд.

Инчунин қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи коргоҳҳои дӯзандагии ноҳия ва ширкатҳои тиҷоратии ҷумҳуриявӣ дар соли таҳсили 2020-2021 ба муассисаҳои таълимии ноҳия 15859 ҷуфт либосҳои ягонаи мактабӣ дастрас карда шуд, ки аз ин 8349 ҷуфташро либосҳои духтарона ва 7510 ҷуфташро либосҳои писарона ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар ноҳияи Лахш коргоҳи дузандагии “Сумая” аз соли 2017 инҷониб фаъолият дорад. Аз аввали соли 2020 аз тарафи коргоҳи

дузандагии мазкур то 1 апрели соли 2020, 6331 адад либосҳои мактабӣ барои хонандагон бо муассисаҳои таълимии ноҳия шартнома баста шуда, дар давраи ҳисоботӣ коргоҳи мазкур 1531 адад либоси бачагона ва 1842 адад либоси духтарона дӯхта шудааст, ки 53,2 фоизи нақшаи пешбинигардидаро дар бар мегирад (нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бетағйир боқӣ мондааст).

Дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор ва ноҳияҳои Рӯдакӣ, Тоҷикобод, Сангвор ва Нуробод маълумот пешниҳод нагардиданд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои нави банақшагирифта ва ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда дар шаҳри Ваҳдат 29 адад ва ноҳияи Файзобод 4 адад чораҳои зарурӣ андешанд.

## 6. Маълумот оид ба рушди энергетика

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи энергетика бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 6.1. Бунёди иқтидорҳо ва шабакаҳои нави барқӣ, таҷдиду барқарорсозии шабакаҳои мавҷуда, аз ҷумла ҳолати истифодаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ 6.2. Рафти пардохти маблағи ҳаққи қувваи барқ ва мавҷудияти бақияи қарзи истифодаи қувваи барқ, 6.3. Ҷорӣ намудани низоми муосири назорату баҳисобгирӣ (ҳисобкунакҳои электронӣ) ва коҳиш додани талафоти нерӯи барқ ва истифодаи технологияи каммасраф**

### 6.1. Бунёди иқтидорҳо ва шабакаҳои нави барқӣ, таҷдиду барқарорсозии шабакаҳои мавҷуда, аз ҷумла ҳолати истифодаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ

Шумораи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ дар шаҳри Ваҳдат 55 ададро ташкил медиҳад ва дар ин давра аз ҳисоби онҳо 1350 ҳазор кВт/соат нерӯи барқ истеҳсол карда шудааст.

Дар ноҳия Лахш 2 нерӯгоҳи хурди барқӣ-«Питовкул-1» ва «Питовкул-2» истифода мегарданд. Дар нуҳ моҳи соли 2020 неругоҳҳои мазкур ба миқдори 913,9 ҳазор кВт соат нерӯи барқ истеҳсол намудаанд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 266,3 ҳазор кВт соат зиёд мебошад.

Дар ҳудуди ноҳияи Рашт 2 адад неругоҳҳои барқи обӣ мавҷуд буда, дар ҳолати хуби корӣ мебошанд ва дар давоми нӯҳмоҳи соли ҷорӣ дар ҳаҷми 1316 ҳазор кВт/с неруи барқ истеҳсол намудаанд (нисбати нимсолаи аввал соли ҷори беғйир боқӣ мондааст).

Дар шаҳри Турсунзода баҳри аз худ намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва сохтмони нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ, дар соли 2011, дар шаҳр НБО-и хурди “Ширкент-2” бо иқтидори 576 кВт аз ҷониби ҶДММ “Фобос”, соли 2012 НБО-и хурди “Меҳнат” бо иқтидори 15 кВт аз

ҷониби соҳибкори маҳаллӣ ва соли 2012 НБО –и хурди “Қунғир” бо иқтидори 10 кВт аз ҷониби аҳолӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шуда, айни замон як НБО-и хурд дар шаҳр бо иқтидори умумиашон 576 кВт фаъолият менамояд (нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст).

Шумораи нерӯгоҳҳои обихурди барқие, ки дар шаҳру ноҳияҳои болозикр фаъолият менамоянд, барои зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар шаҳри Ҳисор 3 адад ва ноҳияҳои Нуробод 12 адад, Тоҷикобод 7 адад, Варзоб 6 адад ва Шаҳринав 2 адад нерӯгоҳҳои хурди барқӣ аз фаъолият боз монда, ба назар расида, барои дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани он тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда шавад.

Дар шаҳри Ҳисор дар ин давра аз ҷониби шабакаи барқ дар 28 киллометр хатҳои ҳавоии деҳаҳои Тутака, Гачак, Нилӯ, Хоҷачилдиёр, Туда, Ҷавонон корҳои таъмирӣ гузаронида шуда, 52 адад истгоҳи трансформаторӣ аз назар гузаронида шуда, дар 610 адад корҳои таъмирию профилактикӣ гузаронида шуд. Бо мақсади кам намудани сербори дар ин давра 4 адад трансформатор иваз ва насб карда шудааст.

### 6.2. Рафти пардохти маблағи ҳаққи қувваи барқ ва мавҷудияти бақияи қарзи истифодаи қувваи барқ

Дар давраи ҳисоботӣ зиёдшавии маблағи қарзи истифодаи қувваи барқ нисбат ба нимсолаи аввали соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор +4,6 млн. сомонӣ (97,8 млн. сомонӣ) Рӯдакӣ +4,4 млн сомонӣ (190,4 млн. сомонӣ) Ваҳдат +3,7 млн. сомонӣ (21,9 млн. сомонӣ), Турсунзода +2,5 млн. сомонӣ (48,7 млн. сомонӣ), Варзоб +1,7 млн. сомонӣ (4,7 млн. сомонӣ), Файзобод +1,3 млн. сомонӣ (10,9 млн. сомонӣ), Шаҳринав +469 ҳазор сомонӣ (13,4 млн. сомонӣ) Тоҷикобод +42 ҳазор сомонӣ (8,4 млн. сомонӣ) ва Нуробод +9 ҳазор сомонӣ (716 ҳазор сомонӣ) ба назар расида, самаранокии фаъолияти ШСХК “Барқи тоҷик” ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо дар ин давра таъмин карда нашудааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Рашт -179 ҳазор сомонӣ (20,1 млн.сомонӣ) ва Сангвор -121 ҳазор сомонӣ (196,8 ҳазор сомонӣ) нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ кам гардидааст.

Маблағи калони қарзи истифодаи барқ дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ҳисор, Турсунзода, Роғун, Ваҳдат, Рашт, Шаҳринав ва Лахш мавҷуд мебошад, ки андешидани чораҳои заруриро талаб менамояд.

### 6.3. Ҷорӣ намудани низоми муосири назорату баҳисобгирӣ (ҳисобкунакҳои электронӣ) ва коҳиш додани талафоти нерӯи барқ ва истифодаи технологияи каммасраф

Дар нуҳ моҳи соли 2020 ба ҳисоб гирифтани қувваи барқ аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ нисбати аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб +9559 адад (11207 адад), Рӯдакӣ +5793 адад (дар маҷмуъ 66249 адад), Нуробод +1450 адад (8155 адад), Турсунзода +1161 адад (39405 адад), Тоҷикобод +571 адад (824

адад), Лахш +180 адад (4580 адад), Рашт +152 адад (689 адад), Роғун +135 адад (4267 адад), Шаҳринав +148 адад (13783 адад) ва Ваҳдат +80 адад (16289 адад) зиёд шудааст, ки барои таъмини нишондоди рушди энергетика замина гузошта истодааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Ҳисор -17057 адад (3158 адад) ва ноҳияҳои Файзобод -2268 адад (10854 адад), Сангвор -398 адад (1250 адад) нисбати соли гузашта кам гардидааст.

Дар 9 моҳи соли 2020, нишондиҳандаи фоизи талафоти барқ дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат -2,4% (ба 01.10.2020, 15,2%-ро ташкил медиҳад), Ҳисор -1,7% (15,3%), Рӯдакӣ -1,2% (15,6 %), Нуробод -1% (12%), Тоҷикобод -0,9% (14,6), Сангвор -0,8% (16,4%) ва Турсунзода -0,2% (12,6%) нисбат ба аввали соли ҷорӣ коҳиш ёфта, барои таъмини рушди энергетика шароит фароҳам оварда, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа ба назар расида, дар ноҳияи Файзобод 14% нисбати аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав +4,6% (ба 01.10.2020, 20%-ро ташкил медиҳад), Варзоб +2,1% (17,2%), Роғун +1,9% (15,9%), Лахш +1,5% (17,8%) ва Рашт (+0,3%) (17%) талафоти барқ нисбати аввали соли ҷорӣ зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳои зарурии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа барои кам кардани талафоти барқ талаб мекунад.

Нишондиҳандаи баланди талафоти барқ дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав 20,6%, Лахш 17,8%, Варзоб 17,2%, Рашт 17%, Сангвор 16,4%, Роғун 15,9%, Рӯдакӣ 15,6%, Ҳисор 15,3% ва Ваҳдат (15,2%) ба назар мерасад, ки баланд бардоштани самаранокии фаъолиятро талаб менамояд

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо Вазорати энергетика ва захираҳои об, ШСХК "Барқи Тоҷик", ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, боздошти тамоюли зиёдшавӣ ва кам намудани қарзҳои истифодаи нерӯи барқ, чораҳои мушаххас андешида, корҳоро дар ин самт ҷоннок намоянд.

Новобаста аз тадбирҳои андешидашуда, вазъияти мавҷуда идома додани корҳоро ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, боздошти тамоюли зиёдшавӣ ва кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ, ҳалли масъалаҳои таъминоти қувваи барқ ба маҳаллаҳои навбунёди шаҳру ноҳияҳо, тақозо менамояд.

## 7.Ҳифзи амнияти озуқаворӣ (банди 5 паём)

**Нишондоди пешакии ҳифзи амнияти озуқаворӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 7.1.(7.12) Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, 7.2. (7.2, 7.9) Истифодаи оқилонаи обу замин,**

**7.3.(7.4, 7.5 7.6, 7.7, 7.8 ) Таъмини заминаи содирот ваворридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ 7.4 (7.10). Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ,**

**7.1. (7.11) Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар соҳаи растанипарварӣ ва чорвоорӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳа,хусусан истеҳсоли пахта ва баланд бардоштани ҳавасмандии хоҷагиҳои пахтакор.**

Дар 9 моҳи соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ нишондиҳандаи баланди суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав 334 ҳазору 261 сомонӣ ё 137,6%, Ваҳдат 531 млн 220 ҳазор сомонӣ ё 110,4%, Сангвор 89 млн 628 ҳазор сомонӣ ё 108,7 % ва Роғун 59 млн 727 ҳазор сомонӣ ё 106% таъмин гардида, ҳиссаи онҳо дар таъмини нишондоди ҳифзи амнияти озуқаворӣ назаррас мебошад.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Лахш 122 млн 849 ҳазор сомонӣ ё 104,7%, Тоҷикобод 114 млн 265 ҳазор сомонӣ ё 103,9%, Рӯдакӣ 477 млн 517 ҳазор сомонӣ ё 103,3%, Файзобод 185 млн 388 ҳазор сомонӣ ё 102,6%, Турсунзода 501 млн 908 ҳазор сомонӣ ё 102%, Рашт 276 млн 260 ҳазор сомонӣ ё 101,8%, Нуробод 128 млн 901 ҳазор сомонӣ ё 101,1%, Варзоб 62 млн 472 ҳазор сомонӣ ё 100,7% ва Ҳисор 551 млн 204 ҳазор сомонӣ ё 100,3%, ташкил додааст.

**7.2. (7.2, 7.9) Истифодаи оқилонаи обу замин.**

Дар 9 моҳи соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати истифодаи оқилонаи замин, ворид намудани заминҳои бекорхобида ба ҳисоби заминҳои корам ва азхудкунии заминҳои нав чораҳои судманд роҳандозӣ гардида, як қатор корҳои мушаххас ба анҷом расонида шуданд.

Дар шаҳру ноҳияҳои Файзобод 8 га, Роғун 0,55 га заминҳои бекорхобида азхуд карда шуда, дар заминҳои талу теппаҳо ва доманакуҳҳо дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор +73,6 га (215 га), Роғун +8,7 га(37,4 га), Шаҳринав +12 га (18 га), Ваҳдат +4 га (27 га), Рашт +3 га (73 га), ва Тоҷикобод +1 га (22 га) нисбати ҳамин давраи соли гузашта боғот зиёд бунёд гардида, дар шаҳру ноҳияҳои Файзобод 169 га, Лахш 57 га, Турсунзода 30 га, Варзоб 20 га ва Рӯдакӣ 14,5 га, боғот бунёд гардидааст, ки барои баланд бардоштани маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ замина гузошта шудааст.

Вобаста ба масъалаи мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Нуробод ва Сангвор маълумот пешниҳод карда нашудааст.

**7.9. Истифодаи самараноку сарфакоронаи об барои обёрии заминҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи захираи об.**

Дар ноҳияи Рашт заминҳои корам 4659 гектарро ташкил намуда, аз он 3339 гектар заминҳои обӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки заминҳои обёришаванда

2216 гектарро ташкил намуда, аз ин 1001 гектар аз ҳисоби наҳрҳо, 313 гектар аз ҳисоби пойгаҳҳои обкашӣ ва 902 гектар аз ҳисоби обҳои худҷорӣ обёрӣ карда мешаванд.

Дар ноҳияи Лахш бо ҷалби саҳми аҳолӣ ҷиҳати таъмиру барқарорсозӣ ва ба мавсими соли оянда омода намудани иншооти обрасонӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд барои омода намудани каналҳои Ғулама, Пиёзӣ, Чонқирғиз, Сартало ва Ҷилондӣ, ки тавассути онҳо зиёда аз 4090 гектар заминҳои корам обёрӣ карда мешаванд, чораҳои амалӣ ба роҳ монда шуда, саргаҳи канали Ғулама, ки тавассути он заминҳои ҳудуди Ҷамоатҳои деҳоти Алға, Лахш, Қашот ва қисман заминҳои Ҷамоати деҳоти Муксу обёрӣ мешаванд, ба нақша гирифта шудааст.

Дар соли ҷорӣ тоза намудани боқимондаи канали калони Ҳисор аз ҷониби Ҷумҳурии Узбекистон ба нақша гирифта шуда, айни замон зиёда аз 14 км тоза карда шуда, бино бар сабаби оғоз гардидани мавсими обёрии зироатҳои кишоварзӣ корҳо дар ин самт мувақатан ба таъхир гузошта шудааст.

Дар тавозуни Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Шаҳринав дарозии шабакаҳои обёришаванда 144 км, заҳбуру заҳкашҳо 44 км, селпартоҳо 50 км -ро ташкил дода, 3 адад пойгоҳҳои обкашӣ мавҷуд мебошанд. Дар давраи ҳисоботӣ ҳолати мелиоративии 47 га заминҳои корам беҳтар гардонида шудааст.

Дар ҳудуди ноҳияи Рӯдакӣ 23 адад пойгоҳҳои обкашӣ мавҷуд буда, дар 13 адади он таъмири ҷорӣ гузаронида шуда, барои мавсими обёрӣ соли 2020 омодаи кор мебошад. Бо ёрии дастгоҳҳои обкашии пойгоҳҳо ҳамагӣ ба 2276 гектар заминҳои обӣ обёри карда, ба онҳо зиёда аз 13 млн. 656 ҳазор метри мукааб оби полезӣ дода мешавад.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2020» аз 1 августи соли 2018, №374 дар ноҳия барои соли 2020 корҳои беҳтаркунии ҳолати мелиоративии заминҳо дар майдони 140 гектар бо арзиши 126 ҳазор сомонӣ нақшабандӣ шудааст. Дар асл аз ҳисоби ҳаққи хизмати обрасонӣ корҳои беҳтаркунии ҳолати мелиоративии заминҳо ҳамагӣ дар майдони 40 гектар бо арзиши 37 ҳазор сомонӣ иҷро карда шудааст. Иҷроиши дурнамо дар сатҳи 28,6 фоиз таъмин гаштааст.

Дар ноҳия 42 адад номгуи иншоотҳои гидротехникӣ дар мувозинаи Идораи оби ноҳия мебошад. Соли ҷорӣ аз ҳисоби маблағҳои ворид гардида, дар 11 иншоотҳои обрасонӣ ба дарозии 8250 метр ба маблағи 60687 сомонӣ корҳои барқарорсозӣ бо ҷалби техникаҳои муҳандисӣ гузаронида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Турсунзода барои тайёрӣ ба мавсими обёрикунии зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои шаҳр тоза намудани шабакаҳои обёрикунии байни хоҷагиҳо дар ҳаҷми 800 ҳазор метри мураббаъ иҷро шудааст, ки он 100 фоизро ташкил медиҳад. Тоза намудани заҳбуру заҳкашҳои байни хоҷагиҳо нақша - 25000 $м^3$ дар асл 25000 ҳазор метри мураббаъ иҷро гардидааст, ки 100% иҷрои нақшаро дарбар мегирад. Таъмири иншоотҳои гидротехникӣ нақша 10 адад иҷро 10 адад 100%, таъмири

обченкунакҳо нақша 10 адад иҷро 10 адад 100%-и иҷрои нақшаро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Ҳисор корҳо дар самти тозакунии каналҳои байни хоҷагӣ ва заҳбуру заҳкашҳо идома дошта, 4 адад техникаҳо, аз ҷумла 3 адад техникаҳои заминкан ва 1 адад булдозер ба кандани заҳбуру заҳкаш ва каналҳои байнихоҷагӣ машғул мебошанд.

Аз истифодаи оби полезӣ ва ҳаҷми қарздорӣ аз пардохти он нисбати ҳамин давраи соли 2019 дар шаҳри Турсунзода +241 ҳазор сомонӣ, (дар маҷмуъ 850,1 ҳазор сомонӣ), ва ноҳияи Рашт +3,7 ҳазор сомонӣ (16 ҳазор сомонӣ) зиёд гардидааст.

Ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳри Ҳисор -0,6 ҳазор сомонӣ (1,7 ҳазор сомонӣ) ва ноҳияҳои Файзобод -49 ҳазор сомонӣ (160 ҳазор сомонӣ) ва Лахш -10 ҳазор сомонӣ (130 ҳазор сомонӣ) кам гардидааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав дар тавозуни Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳия дарозии шабакаҳои обёришаванда 144 км, заҳбуру заҳкашҳо 44 км, селпартоҳо 50 км –ро ташкил медихад. Се адад пойгоҳҳои обкашӣ мавҷуд аст, ки ҳамасола тоза кардан ва таъмиру барқарорсозии онҳо баҳри таъмини аҳолӣ бо об зарур мебошад. Дар ин давра ҳолати мелиоративии 47 га заминҳои корам беҳтар гардонида шудааст.

Аз тарафи идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ дар давраи ҳисоботӣ ба маблағи 264 ҳазор сомонӣ наҳру заҳбурҳо аз лойю гил тоза карда шудааст.

Дар ноҳия 853 га заминҳои шартан обёришаванда мавҷуд аст, ки аз он 407 га байни хоҷагӣ ва 446 га дар дохилӣ хоҷагиҳо бо истгоҳҳои обкашӣ обёрӣ карда мешаванд.Ҷамъ дар ноҳия 483 га замин барои беҳтар гардидани ҳолати мелиоративӣ эҳтиёҷи фаврӣ дорад.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Ваҳдат, Роғун, ва ноҳияҳои Варзоб, Нуробод, Сангвор, Тоҷикобод ва Шаҳринав маълумот омода карда нашудааст.

## 7.3.( 7.3,7.4, 7.5 7.6, 7.7, 7.8 ) Таъмини заминаи содирот ва ворридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ

### 7.3 Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо мақсади амалӣ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №438 “Дар бораи Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” тадбирҳои судманд роҳандозӣ гардида, як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробо ҷиҳати иҷрои банди 40-и паём барои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, рушди соҳаи тухмипарварӣ аз тарафи масъулини Раёсати кишоварзии ноҳия микдори

зарурии тухмии картошка аз хориҷи кишвар дар нуҳмоҳаи соли ҷорӣ ворид карда шуда, ба деҳқонон дастрас гардонида шудааст.

Дар ноҳияи Тоҷикобод ду хоҷагии тухмипарварӣ: “Саринай ” ва Қалъаи лаби об фаъолият доранд. Оид ба таъмин намудани хоҷагиҳои ноҳия бо тухмии хушсифат кушиш ба харҷ дода истодаанд. Мавриди зикр аст, ки бо ташаббуси мақомоти иҷроия ба хоҷагиҳои тухмипарварии ноҳия 15 тонна тухмии хушсифати навъи элита ворид гардид, ки дар таъмин намудани тухмии хушсифат ба хоҷагиҳои кишоварзӣ мусоидат намудааст.

Дар ноҳияи Рашт хоҷагии махсуси тухмипарварӣ ва зотпарварӣ вуҷуд надошта, барои рушди минбаъдаи соҳаи тухмипарварӣ, танзими истеҳсоли тухмиҳои баландсифати зироатҳои кишоварзӣ, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2009, №297, 4 адад хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ бо шабакаи тухмипарварӣ шомил карда шудаанд. Ин хоҷагиҳо аз соли 2013 инҷониб дар майдони 39 га фаъолияти истеҳсолӣ карда истодаанд ва хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияро аз рӯи имкониятҳои мавҷуда бо тухмӣ таъмин намуда истодаанд.

Илова бар ин бо дастгирии Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 300 тонна ва аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ зиёда аз 960 тонна тухми картошкаи репродуксионӣ ворид карда шуда, дастраси хоҷагидорон гардонида шудааст.

Дар шахри Роғун бо максади рушди сохаи тухмипарвари захира намудани фонди тухмии ғалладона аз ҳисоби ташкилоти ассотсиатсияи тухмипарварии Тоҷикистон миқдори зарури тухмии гандум 3,5 тонна барои кишти тирамоҳи дар майдони 17 га кишт гузаронида шуда, ҳосили хуби захира намудани тухми ба дигар хоҷагиҳо расонида шудааст.

Дар шаҳри Турсунзода аз ҳисоби захираи пахтаи тухмии ҳосили 2019 соли ҷорӣ 190 тонна тухмии пумбадонаи навъи “Флеш”захира карда шуда, кишти он ба роҳ монда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Файзобод бахри афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли картошка ва меваю сабзавот чораҳои мушаххас андешида шуда, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ оид ба истифодаи технологияҳои нав ва риояи қоидаҳои агротехникӣ аз ҷониби мутахассисон мунтазам машварату семинарҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуда истодааст. Дар баробари ин дар ноҳия Корхонаи давлатии тухмипарварӣ ба номи А.Назиров фаъолият менамояд, ки самти фаъолияташ ба истеҳсоли картошка равона гардидааст. Дар корхонаи мазкур барои кишти картошка тухмиҳои баландсифат коркард ва нигоҳдорӣ мешавад.

Дар шаҳри Ҳисор бо истифода аз тухмиҳои хушсифат дар майдони умумии 12 ҳазору 300 гектар кишти зироатҳо гузаронида шудааст, ки аз он 5ҳазору 961 гектарро зироатҳои ғалладона, 1 ҳазору 214 гектар пахта, 969 гектар зироатҳои равғандеҳ, 109 гектар картошка, 1101 гектар сабзавот, 101 гектар полезӣ, 8 гектар сабзавоти тухмӣ ва 2 ҳазору 837 гектарро зироатьои хӯроки чорво ташкил медиҳад.

Ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳои Роғун, Ҳисор, Рашт ва Файзобод доир ба зербанди болозикр нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст.

Дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Варзоб, Рӯдакӣ, Шаҳринав ва Сангвор маълумот оид ба банди мазкур пешниҳод карда нашудааст.

### 7.4. Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар 9 моҳи соли 2020 барои зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимамалкунанда чораҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, аҳолии кишвар бо сабзавоти тару тоза таъмин карда шудааст.

Ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияи Рӯдакӣ +7,5 га (дар маҷмуъ 21 га), Ҳисор +0,97 га (8,84 га), Рашт +0,5 га (0,24 га) ва Файзобод +0,10 га ( 0,10 га) зиёд гардидааст, ки барои таъмини аҳолии шаҳру ноҳияҳо бо сабзавоти тару тоза ва барои кам намудани воридоти маҳсулот аз хориҷи кишвар мусоидат намудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Ваҳдат +-0 (3 га) ва ноҳияи Шаҳринав +-0 (6,8 га) нисбати ҳамин давраи соли гузашта бе тағйир боқӣ монда, дар шаҳри Турсунзода -0,22 га (дар маҷмуъ 17,78 га) нисбаси ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб, Лахш, Нуробод, Тоҷикобод, Роғун ва Сангвор вобаста ба масъалаи мазкур маълумот пешниҳод накардаанд.

Дар шаҳри Роғун ва ноҳияҳои Варзоб, Нуробод, Лахш, Тоҷикобод, Сангвор ташкил ва васеъ намудани гармхонаҳои доимамалкунанда, ҳамчун масъалаҳои ҳалталаб боқӣ монда, андешидани чораҳои заруриро тақозо менамоянд.

### 7.5. Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ

Дар 9 моҳи соли 2020, дар баробари таъминоти бозори истеъмолии ҷумҳурӣ бо маҳсулотҳои истеҳсоли худӣ дар шаҳру ноҳияҳои Лахш 10250 тонна, Турсунзода 80853 тона ва Шаҳринав 2402 тонна, маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷи кишвар содирот карда шудааст.

Дар ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳои Роғун, Ҳисор, Ваҳдат, Рӯдакӣ, Нуробод, Рашт, Файзобод, Сангвор, Тоҷикобод ва Варзоб доир ба афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ маълумот дарҷ нагардидааст.

### 7.6. Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ

Бо мақсади зиёд намудани шумораи сардхонаҳо ва нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ тадбирҳои судманд роҳандозӣ гардида, дар давоми 9 моҳи соли 2020 дар шаҳру Ҳисор +4 адад (15 адад), Турсунзода +4 адад (28 адад ва ноҳияи Шаҳринав +2 адад (11 адад) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида, дар ноҳияи Файзобод +-0 адад (1 адад) нисбати ҳамин давраи соли гузашта

бетағйир боқӣ мондааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Роғун, Варзоб Нуробод, Сангвор, Рашт, Рӯдакӣ, Тоҷикобод ва Лахш иҷрои банди мазкур таъмин нагардида, андешидани чораҳои мушаххасро ҷиҳати пешгирии талафоти маҳсулоти кишоварзӣ талаб мекунад.

### 7.7. Ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла, меваю сабзавот дар ноҳияҳои куҳистони дурдаст, таъсиси корхонаҳои паррандапарварӣ, истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда.

Дар ноҳияи Варзоб бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ сохтмони 2 адад корхонаи паррандапарварӣ дар ҳудуди Ҷамоатҳои деҳоти Лучоб ва Чорбоғ ба нақша гирифта шуда, ҳамзамон як корхонаи паррандапарварӣ дар ҷамоати деҳоти Лучоб ба истифода дода шудааст.

Дар ноҳияи Лахш дар доираи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия дар ҳамкорӣ бо шарикони Рушд ва соҳибкорон дар ноҳия барои ташкили корхонаҳои мевахушккунӣ, коркарди шир, истеҳсоли мебел, коркарди пашм ва банду басти асал таҷҳизотҳои истеҳсолӣ ворид карда шуда, дар самти насбу ҷобаҷогузории онҳо корҳои муайян ба анҷом расонида шуда, қисмати коргоҳҳу корхонаҳо фаъолият намуда истодаанд.

Дар ноҳияи Файзобод дар самти афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ корхонаи ҶДММ “Маҳсулоти табиӣ”- истеҳсоли афшурдаи меваю сабзавот, ҶДММ “Гулоб”- истеҳсоли консерваи меваю сабзавот ба роҳ монда шудааст. Оид ба истеҳсоли хӯроки парранда тадбирҳои амалӣ андешида шуда истодааст. Дар самти рушди соҳаи парандапарварӣ дар ноҳия ҶДММ «Ганҷи Ҳилол» фаъолият менамояд, ки анйни замон дар корхонаи мазкур сапшумори паранда ба 393976 сар расонида шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 39570 сар кам гардидааст.

Дар ноҳияи Рашт бунёди коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар кӯчаи Сари Пули Ҷамоати шаҳраки Ғарм бо иқтидори коркарди 1,3 тонна шир дар як шабонарӯз, коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар Ҷамоати деҳоти Ясман бо иқтидори коркарди 2,0 тонна шир дар як шабонарӯз, коргоҳи хурди коркарди пашм дар шаҳраки Ғарми Ҷамоати шаҳраки Ғарм бо иқтидори 15 кг дар як соат ва корхонаи хурди коркард ва бастубанди маҳсулоти кишоварзӣ дар кӯчаи Сари Пули Ҷамоати шаҳраки Ғарм бо иқтидори аз 0,5 то 1,0 тонна маҳсулот дар як шабонарӯз бо ҷалби сармояи дохилӣ ба нақша гирифта шуда, мавриди истифода қарор дода мешаванд, ки дар робита ба ин 57 нафар ба ҷои кори доимӣ таъмин карда мешаванд.

Инчунин бо ҷалби соҳибкорони ватанӣ дар ноҳия таъсиси 2 адад корхонаи паррандапарварӣ дар назар дошта шуда, дар ин самт корҳои омӯзишӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ мавриди баррасӣ қарор доранд.

Дар ҳудуди ноҳияи Тоҷикобод корхонаҳои коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ аз ҷумла меваву сабзавот фаъолият доранд. Дар назар аст, ки соли

ҷорӣ бо ҷалби соҳибкорони ноҳия дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия корхонаҳои коркарди мева сохта ба истифода дода шаванд.

Дар шаҳри Турсунзода ба ҳолати 1 октябри соли 2020 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории шаҳр саршумори парранда 182 ҳазору 10 сарро ташкил додааст. Ҳоло паррандапарварони шаҳр тасмим гирифтаанд, ки саршумори паррандаро зиёд намуда, аҳолии кишварро бо гӯшт ва тухми ватанӣ бештар таъмин намоянд.

**7.8 Рафти ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ба соҳаи моҳипарварӣ ва дар заминаи зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли моҳӣ.**

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб дар якҷоягӣ бо хоҷагидони моҳипарвар ва бо мақсади рушди соҳаи моҳипарварӣ тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намуда истодааст, айни замон 1 хоҷагии моҳипарварӣ дар ноҳия ба қайд гирифта шудааст, ки миқдори истеҳсолии он 24000 донна дар як сол пешбинӣ шудааст.

Дар шаҳри Турсунзода 20 хоҷагиҳои моҳипарварӣ мавҷуд буда, масоҳати онҳо 40 га заминро дарбар мегирад. Дар ин давра дар шаҳр 600 кг гушти моҳӣ истеҳсол карда шудааст.

Дар ноҳия Рашт 4 адад хоҷагии моҳипарвар, дар масоҳати ҳавзҳои 2,8 гектар кор ва фаъолият карда итодаанд, ки дар давраи ҳисоботӣ ба миқдори 0,9 тонна гӯшти моҳӣ, ба маблағи 31,8 ҳазор сомонӣ истеҳсол намудаанд.

Бояд қайд кард, ки бо дастгирии соҳибкорони ватанӣ соли ҷорӣ дар нақша аст, ки 3 адад хоҷагии моҳипарвар, дар масоҳати зиёда аз 3,0 гектар ҳавзҳои моҳипарварӣ таъсис дода шуда, истеҳсоли гӯшти моҳро ба 24,0 тонна расонанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Файзобод дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ саршумори моҳӣ ба 69,2 ҳазор дона расонида шудааст.

Дар шаҳри Ҳисор ба 1-уми октябрин соли 2020 се хоҷагӣ ба моҳипарварӣ бо парвариш ва нигоҳдории моҳӣ машғул буда, масоҳати ҳавзи моҳипарварии хоҷагиҳо 5,3 гектарро ташкил медиҳад. Айни замон 10,0 ҳазор моҳӣ парвариш карда мешавад.

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияи давлатии шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Роғун, Рӯдакӣ, Сангвор, Шаҳринав, Нуробод, Лахш ва Шаҳринав доир ба банди мазкур маълумот омода карда нашудааст.

**7.4 (7.4, 7.10). Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ.**

**7.10. Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ**

Дар 9 моҳи соли 2020, ҷиҳати таъмин намудани нишондиҳандаҳои дурнамои кишт дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории шаҳру ноҳияҳои Ҳисор +3023га (15894 га дар маҷмуъ), Шаҳринав +344 га (12314 га), Сангвор +259 га (4454 га), Нуробод +226 га (4212,7 га), Рашт +174 га (7452 га), Тоҷикобод +69 га (5441 га), Файзобод +34 га (8789 га) ва Роғун +14.6 га (2584,7 га) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида, заминаи таъмини нишондоди ҳифзи амнияти озуқаворӣ марҳила ба марҳила таъмин гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Лахш -1265 га (31137 га), Варзоб -161 га (4122,9 га), Турсунзода -117 га (14433 га), Ваҳдат - 92 га (17257 га) ва Рӯдакӣ - 33 га (26509 га) нисбат ба ҳамин давраи ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст, ки андешидани тадбирҳои мушаххасро тақозо менамояд.

Кишти такрорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода + 4160 га ( дар маҷмӯъ 9420 га), Рӯдакӣ +2570 га (6807 га), Шаҳринав +788 га (1570 га), Ваҳдат +241 га (2324 га), Файзобод +84 га ( 168 га) ва Варзоб + 1 га (16 га) нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар ҳамкорӣ бо Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои хориҷӣ барои таъмини суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи оқилонаи обу замин ва ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои бекорхобида, таъмини дурнамои кишти картошка дар кити такрорӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва таъминот бо тухмиҳои хушсифат, зиёд намудани масоҳати гармхонаҳо ва таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунӣ, таъмини инфрасохтор ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли моҳӣ ва паранда пурзӯр намудани иҷрои ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва татбиқи сиёсати давлатии соҳаи кишоварзӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амнияти озуқаворӣ" ҷиҳати рушди интенсивии соҳаи кишоварзӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав мусоидат намоянд.

## 8. Рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ
## (банди 87-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4 8.5) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ, 8.2. (8.6) Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат арзёбӣ гардиданд.**

### 8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4, 8.5) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ

### 8.1. Таъмин намудани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо дар назардошти рушди минбаъдаи онҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Ваҳдат корхонаҳои воҳиди давлатии «Лим ва Б» ва «Лоиҳакаш» ҷиҳати таъмини шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ бо ҳуҷҷатҳои лоиҳакашию меъморӣ корҳои муайянро ба анҷом расонидаанд. Аз ҷумла корхонаи «Лим ва Б» ба маблағи 280,0 ҳазор сомонӣ ва корхонаи «Лоиҳакаш» ба маблағи 264,5 ҳазор сомонӣ хизматрасониҳои пулакиро ба анҷом расонидаанд, ки баробари 86,7 ва 102,9 фоизи нақша мебошад

Дар маҷмуъ ба маблағи 544,5 ҳазор сомонӣ корҳои лоиҳакашӣ ва нақшакашӣ ба анҷом расонида шудаанд.

Дар ноҳияи Лахш давоми 9 моҳи соли 2020 таъмиру барқарорсозӣ ва сохтмонӣ 17 иншооти таъиноти гуногун аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони 1 иншоот, аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ сохтмони 1 иншоот, аз ҳисоби маблағҳои соҳибкорон ва аҳолӣ сохтмони 10 иншоот ва аз ҳисоби ташкилотҳои хориҷӣ сохтмони 5 иншоот ба нақша гирифта шуда, аз ин шумора 6 иншоот мавриди истифода қарор гирифта, корҳои сохтмонӣ дар иншооти дигар идома доранд.

Дар ноҳияи Шаҳринав вобаста ба ҳалли нақшаҳои сохтмонию ободонӣ, aзнавсозӣ ва таҷдиди биноҳо ва роҳҳо дар ҳудуди ноҳия тибқи Нақшаи муфассали таҳрезӣ ва лоиҳаҳои намунавӣ, ки аз тарафи Кумитаи меъморӣ ва сохтмонӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ки дар маркази шаҳраки навбунёди Шаҳринав биноҳои сохташаванда аз қабили бинои Кохи фарҳанг бо китобхонаи бачагона, бинои ҲХДТ дар ноҳия, инчунин бо ҷалби сармоягузорони дохилӣ дар маркази ноҳия 3-бинои шаш ошёнаи замонавӣ ва дигар биноҳои бунёдгардида дар асоси Нақшаи муффасали таҳрезии маҳал ба роҳ монда шудааст.

Дар ноҳияи Нуробод ҷиҳати таъмини инфрасохтор ва иншоотҳои муҳандисӣ дар ҷамоатҳо ва маркази ноҳия дар соли 2020 тибқи нақша барои корҳои сохтмону ободонӣ аз тамоми сарчашмаҳои маблағгузор 44 миллиону 413 ҳазору 26 сомонӣ аз ҷумла; 28 миллиону 966 ҳазору 26 сомонӣ аз ҳисоби Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и Роғун», 5 миллиону 108 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои ҷумҳуриявӣ, вазорату кумитаҳо, 596 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои сармоягузорони хориҷӣ, 1915 ҳазор ҳисоби манзилҳои истиқоматии инфиродӣ пешбинӣ шудааст.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт ҷиҳати таъмин намудани маркази ноҳия бо инфрасохтор ва иншоотҳои муҳандисӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, раванди бунёди иншоотҳо тибқи Нақшаи генералии шаҳраки Ғарм амалӣ карда мешаванд. Ин аст, ки симои маркази ноҳия ҳамасола ободу зеботар гардида, биноҳои таъиноти гуногуни маъмуриву маишӣ ва хизматрасониву истиқоматии дорои тарҳу шароитҳои муосир қомат афрохта истодааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Роғун аз ҳисоби маблағҳои нақшавии буҷаи давлатӣ корҳои таъмирӣ, барқарорсозӣ, азнавсозӣ ва тармими як қатор иншоотҳо ба нақша гирифта шудааст, ки маблағи умумии 2 177,6 ҳазор сомонӣ (тибқи нақшаи солона) дар бар мегирад. Аз ин маблағ 1 532,1 ҳазор сомонӣ барои сохтмонҳои асосӣ (маблағҳои нақшавии буҷаи маҳал 1 532,1 ҳазор сомонӣ идомаи «Сохтмони маҷмааи ёдгории Исмоили Сомонӣ» дар маркази шаҳри Роғун) пешбинӣ шудааст, маблағи 645,4 ҳазор сомонӣ бошад барои таъмирҳои ҷорию барқарорнамоӣ ҷудо шудааст, ки ба соҳаҳои гуногуни шаҳр тааллуқ дошта, 320,0 ҳазор сомонӣ барои таъмири роҳҳои дохилии кӯчаҳои шаҳри Роғун пешбини шудааст.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ дар давраи ҳисоботӣ 363 адад қарорҳои дахлдори Раиси ноҳия вобаст ба соҳа ва 91 қарори Раиси ноҳия оид ба қабули иншооти сохтмонаш баанҷорасидаи субъектҳои соҳибкорӣ қабул гардидааст.

Дар ин давра ба 180 нафар иҷозатнома оид ба пешбурди корҳои сохтмонӣ дода шудааст. Дар ин давра нисбати 36 шаҳрвандон протоколҳои маъмурӣ

барои сохтмонҳои ғайриқонунӣ тартиб дода шуда, ба маблағи 38106,0 сомонӣ баста шуда, ки аз он ба маблағи 26506,0 сомонӣ  ҷарима ситонида шудааст.

Дар раванди корҳои бунёдкориву созандагӣ давоми 9 моҳи соли 2020 дар ҳудуди ноҳия 1 таҷдиду азнавсозии корхонаи истеҳсолӣ, 4 шабакаи обтаъминкунӣ, таъмиру азнавсозии маркази саломатии деҳоти Сарикишти барои ҷойгир намудани 100 нафар бемории нави коронавирус COVID-19, -- бунгоҳи тиббӣ дар деҳоти Россия ва маркази ёрии таъҷилӣ дар деҳоти Чортеппа, 2 бинои баландошёна, 1 майдончаи варзиши, 3 нуқтаи сӯзишворӣ ва 16 нуқтаҳои гуногуни хизматрасонӣ ва савдо мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст.

Дар ноҳияи Тоҷикобод тибқи талаботи нақшаи гералӣ маркази маъмурии ноҳия зина ба зина бо инфрасохтор ва иншоотҳои муҳим аз ҷумла хатҳои обтаъминкунӣ ва об ихроҷкунӣ таъмин мегардад.

Дар ин замина бо ташаббуси мақомоти иҷроия ва дастгирии соҳибкорону аҳолӣ ба маблағи 60000 сомонӣ корҳои лоиҳакашӣ барои кашидани оби нӯшокӣ ба маркази ноҳия анҷом дода шуда, дар сурати пайдо шудани сармоягузорон ва амалӣ шудани лоиҳа корҳои муҳандисии маркази ноҳия амалӣ карда мешаванд.

Дар ноҳияи Файзобод дар давоми  соли ҷорӣ  барои таъмир, сохтмони асосӣ ва дигар корҳои ободонӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар ноҳия ба маблағи 14032,7 ҳазор сомонӣ корҳоро иҷро карда шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 67435,7 ҳазо сомонӣ кам мебошад. Бояд қайд намуд, сабаби кам гардидани 39286,3 ҳазо сомонӣ ин аз ҳисоби гранти Барқи тоҷик ҷиҳати амалӣ намудани хатҳои интиқоли барқ мебошад.

Маркази маъмурии шаҳри Турсунзода бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ таъмин буда, бо дарназардошти рушди минбаъда дар асоси нақшаи генералии шаҳр, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷистон аз 25.01.2017, №36 тасдиқ шудааст, дар доираи нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати сазовор пешвоз гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди 66 иншооти нав ба нақша гирифта шуда, 42 иншоот мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, дар иншоотҳои дигар корҳои созандагӣ идома доранд.

Дар 9 моҳи соли 2020 дар шаҳри Ҳисор теъдоди умумии муассисаҳои сохтмонӣ 44 адад буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 11 адад зиёд мебошад.

Дар ин давра аз ҷониби муассисаҳои сохтмонии дар қайди шаҳр буда ба маблағи 31,9 миллион сомонӣ корҳои сохтмонию пудратӣ бо қувваи худ иҷро шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2019-ум 5,7 миллион сомони ё ин, ки 31,9 фоиз зиёд мебошад.

Дар 9 моҳи соли ҷорӣ ба бахши меъмори ва шаҳрсозӣ 1418 ариза, 463 мактуб ва 76 адад мурочиат ворид гардида, ба ҳамаи он ҷавобҳои муфассал гардонида шудасст. Шумораи ҳуҷатҳои ирсолшуда оид ба  ҳаллаи масълаҳои сохтмону меъморӣ ва баҳсҳо ба 1620 адад расида, аз он 348 адад оиди эътирофи соҳибмулкӣ ба сохтмони иншоотҳо ва хонаҳои истиқоматии шахсӣ, 274 адад пешниҳод оид ба сохтмон ва замин ташкил намудааст.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи  маҳаллии

ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Роғун, Турсунзода, Рӯдакӣ, Тоҷикобод, Шаҳринав ва Лахш маълумотҳо нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқи мондааст.

### 8.2. Андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати таъмини рушди соҳаи сохтмон, ба стандартҳои муосир мутобиқгардонии сифати иншооти сохташаванда ва омода намудани кадрҳои сатҳи баланди соҳаи меъморӣ

Дар давраи ҳисоботӣ нохияи Варзоб аз тарафи бахши меъморӣ ва шаҳрсозӣ барои сохтмонҳои гуногун 103 адад супоришҳои меъморию банақшагирӣ ва 100 адад иҷозати сохтмон дар асоси Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Дар ин давра аз тарафи соҳибкорон ва шаҳрвандон 82 адад биноҳои замонавии таъиноташон гуногун дар масоҳати умумии 46783,05 м.кв. бо арзиши 45 милиону 592 ҳаз. 460 сомонӣ сохта, бо қарорҳои раиси ноҳияи Варзоб ба истифода супорида шудааст.

Аз тарафи бахш меъморӣ ҷиҳати татбиқи пурраи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаҳои 405 ва 447 корҳо пурзӯр гардида, санҷишҳо гузаронида нисбати сохтмонҳои худсарона, азнавсозӣ, сифати сохтмонҳо, тағийр додани шакли меъмории онҳо чораҳои зарурӣ андешида дар соли ҷорӣ ба 14 –адад бинову иншоотҳои ҳудуди ноҳия аз тарафи бахш огоҳнома дода шуда, нисбати 17 нафар шаҳрвандон қарори ҷаримабанди тартиб дода шуда ба маблағи 14906 сомонӣ ҷарима баста шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи бахши меъморӣ ва шаҳрсозии ноҳияи Лахш барои лоиҳагирии сохтмони бинову иншоотҳо ва банақшагирӣ, оид ба ҷудо ва вобаста намудани қитъаҳои замин 89 адад хулоса ва барои оғоз намудани корҳои сохтмонӣ 90 адад иҷозатнома дода шудааст.

Барои сари вақт пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳо дар ҳамаи сохтмони бинову иншоотҳо санҷиш гузаронида, барои иҷрои бесифати корҳои сохтмонӣ 9 адад огоҳинома ва 15 адад амрнома барои иҷро ва ислоҳ дода шудааст. Инчунин дар нуҳ моҳи соли ҷори 13 адад ҷарима тибқи моддаҳои 409, 424 ва 427-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кард шуда, маблағи ҷарима сари вақт пардохт карда шудааст.

Дар шаҳри Турсунзода 19 корхонаи сохтмонӣ ва 7 корхонаи лоиҳакашӣ фаъолият намуда, сохтмонҳои шаҳр дар асоси хулосаи мусбии экспертизаи давлатии сохтмонӣ, стандартҳои муосири сифати иншоот ва риояи талаботи меъморию шаҳрсозӣ бунёд гардида истодаанд.

Ҷиҳати омода намудани кадрҳои сатҳи баланди соҳаи меъморӣ 1 нафар тибқи квотаи президентӣ таълим гирифта, дар шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ бо кор таъмин гардидааст.

Дар ин давра дар ноҳияи Шаҳринав дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ барои иншоотҳои сохташаванда дар соли 2020, 2 млн 66 ҳазор сомонӣ маблағ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ иҷроиши корҳои сохтмонӣ ва васлгарӣ ба маблағи 1 млн 432 ҳазор сомонӣ иҷро гардидааст.

Маълумотҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат Турсунзода, Тоҷикобод, Варзоб ва Лахш нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боркӣ мондааст.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Роғун,, Нуробод, Рашт, Рӯдакӣ ва Сангвор оид ба зербанди мазкур маълумот омода карда нашудааст.

### 8.3. Ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба як сари аҳолӣ

Дар давоми 9 моҳи соли 2020 ҷиҳати ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ба сари як нафар аҳолӣ дар ноҳияҳои %, Роғун +2.4 $м^2$ (9.1 $м^2$) ё 135.8%, Рашт +1.1 $м^2$ (24.3$м^2$) ё 104.7нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 зиёд гардида, ба аҳолӣ шароити зист фароҳам оварда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Файзобод 27,3 $м^2$, Тоҷикобод 9,8 $м^2$, Варзоб 6,9 $м^2$, Рӯдакӣ 5,2 $м^2$ –ро ташкил намудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2019 бе тағйир боқӣ мондааст.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ваҳдат, Ҳисор, Нуробод ва Сангвор вобаста ба ин банд маълумот дарҷ карда нашудааст.

Давоми 9 моҳи соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баҳри таъминоти аҳолӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, корҳои муайян ба анҷом расонида шудаанд.

Шумораи зиёди мурочиатҳо оид ба гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар шаҳру ноҳияҳои Роғун 457 адад ( +128 адад), Турсунзода 501 адад (+107 адад), Тоҷикобод 408 адад ( +32 адад), Файзобод 780 адад (+30 адад) ва Сангвор 65 адад (+9 адад) зиёд ба назар расида, барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист андешидани чораҳои иловагӣ ба миён омадааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб 438 адад (-243 адад), Рӯдакӣ 3249 адад(-242адад), Нуробод 194 адад (-132 адад), Ҳисор 1292 адад ( -71 адад), Шаҳринав 798 адад (-62 адад), Лахш 142 адад (-10 адад), Ваҳдат 1181 адад (-3 адад) ва Рашт 464 адад (- 3 адад) кам гардидааст, ки аз беҳтар гардидани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо манзили зист далолат медиҳад.

### 8.4. Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти бунёди иншооти ҷашнӣ

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 ҷиҳати омодагии ҳамаҷониба ба таҷлили ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои муайян ба анҷом расонида шуда, мутобиқи маълумотҳои оморӣ то ба имрӯз дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 414 иншооти ба нақша гирифта шуда, 262 иншоот ё 63.2% сохта ба истифода дода шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Нуробод 248 иншоот (171

иншоот ё 68,9%), Ваҳдат 612 иншоот (403 иншоот ё 65,8%), Рашт 315 иншоот (203 иншоот ё 64,4%), Шаҳринав 430 иншоот (275 иншоот ё 63,9%), Лахш 209 иншоот (130 иншоот ё 62,2 %), Роғун 71 иншоот (42 иншоот ё 59,1%), Сангвор 102 иншоот (28 иншоот ё 56,9%), Турсунзода 367 иншоот (203 иншоот ё 55,3 %), Файзобод 352 иншоот (182 иншоот ё 51,7 %), Варзоб 276 иншоот (112 иншоот ё 40,5%), Ҳисор аз 767 иншоот (261 иншоот ё 34 %) ва Тоҷикобод 77 иншоот (28 иншоот ё 33.7%) сохта ба истифода дода шудааст.

Иншоотҳои бунёдгардида, асосан сохтмони муассисаҳои таълимӣ, томактабӣ, сохтмони майдончаҳои варзишӣ, толори варзишӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, коргоҳи дузандагӣ, дорухона ва ғайраҳо буда, барои фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ мусоидат менамояд.

### 8.5. Рафти ба анҷомрасонӣ ва ба тартиб даровардани номи кӯчаву хиёбонҳо, рақамгузории биною манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ

Дар ноҳияи Варзоб ба 1 январи соли 2020, 82888 нафар аҳолӣ ва аз 6 ҷамоати деҳот, 1 ҷамоати шаҳрак иборат буда, ки рақамгузории биною манзилҳои истиқоматӣ 100 % иҷро гардидааст.

Дар ноҳияи Рашт 2 ҷамоати шаҳрак бо 37 кӯчаҳои шаҳрӣ ва 12 ҷамоатҳои деҳотӣ бо 156 деҳа фаъолият мекунанд.

Дар маҳаллаҳои шаҳрӣ 2580 адад биноҳо, ки 2486 ададаш истиқоматӣ ва 94 адади дигар ғайриистиқоматӣ мебошанд арзи ҳастӣ дошта, ин биноҳо аниқ ва рақамгузорӣ карда шудаанд.

Аз шумораи 156 адад деҳаҳо, 133 адад деҳаҳои асосӣ ва 23 адад маҳаллаҳои хурди аҳолинишин мебошанд.Дар аксарияти деҳаҳои асосӣ лавҳаи номи деҳаҳо насб карда шудаанд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод ба ҳолати 1 октябри соли 2020 тибқи ҳисоботҳои пешниҳодшудаи оморӣ 400 хоҷагӣ дорои 2520 нафар сокинон ва дар 44 деҳа 5896 хоҷагӣ дорои 45465 нафар сокинон истиқомат доранд. Ноҳия аз 5 Ҷамоати деҳот ва 1 шаҳрак ва 44 деҳа иборат буда, дар ҳудуди шаҳраки Тоҷикобод 14 кӯча, 400 бинои хонаҳои истиқоматӣ ва 131 бинои ғайриистиқоматӣ мавҷуд мебошанд, ки ҳамаи онҳо ба пуррагӣ номгузорӣ, лавҳа ва рақамгузорӣ карда шудаанд.

Дар ноҳияи Шаҳринав тибқи қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия «Дар бораи аз нав номгузорӣ намудани ҷамоатҳо, деҳаҳо ва мавзеъҳои ҷуғрофии ноҳияи Шаҳринав» 2 Ҷамоат, 10-деҳа, 12-чарогоҳ ва 2-канал аз нав номгузорӣ гардида, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Рафти ба анҷомрасонӣ ва ба тартиб даровардани номи кӯчаву хиёбонҳои маркази ноҳияи Нуробод қисман ба анҷом расонида шуда, рақамгузории биною манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ давом дорад.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Нуробод, Рашт, Тоҷикобод ва Шаҳринав оид ба

зербанди мазкур маълумотҳои 6 моҳаи аввали соли ҷорӣ нусхабардорӣ карда шудааст

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳрҳои Ҳисор, Ваҳдат, Роғун, ноҳияи Рӯдакӣ, Сангвор, Файзобод ва Лахш оид ба зербанди мазкур маълумот омода карда нашудааст.

### 8.2 (8.6) Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат (Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19

Давоми 9 моҳи соли 2020 ҷиҳати сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда ва ятимон тадбирҳои судманд роҳандозӣ гардида, як қатор корҳои судманд ба анҷом расонида шудааст.

Дар ноҳияи Тоҷикобод бо мақсади дастгирии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат дар маркази таваҷҷӯҳи масъулини мақомоти иҷроия қарор дошта, дар асоси тавсияҳои мақомоти иҷроия шахсони саховатманд, соҳибкорон ва шахсони нияти ҳаҷ дошта барои сохтмон ва таъмир намудани манзилҳои истиқоматии табақаи мазкури ҷомеа сафарбар гардидаанд. Дар давраи ҳисоботӣ аз ин ҳисоб дар фонди хайриявӣ ва ободонии ноҳия ба тариқи мутамарказ 28 ҳазор сомонӣ ҷамъоварӣ гардида, аз ин ҳисоб ва ҷалби аҳолӣ хонаҳои истиқоматии занони якаву танҳо аз ҷамоати деҳоти Қалъаи Лаби Об Шарифова Ҳурматвӣ ва Худоиева Сайпочо таъмир карда шудаанд.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ дар ноҳияи Файзобод барои таъмиру тармими хонаҳои истиқоматӣ ба 2 нафар шахсони камбизоат ва эҳтиёҷман кумакҳои молиявӣ ба маблағи 5,5 ҳазор сомонӣ расонида шудааст.

Дар нуҳ моҳи соли 2020, дар ноҳияи Шаҳринав барои сохтмони хонаҳои истиқоматии 6 нафар ба маблағи 15,8 ҳазор сомонӣ ва барои таъмири 23 нафар оилаи камбизоат ба маблағи 15,84 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо карда шудааст.

Дар ин давра ба оилаҳои маъюбу эҳтиёҷманд дар шаҳрҳои Турсунзода ба маблағи 391,4 ҳазор сомонӣ, Ҳисор 275,9 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Рашт ба маблағи 5907 ҳазор сомонӣ, хонаҳо сохта ба истифода дода шудаанд.

Инчунин дар шаҳрҳои Турсунзода ба маблагӣ 151 ҳазор сомонӣ, Ҳисор 978,8 ҳазор сомонӣ ва Роғун 6,2 ҳазор сомонӣ хонаҳо аз таъмир бароварда шуданд.

Дар ҳисоботҳои ирсолгардидаи шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Рӯдакӣ, Варзоб, Тоҷикобод, Лахш, Нуробод ва Сангвор маълумот пешниҳод карда нашудааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тадиқи накшаи генералии шаҳру ноҳияҳо, беҳтар намудани манзили зист, таъмини нақшаи корҳои ободонӣ бахшида

ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кам намудани эҳтиёҷмандони қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва таъмини иҷрои супориши Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 тадбирҳои зарурӣ андешанд.

## 9.Рушди инфрасохтор ва нақлиёт (бандҳои 26 ва 14-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 9.1. (9.1., 9.2) Масофаи таъмири роҳҳо, 9.2.(9.3, 9.4) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамъиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, 9.3(9.5) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 9.1. (9.2). Андешидани чораҳо барои ҷалби соҳибкорон ва аҳолии деҳот ҷиҳати барқароркунии пулҳо, таъмин ва асфальтпӯш кардани роҳҳо.

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ корҳои таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳо бо маром идома дошта, давоми 9 моҳи соли 2020 як қатор корҳои муайян ба сомон расонида шудааст.

Дар шаҳри Ваҳдат давоми 9 моҳи соли 2020 дар масофаи 14 км ба маблағи  27820 сомонӣ чуқурихо бо мумқири гарм, 30 км. Роҳҳо аз таъмири ҷорӣ ба маблағи 48300 сомонӣ бароварда шуда, 135000 сомонӣ барои зимистонгузаронию кабудизоркунӣ маблағ масраф гардидааст (нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ  бетағйир боқи мондааст).

Дар ноҳияи Лахш, ки дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия аз тарафи ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, саҳми кумитаи маҳаллаҳо, шахсони алоҳида ва соҳибкорон ба масофаи умумии 101 километр роҳҳои маҳаллӣ, аз он ҷумла, дар Ҷамоати шаҳраки “Ваҳдат” 15 километр, Ҷамоати деҳоти Ҷиргатол 3 километр, Ҷамоати деҳоти Янгишаҳр 13 километр, Ҷамоати деҳоти Пилдон 8 километр, Ҷамоати деҳоти “Сурхоб” 15 километр, Ҷамоати деҳоти Сартало 12 километр, Ҷамоати деҳоти Қашот 5,5 километр, Ҷамоати деҳоти Лахш 12,5 километр, Ҷамоати деҳоти Алға 16 километр ва Ҷамоати деҳоти Муксу 13 километр роҳҳои маҳалӣ таъмир,  тахту ҳамвор ва шағалпуш карда шуда, корҳои ободонӣ дар ин самт идома доранд.

Дар ин давра дар ноҳияи Нуробод ба маблағи 179,9 ҳазор сомонӣ 179,9 км роҳҳоро аз қабили таъмири пулу роҳҳо, кабудизоркунӣ, барқарор намудани зарари офатҳои табиӣ ва таъмири ҷорӣ ба анҷом расонидааст.

Дар ноҳияи Рашт дар соли 2020 4 лоиҳаи таъмиру барқарорсозӣ ва асфалтпӯш намудани 4,95 км роҳҳо бо ҷалби соҳибкорон ва бахши хусусӣ ба нақша гирифта шуда,  дар 1 лоиҳа корҳои таъмиру сангфарш намудани 2 км роҳ ба анҷом расида, дар 2 лоиҳа корҳои омодасозии роҳҳо барои асфалтпӯш намудан идома доранд (нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ  бетағйир боқи мондааст).

Дар шаҳри Роғун дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳр корҳои таъмирӣ ва нигоҳдори ба маблағӣ 225,2 ҳазор сомонӣ, ба иҷро расонида шудаст. Ҳамзамон таъмири болопӯши роҳҳо  бо мумқири хом 155 тонна дар масофаи 2 км роҳи кӯчаи 25

солагии Истиқлолият –Қандак ва аз роҳи 64-ум км то 76-ум км дар масофаи 12 км ба маблағи 63,2 ҳазор сомонӣ гузаронида шудааст.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ давоми 9 моҳи соли ҷорӣ тарафи соҳибкорон ва шахсони саховатманд ба микдори 2494 тонна мумкири гарм харидори намуда, ба воситаи муассиса дар роҳҳои автомобилгарди аҳамияти маҳалли доштаи деҳоти Чимтеппа дар масоҳати 21000 $м^2$ корҳои таъмири яклухти болопуши роҳҳоро ба анҷом расонидаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ Муассиса дар баробари корҳои накшави бо соҳибкорону шахсони инфиродӣ ҳамкори намуда бо маблағи 50000 сомонӣ корҳои барқароркунии роҳҳоро ба анҷом расонида, дар ҷамоати деҳоти Султонобод 2 км роҳи байнидеҳавиро шағалпуш намудааст. (нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқи мондааст).

Дар ин давра дар ноҳияи Варзоб дар ҷамоатҳои деҳоти Лучоб 2 адад ва Деҳмалик 1 купруки мошингузар сохта ба истифода дода шуданд (нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқи мондааст).

Дар ноҳияи Тоҷикобод дар давраи ҳисоботӣ муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи аз ҳисоби маблағҳои барои нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия, ки аз тарафи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ба маблағи 68474 сомонӣ корҳои нигоҳдорӣ ва ободониро анҷом додааст. Аз он ҷумла: Барои тоза кардани барф ва пошидани маводи зидди лағжиш 23010 сомонӣ, гузаронидани таъмири ҷорӣ 29462 сомонӣ, шағалпуш намудани роҳҳои маҳаллӣ 9740 сомонӣ, барои рангу бор намудани лавҳаҳои даромаду баромади ноҳия 4162 сомонӣ, барои кабудизоркунӣ ва шинонидани ниҳолҳои мевадиҳанда 2100 сомонӣ корҳоро анҷом додааст.

Дар шаҳри Ҳисор аз ҷониби муассисаи давлатии рнигоҳдории роҳои автомобилгард роҳи кучаи ба номи Аловиддинов У.А дар масофаи 630 метр азнавсозӣ гардида, дар масофаи 1071 метр дар дигар минтақаҳои шаҳр таъмири болопӯши роҳ гузаронидааст.

Муассиса дар ин давра 10 киллометр роҳро сангфарш ва ба масоҳати 270 метри мураббаъ чукуриҳоро бо маводҳои табиӣ таъмир намуда, 94 метр перилаҳои ба садама дучор гардидаро иваз кардааст. Ҳамзамон, муассиса ҷиҳати нигоҳдории роҳҳо 492 метр новаҳои обгузарро (латок) хобонида, 10030 метри мураббаъ нишонаҳои канори роҳро сиёҳу сафед ва 2532 метри мураббаъ нишонаҳои сатҳи роҳро рангу бор намудааст. Дар ин давра аз ҷониби муассиса 37 адад аломатҳои роҳ шинонда шуда, ба масофаи 40 киллометр хатҳои уфуқию амуд кашида, 1 адад пул аз таъмир бароварда шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав 50 км роҳҳо таъмири ҷорӣ, болопӯши 1,5 км роҳҳо мумфарш ва аз тарафи аҳолию соҳибкорон 8,5 км роҳҳо мумфарш карда шуданд. Дар ноҳия 34 адад пул мебошад, ки дар давраи ҳисоботи 2 адади он таъмир карда шудааст.

### 9.3. Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамъиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот

Дар шаҳри Турсунзода 4 терминал фаъолият менамоянд.

Дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 5 адад, Ваҳдат 5 адад, Турсунзода 4 адад, Рашт 4 адад, Ҳисор 3 адад, Тоҷикобод 2 адад, Роғун 2 адад, Нуробод 1 адад, Файзобод 1адад, Нуробод 1 адад ва Варзоб 1 адад муассисаҳои мусофиркашонӣ ба қайд гирифта шуда, ба аҳолӣ хизмат расонида истодаанд

### 9.4. Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ

Тавассути ҳамаи намудҳои нақлиёти автомобилӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 12 млн. 802,2 тонна бор ва 46 млн. 192,2 ҳазор нафар мусофир кашонида шудааст. Инчунин, тавассути роҳи оҳан 101676 ҳазор тонна борҳои гуногун кашонида шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Лахш 119,2% ( 217,6 ҳаз. тн/км), Сангвор 136,8% (116,6 ҳаз. тн/км), Тоҷикобод 112,5% (196,0 ҳаз. тн/км), Рашт 124,6% (583,5 ҳаз. тн/км), Ваҳдат 104% (1364,4 ҳаз. тн/км), Турсунзода 105,3% (4212,1 ҳаз. тн/км), Рӯдакӣ 102,3% (1320,5 ҳаз. тн/км), Ҳисор 80,1% (722,3 ҳаз. тн/км), Нуробод 100% (59,9 ҳаз. тн/км), Шаҳринав 104,7% (33,2 ҳаз. тн/км), Файзобод 100% ( 418,9 ҳаз. тн/км), Варзоб 94,7% (257,9 ҳаз. тн/км) ва Роғун 74,3% (3299,3 ҳаз. тн/км) ташкил додааст.

Нишондиҳандаи баланди таъмини боркашонӣ дар шаҳру ноҳияҳои Лахш, Снгвор, Рашт, Тоҷикобод, Нуробод, Ваҳдат, Турсунзода, Рӯдакӣ ба назар расида, ки афзоиши суръати гардиши савдо таъмин шуда, ба рушди иқтисодӣ мусоидат намудааст.

Ҷиҳати тақвият бахшидан ва баланд бардоштани сатҳи боркашонӣ дар шаҳру ноҳияҳои Роғун, Варзоб ва Ҳисор тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ намоянд.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондоди ҳаҷми мусофиркашонӣ дар шаҳру ноҳияҳои Нуробод 122,5 % (17,4 ҳаз. нафар), Турсунзода 110,4% (8285,3 ҳаз. нафар), Рашт 103,9% (462,6 ҳаз. нафар) ва Рӯдакӣ 102,1 % (10033,8 ҳаз. нафар) ташкил дода, дар шаҳру ноҳияҳои Файзобод 99,9% ( 1569,4 ҳаз. нафар), Ҳисор 98,7 % (5490,5 ҳаз. нафар), Лахш 97,6 ( 65,7 ҳаз. нафар), Шаҳринав 95,8% (207,3 ҳаз. нафар), Ваҳдат 93,8% (18937,7 ҳаз. нафар), Сангвор 85,6% (116,6 ҳаз. нафар), Тоҷикобод 81,9% (86,5 ҳаз. нафар), Варзоб 73,1% (735,4 ҳаз. нафар) ва Роғун 48,2% (253,6 ҳаз.нафар) нисбати ба ҳамин давраи соли гузашта коҳиш ёфтааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо ҷалби соҳибкорон ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо чораҳо андешида, ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми боркашонӣ КВД “Роҳи оҳани Тоҷикистон” ва Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани таъминоти муассисаҳои хоҷагиҳои роҳи шаҳру ноҳияҳо бо техникаҳои роҳсозӣ ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ ҳамкориҳоро пурзӯр намоянд.

## 10. Рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 10.1. Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет 10.2. Ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ**

### 10.1. Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет

Дар миқёси шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ширкатҳои хусусӣ ба монанди «Т-сел», «Мегафон», «Билайн», «Вавилон» ва «Телеком- Технолоҷӣ» фаъолияти кории худро вусъат дода, аксарияти хизматрасонии алоқаро дар шаҳру ноҳияҳо расонида истодаанд.

Тибқи маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат филиали ҶСК «Тоҷиктелеком»-и шаҳри ба 4700 рақам ба муштариён хизмати алоқаи телефонӣ мерасонанд, ки аз ин 560 рақами муштарии корхонаҳо ва 4140 рақам муштарии аҳолӣ мебошад.

Айни замон зиёда аз 233 ҳазор нафар аҳолии шаҳри Ваҳдат истифодабарандаи фаъоли алоқаи мобилӣ мебошанд, ки 58 фоизи шумораи умумии аҳолиро ташкил менамояд. Шумораи истифодабарандагони Интернет ба воситаи алоқаи телефонӣ дар шаҳри Ваҳдат ба 4700 нафар расидааст.

Дар ноҳия Варзоб аҳолии ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти ноҳия аз шабакаҳои хизматрасонии Вавилон, Тсел, Мегафон-Тоҷикистон, Билайн ва ғайра истифода мебаранд, ки шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва Интернет 63823 нафар буда 77%-и аҳолии ноҳияро ташкил медиҳад. (нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бетағйир боқӣ мондааст).

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияит Нуробод барои дастрасӣ ба технологияи компютерӣ бо назардошти Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия 27 адад компютерҳо ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 10 ададаш ба ҷамоатҳо рост меояд. Барои истифодаи хизматрасонии шабакаи интернетӣ 1-уми январи соли 2020, таҳти №25 бо ҶСК “Тоҷиктелеком” шартнома баста шудааст.

Барои дастрасӣ бо шабакаи интернет дар худи мақомот аз 17 адад компютерҳои истифодашаванда, пурра бо шабакаи интернет пайваст мебошанд. Дар Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия бошад, барои пайвастшавӣ ба шабакаи интернет ва истифода аз он тариқи модемҳо дар ҷамъ 9 адад ба роҳ монда шудааст.

Имрӯз тибқи маълумотҳои оморӣ зиёда аз 89% -и аҳолии ноҳия истифодабарандаи алоқаи мобилӣ мебошад. Дар истифода аз интернет бошад, қисми зиёди корхона ва ташкилотҳои ноҳия аз хизматрасонии ҶСК “Тоҷиктелеком” истифода менамоянд.

Мутобиқи маълумотҳои пешниҳодгардидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор дар нимсолаи аввали соли 2020 барои хизматрасонидани алоқа аз ду дастгоҳ истифода бурда, як адад дастгоҳ дар бинои корхона мавҷудаст, ки дорои 3000 рақам мебошад, аз ин 1106 рақам насб карда

шудааст, рақамҳои фаъолбуда 338 рақам ба корхонаю ташкилот, 768 рақами телефонӣ ба аҳолӣ хизмат расонида истодааст. Аз шабакаи интернетии ҶСК «Тоҷиктелеком» шумораи истифодабарандагон 96 нуқта буда, аз ин 19 нуқта ба корхонаю ташкилотҳо, 77 нуқта ба аҳолӣ хизмат расонида мешавад. Истгоҳҳои дуюм бо 480 рақам дар Комбинати нобиноёни шаҳр насб карда шудааст, ки аз ин 94 рақам ба аҳолӣ ва 7 рақам ба корхонаю ташкилотҳо хизматрасонӣ мешавад. (нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағийр боқи мондааст)

Дар ноҳияи Файзобод дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии алоқаи барқӣ, почта, инчунин шабакаҳои телевизиону радиои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия 99% таъмин мебошад. Таъминоти радиошунавонӣ дар дохили шаҳрак ва ҷамоатҳои деҳот тақрибан ба 90% расонида шудааст.

Барои дастрасӣ бо шабакаи интернет дар худи мақомот аз 16 адад компютерҳои истифодашаванда, 12 ададаш бо шабакаи интернет пайваст мебошанд. Дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия бошад, барои пайвастшавӣ ба шабакаи интернет ва истифода аз он тариқи модемҳо дар ҷамъ 9 адад ба роҳ монда шудааст.

Имрӯз тибқи маълумотҳои оморӣ зиёда аз 90 % -и аҳолии ноҳия истифодабарандаи алоқаи мобилӣ мебошад. Дар истифода аз Интернет бошад, қисми зиёди корхона ва ташкилотҳои ноҳия аз хизматрасонии ҶСК “Тоҷиктелеком” истифода менамоянд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод дар маҷмуъ 220 нуқтаи телефонии хонагӣ мавҷуд мебошад, ки аз ин 150 нукта ба ташкилоту идораҳо ва 64 нукта ба аҳолӣ рост меояд. Инчунин аз ҳисоби филиали ҶСК “Тоҷиктелеком” 47 нуқтаи шабакаи интернет ба аҳолӣ ва ташкилот идораҳо хизмат мерасонанд.

Ба аҳолии ноҳия ширкатҳои мобилии Тселл, Мегафон, Вавилон, Билайн хизмат мерасонанд. Шумораи бештари сокинон муштариёни ширкати мобилии Тселл ва Мегафон мебошанд. Бо истифода аз ширкатҳои мобилӣ аксарияти сокинони ноҳия ба шабакаи интернет дастрасӣ доранд.

Бо истифода аз ширкатҳои мобилӣ аксарияти сокинони ноҳия ба шабакаи интернет дастрасӣ доранд. Қобили қайд аст, ки як қисми сокинони деҳаҳои Ғанишоб ва Сафедоби Ҷамоати деҳоти Қалъаи лаби об ба алоқаи мобили дастрасӣ надоранд.

Дар шаҳри Роғун ширкатхои хусусии “Тссел”, “Мегафон”, Вавилон” фаъолият намуда, ба аҳолии шаҳр хизматрасонӣ менамоянд. Зиёда аз 90%-и аҳолии шаҳри Роғун бо шабакаи интернет дастрас мебошанд. Инчунин аз ҳисоби филиали ҶСК“Точиктелеком” дар шаҳри Роғун 74 нуқтаи шабакаи интернет ба воситаи хати телефон ва 8 нуқтаи хати нурӣ хизмат мерасонад.

Дар давоми соли 2020 филиали ҶСК “Тоҷиктелеком” дар шаҳри Роғун ба 1741 адад рақам ба муштариён хизмати алоқа телефонӣ мерасонад, ки аз ин 484 рақами муштарии корхонаҳо ва 1257 рақам муштарии аҳолӣ мебошад (нисбати аввали сол бетағйир).

Дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии алоқаи телефонӣ, почта инчунин шабакаҳои телевизиониву радиои ҷумҳурӣ 98% таъмин мебошанд.

Дар ноҳияи Рашт айни замон тамоми минтақаҳои ноҳия зери пӯшиши истгоҳҳои телефонии муосир ба теъдоди 1 истгоҳ ва 3 зеристгоҳ бо зарфияти умумии 4135 рақам қарор дошта, иловатан дар тамоми гиреҳҳои (узель) алоқа, ки усулан ИТХ-ҳо дар онҷо қарор доранд, таҷҳизот ва коммутаторҳои калонҳаҷми пайвастшавӣ ба шабакаи интернет низ насбу роҳандозӣ гардидаанд.

Дар ҳудуди ноҳияи Рашт 1 (як) ҳалқаи баландсуръати оптикии таҳвили маълумот ба таври алоҳидагӣ насбу рохандозӣ шудаанд, ки алоқаро дар ҳудуди ноҳия боэътимод менамояд (нисбати аввали сол  бетағйир).

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ дар шаҳри Турсунзода равнақи афзоиши телефонҳо дар нуҳ моҳи соли 2020 ба 108 адад зиёд шуд. Аз ҷумла аҳолӣ 70 адад ва корхонаву ташкилотҳо 38 адад зиёд гардидааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав шумораи умумии рақамҳои васлшуда 2450 ва шумораи муштариён 400 нафарро ташкил медиҳад.

Бо шабакаи интернет 26 корхонаю ташкилот ва 40 нафар шаҳрвандони ноҳия пайваст карда шудаанд. (нисбати нимсолаи аввали бетағийр боқӣ мондааст).

Аз ҳисобоҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бар меояд, ки дар самти соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ корҳо нисбати аввали сол ба назар намерасд ё аз бе аҳмиятии  шахси масъул дарак медиҳад.

### 10.2. Ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ

Мутобиқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб тавассути шабакаҳои  интернетӣ, почтаи электронӣ ва тариқи сомона фаъолият карда истодааст, инчунин дафтари хоҷагидорӣ дар самти муҳосибот истифодабариаш дар шакли электронӣ ба роҳ монда шудааст (нисбати аввали сол бетағйир боқӣ мондааст).

Дар ноҳияи Нуробод айни замон пешниҳоди маълумотҳои оморӣ дар ташкилоту муассисаҳои ноҳия дар шакли электронӣ қариб 76%-ро ташкил дода, дар заминаи он дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” пурра тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар шаҳри Ваҳдат шумораи ҳисоботҳои оморие, ки дар шакли электронӣ пешниҳод карда мешаванд, 15 ададро дар бар мегирад. Хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ дар соҳаи бонкӣ, молия, андоз, САҲШ ва дигар сохторҳо низ ҷорӣ ва амалӣ шудааст (нисбати аввали сол бетағйир боқӣ мондааст).

Мувофиқи маълуморҳои пешниҳодгардидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлаии ноҳияи Файзобод,  айни замон пешниҳоди маълумотҳои оморӣ дар ташкилоту муассисаҳои ноҳия дар шакли электронӣ қариб 75%-ро ташкил дода, дар заминаи он дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” –пурра тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст (нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст).

Дар ноҳияи Тоҷикобод барномаҳои давлатӣ китобҳои хоҷагии ҷамоатҳои деҳоти ноҳия ба шакли электронӣ гузаронида шудаанд (нисбати аввали сол бетағийр боқӣ мондааст).

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор, Роғун, Рашт, Рӯдакӣ, ва Сангвор оид ба банди мазкур маълумот пешниҳод накардаанд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолии ба шабакаи интернет, ҷиҳати ҷорӣ намудани пешбурди шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ дар ҷамоатҳои шаҳру ноҳияҳо чораҷӯи намоянд.

## 11.Вусъати шуғли пурмаҳсул

**Арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо бо таъмини вусъати шуғли пурмаҳсул бо нишондиҳандаҳои 11.1.(11.1, 11.5) Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ, 11.2. ( 11.2, 11.3) Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо, 11.3. (11.4) Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, арзёби гардидаанд**

### 11.1.(11.1, 11.5) Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ,

### 11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ ва баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ

Дар 9 моҳи соли 2020 шумораи бекорони расман ба қайд гирифта нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Лахш +47 нафар (дар маҷмӯъ 866 нафар), Шаҳринав +259 нафар (860 нафар), Тоҷикобод +4 нафар (545 нафар), Варзоб +4 нафар (588 нафар), Нуробод +2 нафар (210 нафар) ва Ваҳдат +/-0 нафар (1600 нафар) зиёд гардидааст, ки аз масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои дар боло зикргардида, андешидани чораҳои мушаххасро баҳри паст намудани сатҳи бекорӣ тақозо менамояд.

Ин нишондаҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ -1500(2759 нафар) Рашт -160 нафар (623 нафар), Роғун -93 нафар (295 нафар), Ҳисор -73 нафар (1359 нафар) ва Турсунзода -26 нафар (3070 нафар) кам гаштааст.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва бо кор таъмин намудани корҷӯёну бекорон дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тибқи маълумотҳои пешниҳод гардида, 52 ярмаркаи ҷойи кории холӣ гузаронида шудааст.

Дар ярмаркаҳои гузаронидашуда дар шаҳру ноҳияҳои Роғун 321 нафар, Ваҳдат 96 нафар, Файзобод 96 нафар, Рӯдакӣ 84 нафар, Ҳисор 57 нафар, Шаҳринав 46 нафар, Турсунзода 43 нафар ва Сангвор 16 нафар ва корҷуй дар маҷмӯъ 759 нафар корҷуй бо ҷойҳои кории доимӣ таъмин гаштаанд.

Самаранокии гузаронидни ярмаркаҳои ҷойи кории холӣ ва таъмини бекорон бо ҷойи кор дар шаҳру ноҳияҳои Роғун, Ваҳдат, Турсунзода,

Шаҳринав, Рӯдакӣ, Ҳисор, Файзобод ва Сангвор дар сатҳи хуб таъмин карда шуда, дар боқимонда ноҳияҳо андешидани тадбирҳои мушаххасро ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии ярмаркаҳо тақозо менамояд.

### 11.5 Андешидани чораҳо ҷиҳати паст кардани шиддати муҳоҷирони меҳнатӣ

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ҳамин давраи соли гузашта, дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат -7869 нафар (2699), Варзоб -678 нафар (2493 нафар), Шаҳринав -613 нафар (7997 нафар), Роғун -163 нафар (1251 нафар), Рашт -142 нафар ( 9076 нафар) ва Турсунзода -80 (14880 нафар) коҳиш ёфтааст.

### 11.2. Андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати саросар соҳибкасб кардани аҳолӣ.(калонсолон, аҳолии бекасб)

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати соҳибкасб намудани аҳолӣ тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ гардида, давоми 9-моҳи соли 2020 дар марказҳои таълимии калонсолон 2936 нафар шаҳрвандон ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Файзобод +277 нафар (583 нафар), Тоҷикобод +20 нафар (100 нафар), Ваҳдат +11 (280 нафар), Нуробод +-0 нафар (120 нафар) ва Турсунзода +-0 нафар (100 нафар) ба касбомӯзӣ ҷалб гардиданд, ки аз дуруст ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ дарак медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор -381 нафар (593 нафар), Рашт -238 нафар (371 нафар), Рӯдакӣ -112 нафар (273 нафар), Шаҳринав -65 нафар (125 нафар), Роғун -67 нафар (105 нафар) ва Варзоб -1 нафар ( 100 нафар),ва нисбати соли гузашта кам гардидааст, ки суст будани фаъолияти мақомотҳои марбутаро дар ин самт нишон медиҳад.

### 11.3. (11.3, 11.4) Бо шуғл таъмин намудани сокинони маҳаллӣ, бахусус занону духтарон ва ҷавонон, рушди ҳунарҳои мардумӣ

Бо мақсади бо шуғл таъмин намудани сокинони маҳаллӣ, эҳё намудани ҳунарҳои мардумӣ ва равнақ додани ҳунарҳои дастии аҷдодӣ, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҷумла, дар шаҳрҳои Шаҳринав 5777, Файзобод 313 нафар, нафар, Рӯдакӣ 273 нафар, Ваҳдат 180 нафар, Лахш 145 нафар, Варзоб 100 нафар, Роғун 90 нафар, Нуробод 40 нафар, Рашт 35 нафар, Тоҷикобод 20 нафар ва Турсунзода 20 нафар занону ҷавондухтарон ба омӯзиши адарасу қолинбофӣ ва ҳунарҳои мардумӣ машғул буда, кору фаъолият намуда истодаанд.

### 11.4. Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ

Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ дар 9 моҳи соли 2020, дар ноҳияҳои Тоҷикобод +35 нафар (дар маымуъ 945 нафар), Варзоб +22 нафар (85 нафар), Лахш +6 нафар (506 нафар) ва Нуробод +4 нафар (43 нафар) нисбати щамин

давраи соли гузашта зиёд гардида дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода -1703 нафар (1126 нафар), Шаҳринав -699 нафар (881 нафар), Ваҳдат -455 нафар (1152 нафар), ва Роғун -430 нафар (851 нафар), нисбати соли гузашта кам гардидааст, ки барои кори доимӣ таъмин намудани бекорон мушкилот пеш оварда, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои таъмин карда нашудааст.

Таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар қиёс бо шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда дар шаҳру ноҳияи Лахш 58,4%, Ваҳдат 72%, Турсунзода 36,6%, Нуробод 20,4% ва Варзоб 14,4% ташкил намуда, барои бекорони расман бақайдгирифташуда шумораи ҷойҳои кории нав нокифоя буда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои болозикр дар якҷояги бо вазораҳои саноат ва технологияҳои нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъсис додани ҷойхои нави корӣ фаъолиятро пурзур намоянд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Роғун 288,4% ва ноҳияи Тоҷикобод 173,3% Шаҳринав 102,4%-ро ташкил намудааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо таъмин гардидааст.

Пешниҳод: Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ зарур аст, дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баланд бардоштани дараҷаи бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони корҷӯй ва бекор, таъмини самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи кории холӣ, васеъ намудани фарогирии шаҳрвандон ба омӯзиши касбу ҳунарҳо ва вусъат додани ҳунарҳои мардумӣ, тадбирҳои мушаххас андешанд.

## 12. Рушди сармояи инсонӣ (маориф)
## (бандҳои 53, 54, 56, 57, 59, 60, 85-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди маориф бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ, 12.2. (12.2, 12.4) Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ, 12.3. (12.3, 12.5, 12.6) Баланд бардоштани сифати таълим, 12.4. (12.7) Мутоилаи китобҳои бадеи, зиёд намудани фонди китобхонаҳои соҳавӣ дар муассисаҳои таълимӣ, 12.5 (12.5, 12.8, 12,9) Миёни калонсолону хонандагон ҷорӣ намудани мутолеаи китобҳои бадей, баргузор намудани озмуни “Фуруғи субҳи доной” ва олимпиадаҳои вилоятӣ, шаҳри ва ноҳиявӣ ва ҳавасмандгардонии ғолибони озмунҳои мазкур, арзёби гардиданд.**

### 12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ

### 12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар давоми 9 моҳи соли 2020 ҷиҳати бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ ва таъсиси муассисаҳои томактабӣ тадбирҳои судманд андешида шуда, корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст.

Дар 9 моҳи соли 2020 дар ноҳияи Варзоб сохтмони бинои нави муаассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №41 деҳаи Арақчин, сохтмони бинои нави муаассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №31 дар деҳаи Шаршара, сохтмони бинои нави муаассисаи таълимии №37 дар деҳаи Фанфароқ, сохтмони бинои нави муаассисаи таълимии №62 дар деҳаи Косатароши поён идома дорад.

Бо ин мақсад дар ноҳияҳои Рӯдаки сохтмонӣ биноҳои нави муассисаҳои №№ 57 барои 216 нафар хонанда, 116 барои 96 нафар хонанда, гимназияи хусусии “Ҳиммат” барои 640 нафар хонанда, муассисаҳои томактабии “Ҳиммат” барои 120 нафар тарбиягиранда ва “Офтобак” барои 240 нафар тарбиягиранда сохта ба истифода дода шудаанд.

Ҳоло сохтмони биноҳои нави таълимгоҳҳои №№ 103 барои 140 нафар хонанда, 43 барои 192 нафар хонанда, 50 барои 168 нафар хонанда, синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумии №№45 (2-то), 22 (2-то), 92 (1-то),101 (2-то), 69 (4-то), 125 (1-то), 119 (1-то), 29 (4-то), 44 (4-то), 166 (6-то), 115 (8-то), 87 (6-то), 47 (5-то), 34 (2 –то), 60 (2-то), 106 (2-то), дар маҷмӯъ, барои 1284 ҷойи нишаст идома дорад.

Дар ноҳияи Лахш ки сохтмони бинои нави таълимии сеошёна дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9, сохтмони бинои нави таълимӣ иборат аз 9 синфхона дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-и деҳаи Оқсойи Ҷамоати деҳоти Лахш ва сохтмони бинои муассисаи томактабӣ дар деҳаи Ҷаилғани Ҷамоати деҳоти Лахш, Рашт сохтмони биноҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумии №14, 16, 20, 26, 40, 67 мавриди истифода қарор дода шуда, сохтмони биноҳои нави иловагии таълимӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 33, 35, 61 ва 70 идома дошта, Сангвор То ҳол дар назди 14 муассисаи таълимӣ 28 синфхонаи иловагӣ сохта ба истифода додашудааст.Инчунин ҷиҳати таъсиси муассиисаҳои то мактабӣ дар ноҳия 3 кӯдакистон бо фарогирии 125 нафар кӯдакон ва дар назди 22 муассисаи таҳсилоти умумӣ маркази инкишофи кӯдакон ташкил карда шуда, дар онҳо зиёда аз 300 нафар ба таълим фаро гирифта шуда, Тоҷикобод сохтмони синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимии №№ 18,27,31,37,38 ва 43 оғоз гардида, марҳила ба марҳила бо дастрасии имконият аз ҷониби аҳолӣ ва омӯзгорон ба анҷом расонида мешаванд. Инчунин сохтмони синфхонаҳои иловагӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар назди муассисаҳои таълимии № 2, 27 ва 42 оғоз гардида то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта мешаванд. Бо маблағгузории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон азнавсозии муассисаи таҳсилоти умумии № 10 ва идомаи сохтмони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6 оғоз гардидааст.

Дар шаҳри Ҳисор дар 9 моҳи соли 2020 сохтмонӣ 47 синфхонаи иловагӣ, як бинои нав барои 120 нафар кӯдак дар назди муассисаи томактабии “Садбарг”

ва бинои муассисаи томактабии хусусии “Кабӯтар” барои 250 нафар кӯдак сохта ба истифода дода шудааст.

Айни замон, дар назди муассисаҳои таълимии ҳудуди шаҳр корҳои ҳуҷҷатгузорӣ ва сохтмонӣ дар 83 адад синфхонаҳои иловагӣ идома дорад.

Дар шаҳрҳои Турсунзода сохтмони 36 синфхонаҳои иловагӣ, 1 толори варзишӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Дар ноҳияи Файзобод дар 9 моҳи соли 2020 сохтмони 2 адад муассисаи таълимӣ бо 360 ҷойи нишаст, 1 муассисаи томактабии хусусӣ 16 адад синфхонаҳои иловагӣ ва 2 марказҳои рушди кӯдакон бо сурат идома дошта, то ин муддат 1 муассисаи таълимӣ дорои 120 ҷойи нишаст ва 10 адад синфхонаиҳои иловагӣ мавриди истифода қарор дода шуда, боқимонда иншоотҳои зикргардида то охири соли ҷорӣ ба истифода додани онҳо дар назар аст. Бояд қайд намуд, ки сохтмони муассисаҳои таълимӣ ва синфхонаҳои иловагӣ дар деҳот ба нақша гирифта шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав 87 синфхона сохта ба истифода дода шудааст.

Норасоии китобҳои дарсӣ нисбати соли 2019 дар ноҳияҳои Тоҷикобод +3882 адад ( дар маҷмуъ 21382 адад), Нуробод +2000 адад (20000 адад) ва Варзоб +1500 адад (16282 адад) тамоюл ба зиёдшавӣ дорад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода 140321 адад (-11493 адад), Рашт 107000 адад (-51000 адад) ва Роғун 6100 адад (-5600 адад) нисбати ҳамин давраи соли гузашта кам гардида, аз самаранокии фаъолияти мақомоти маҳаллӣ ва марказӣ дарак медиҳад.

Ҳолати таъминоти китобҳои дарсӣ дар ноҳияҳои Варзоб, Нуробод ва Тоҷикобод ба нишондоди рушди маориф таъсири манфӣ расонида, пурзӯр намудани ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд.

### 12.2. (12.2, 12.4) Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ.

### 12.2 Васеъ намудани фоизи фарогириикӯдакон дар муассисаҳои томактаб , ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативии омода намудани кӯдакон

Дар шаҳри Ваҳдат 20 муассисаи томактабӣ фаъолият менамояд, ки аз он 3 кудакистонаш хусусӣ мебошад ва дар онҳо 2295 нафар кӯдакон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Дар ноҳияи Файзобод бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши кӯдакони синни томактабӣ 4 муассисаи томактабӣ фаъолият дошта, дар онҳо беш аз 500 нафар кӯдакон тарбия мегиранд. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши кӯдакони синни томактабӣ 16 адад маркази инкишофи кӯдакон дар назди муассисаҳои таълимӣ фаъолият доранд, ки беш аз 341 нафар кӯдаконро ба таълим фаро гирифтаанд. Дар ноҳия шумораи умумии кӯдакони синни томактабӣ 20932 нафарро ташкил дода, аз ин 9940 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд. Шумораи фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ 2,6% -ро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Шаҳринав 5 муассисаи томактабӣ аз ҷумла, 3 муассисаи томактабии хусусӣ фаъолият доранд, ки дар он 468 нафар кӯдакон дар 10 гурӯҳ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Дар назди 37- муассисаҳои таълимии ноҳия бо фарогирии 1215 нафар кӯдакони синни 4-6 сола дар 60 гурӯҳ, аз он ҷумла 4- гурӯҳи таълимашон бо забони русӣ Маркази инкишофи кӯдакон фаъолият доранд, ки дар маҷмуъ 1683 нафар кудакон ба таълим фаро гирифта шудааст.

Дар шаҳри Турсунзода 6 муассисаҳои томактабӣ фаъолият менамояд ки дар онҳо 2224 нафар кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, ба онҳо 157 мураббиён таълиму тарбия медиҳанд.

Дар ноҳияи Варзоб 15 муассисаи томактабӣ ва дар назди 15 муассисаҳои таълимӣ "Марказҳои инкишофи кӯдак" фаъолият менамояд, ки дар онҳо 278 нафар кӯдакон ар 15 гурӯҳ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст, ки 4,2 % умумии кудакони то сини мактабиро ташкил медиҳад.

Айни замон сохтмони 1 муассисаи томактабӣ оғоз гардида, то охири соли ҷорӣ ба истифода дода мешавад Сохтмони 1 муассисаи томактабии дигар ба нақша гирифта шудааст.

Дар ноҳияи Лахш шумораи муассисаҳои томактабӣ 6 ададро ташкил дода, дар онҳо 211 нафар кӯдакон, ки аз он 106 нафарашон духтарон мебошанд, ба тарбия фаро гирифта шудаанд.

Дар назди 16 муассисаҳои таълимӣ аз ҷумла, №№1, 2, 4, 5, 6, 7, 9, 12, 14, 16, 18, 23, 24, 25, 30, 50 «Марказҳои инкишофи кӯдакон» ташкил карда шудаанд, ки дар онҳо 371 нафар кӯдакон, аз ин шумора 149 нафарашон духтарон ба тарбия фаро гирифта шудаанд, ки 5% шумораи умумии кудакони то мактабиро ташкил медиҳад.

Дар ин давра дар ноҳияи Нуробод 2 муассисаи томактабӣ фаъолият дошта, дар онҳо беш аз 377 нафар кӯдакон тарбия мегиранд. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши кӯдакони синни томактабӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ 16 адад Марказҳои инкишофи кӯдакон фаъолият доранд, ки беш аз 313 нафар кӯдаконро ба таълим фаро гирифтаанд. Бо дарназардошти инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва кӯдакистонҳо теъдоди кӯдаконӣ синни томактабии ба таълиму тарбия фарогирифта шудааст, ки 7 % ё 690 нафар аз шумораи умумии кудакони томактабиро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Рашт 2 муассисаи таҳсилоти томактабӣ боғчаи бачагонаи №1 шаҳраки Ғарм ва боғчаи бачагонаи №2 шаҳраки Навобод фаъолият доранд, ки фарогири 160 нафар кӯдакони синни томактабӣ буда, ки нисбати се моҳаи аввали соли ҷорӣ 25 нафар ка кам гардидааст ки 2,2%- шумораи умумиии кудакони то мактабироо ташкил медиҳад. Инчунин бо қарори раиси ноҳия аз 25 январи соли 2020, №43 дар хусуси ташкил намудани 2 муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои 30-нафарӣ тарбиятгиранда дар деҳаи Қазноқи деҳоти Нусратулло Махсум ва деҳаи Ҳоити деҳоти Ҳоит ба тасвиб расида, бинобар сабаби хуруҷи бемории нави сироятии коронавирус то ҳол фаъолияти худро оғоз накарданд.

Дар шаҳри Роғун шумораи муассисаҳои томактабӣ ду ададро ташкил дода, дар онҳо 305 нафар кӯдакон ба таълиму тарбия ҷалб карда шудаанд, ки 7,7 фоизи шумораи умумии кудакорнро ташкил медиҳад.

Айни замон дар ноҳияи Рӯдакӣ 15 муассисаи томактабӣ фаъолият менамояд, ки 9- тои он дар тобеияти раёсати маориф 1- тоаш дар тобеияти ҷамъияти саҳҳомии "Ӯлҷабой" ва 5-тои дигараш хусусӣ мебошад. Дар муассисаҳои томактабӣ 1874 нафар кӯдакон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст.

Дар шаҳри Ҳисор 11 муассисаи томактабӣ (4 адади он муассисаҳои хусусӣ) фаъолият дошта, дар 49 гурӯҳ 1335 нафар кӯдакон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст, ки 22,4% шумораи умумии кудакони то мактабиро ташкил медиҳад.

Дараҷаи фарогирии кудакони синни томактаби дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар шаҳру ноҳияи Ҳисор 22,4%, Роғун 7,7%, Нуробод 7%, Лахш 5%, Варзоб 4,2%, Файзобод 2,6%, Рашт 2,2%-ро ташкил дода, барои расидан ба нишондиҳандаи пешбининамудани Стратегияи миллии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 то 30% андешидани чораҳои зарурӣ ба миён омадааст.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Турсунзода, Варзоб, Лахш ва Рашт вобаста ба зербанди мазкур, аз ҳисоботҳои 3,6 моҳа нусхабардорӣ карда шудааст, ки аз хунукназарии шахси масъул дарак медиҳад.

### 12.3. (12.3, 12.6) Баланд бардоштани сифати таълим,

### 12.3. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоӣ кадрҳои омӯзгорӣ, гузаронидани такмили ихтисоси омӯзгорон, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи кабинетҳои фаннӣ дар муассисаҳои таълимӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб +3 (11 адад дар маҷмӯъ), Нуробод +1 адад (25 адад), Рашт +3 адад (3 адад), Шаҳринав +1 адад (38 адад), Роғун +1 адад (6 адад) зиёд шуда, дар шаҳри Турсунзода 25 адад, ва ноҳияи Тоҷикобод 5 адад бетағйир боқӣ монда дар шаҳри Ваҳдат -5 (550 адад) кам гардидааст.

Дар ин давра норасоии кадрҳои омӯзгорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб 40 нафар (17 нафар забонҳои хориҷӣ), Рашт 29 нафар (7 нафар забонҳои хориҷӣ), Ваҳдат 25 нафар (14 нафар забонҳои хориҷӣ), Тоҷикобод 19 нафар (9 нафар забонҳои хориҷӣ), Турсунзода 10 нафар (8 нафар забонҳои хориҷӣ), Нуробод 3 нафар (1 нафар забонҳои хориҷӣ) ва Роғун 2 нафар ( 2 нафар забонҳои хориҷӣ), ро ташкил додааст, ки ба сатҳу сифати таълим таъсири манфӣ расонида, андешидани чораҳои мушаххасро ҷиҳати ҳалли норасогии кадрии омузгорӣ талаб менамояд.

## 12.6. Тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ: русӣ, англисӣ ва ғайра арзёбӣ гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Нуробод ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳрии Тоҷикистон "Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020" дар муассисаҳои таълимӣ чорабиниҳои гуногуни фарҳангию илмӣ гузаронида шуда, айни замон дар муассисаҳои таълимии ноҳия 43 нафар омӯзгори фанни забони русӣ ва 51 нафар омӯзгори фанни забони англисӣ фаъолият менамоянд. (нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ модааст).

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия Варзоб 170 нафар муаллимони забонҳои хориҷӣ аз ҷумла, 81 нафар омӯзгори фанни англисӣ ва 89 нафар забони русӣ фаъолият намуда, мутаассифона норасогии омӯзгорони фанни англисӣ 5 нафар ва русӣ 3 нафарро ташкил медиҳад (нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ модааст).

Дар ноҳияи Лахш ҳамагӣ 93 нафар омӯзгорони фанни забони русӣ ва 75 нафар омӯзгорони фанни забони англисӣ кору фаъолият намуда истодаанд.

Дар 3 соли охир ҳамагӣ 22 нафар хатмкунандагони донишкадаҳои олӣ, аз он ҷумла 9 нафар аз рӯи ихтисоси омӯзгори забони англисӣ ва 13 нафар аз рӯи ихтисоси омӯзгори забони русӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия ба кор қабул карда шуда, ба омӯзгорони пешқадам вобаста карда шудаанд.

Вобаста ба шароит дар соли таҳсили нав дар муассисаҳои таълимии №1, 2, 9, 5, 3, 7, 21, 12, 13, 4, 18, 19, 15, 31, 16 кабинетҳои фанни забони русӣ ва англисӣ ташкил карда шуда, бо асбобу дигар аёниятҳои таълимӣ ҷиҳозонида шудаанд (нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ модааст).

Дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Рӯдакӣ 382 нафар омӯзгорони фанни забони хориҷӣ, аз ҷумла, 367 нафар омӯзгорони фанни забони англисӣ фаъолият доранд, ки аз онҳо 280 нафар бо таҳсилоти олӣ, 87 нафар бо таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолият доранд. Аз онҳо 63 нафарашон дараҷаи олии омӯзгорӣ, 55 нафарашон дараҷаи якуми омӯзгорӣ, 75 нафар дараҷаи дуюми омӯзгорӣ доранд ва 108 нафарашон мутахассисони ҷавон мебошанд. Ҳамчунин дар таълимгоҳҳои ноҳия 5 нафар омӯзгорони фанни забони олмонӣ, 2 нафар омӯзгорони фанни забони фаронсавӣ, 7 нафар омӯзгорони фанни забони арабӣ кор мекунанд.

Дар ноҳияи Рашт дар назди 33 муассисаҳои таълимӣ дарсҳои иловагӣ аз фанҳои забони русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст, ки зиёда аз 382 нафар хонандагон аз фанни забони англисӣ ва 257 нафар хонандагон аз фанни забони русӣ ба дарсҳои иловагӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия Сангвор 22 нафар омӯзгорон ба таълими фанни забони русӣ ва 17 нафар ба таълими забони англисӣ машғул мебошанд. Ҳамасола омӯзгорон аз руи нақшаи курсҳои такмили ихтисоси Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф аз курсҳо гузашта дониши худро сайқал медиҳанд.

Айни замон дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Файзобод 94 нафар омӯзгори фанни забони русӣ ва 70 нафар омӯзгори фанни забони англисӣ фаъолият доранд. Ҳамчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 63 нафар омӯзгори фанни забони англисӣ бо таҳсилоти олӣ ва 5 нафар бо таҳсилоти миёнаи махсуси омӯзгорӣ ба тадрис машғуланд.

Дар шаҳри Роғун дар муассисаҳои таълимии №1,2,3 ва маркази эҷодии кудакон ва наврасон курсҳои омӯзиши забонҳои руссӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст, ки зиёда аз 320 нафар хонандагон фаро гирифта шуда, дар ноҳияи Тоҷикобод 54 нафар омӯзгорони фанни забони забони русӣ ва 33 нафар омӯзгорони фанни забони англисӣ кору фавъолият доранд.

Дар муассисаҳои таълимии шаҳри Турсунзода таълим асосан дар муассисаҳои шаҳр бо забони давлатӣ сурат гирифта, дар онҳо омӯзиши ҳатмии забони давлатӣ таъмин гардидааст. Ҳоло дар 101 муассиса таълим пурра бо забони тоҷикӣ, дар 8 муассиса таълим бо забони тоҷикӣ- русӣ, дар 1 муассиса таълим бо забони тоҷикӣ-русӣ-англисӣ, дар 13 муассиса таълим бо забони тоҷикӣ -ӯзбекӣ ва дар 3 муассиса таълим бо забони русӣ ба роҳ монда шудааст.

Маълумотҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Роғун, Турсунзода, Варзоб, Лахш, Нуробод, Рудакӣ ва Фазобод вобаста ба зербанди мазкур аз ҳисоботҳои 6 моҳа нусхабардорӣ карда шудааст.

### 12.7 Мутолиаи китобҳои бадеӣ, зиёд намудани фонди китобхонаҳои соҳавӣ дар муассисаҳои таълимӣ,

Дар ноҳияи Варзоб бо мақсади зиёд намудани фонди китобхонаҳо аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои соли 2020 ба фонди китобхонаҳои соҳаи фарҳанг 2150 сомонӣ ва муассисаҳои таълимӣ 91000 сомонӣ маблағ пешбинӣ гардидааст.

Дар ноҳияи Лахш барои зиёд намудани фонди китоби китобхонаҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумии ва китобхонаҳои бахши фарҳанг дар давраи ҳисоботии соли 2020 аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ равона карда шудааст.

Дар ноҳияи Файзобод барои баланд бардоштани маънавиёти шаҳрвандон ва дар ин замина зиёд намудани фоди китоб дар китобхонаҳои ноҳия тибқи маблағҳои ҷудогардидаи буҷети маҳаллӣ ҳар сол китобҳои нав харидорӣ карда мешавад. айни замон дар фонди китобхонаҳои ноҳия 83158 адад китоб буда, 38792 ададаш бо забони тоҷикӣ мебошад.

Ҷиҳати афзоиш додани ҳаҷми маблағҳои зарурӣ барои зиёд кардани китобҳои шоирону нависандагони шинохтаи тоҷик ва ҷаҳон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор ба китобхонаи марказии шаҳр ба маблағи 20 ҳазор сомонӣ ҷудо намудааст.

Ҳамзамон барои афзоиш додани фонди китобии китобхонаҳои соҳаи маориф дар соли ҷорӣ ба муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳр 117 ҳазору 192 сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав айни ҳол теъдоди китобҳои бадеӣ дар 41-китобхонаҳои мактабӣ 64182 адад, адабиёти сиёсӣ 869 адад, адабиёт дар шакли электронӣ 1485 ададро ташкил медиҳанд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод тамоми роҳбарони ташкилоту муассисаҳои ҳудуди ноҳия барои бунёди китобхонаҳои соҳавӣ ва зиёд намудани фонди китобҳо вазифадор карда шуданд. Маблағгузорӣ дар ин самт зиёд гардида, харидории китобҳо зина ба зина амалӣ гардида истодааст.

Дар сметаи хароҷотии муассисаҳои таълимӣ барои харидории китобҳои бадеӣ 27000 сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар ноҳияи Рашт барои соли таҳсили 2018-2019 барои харидории китобҳои бадеӣ дар харҷномаи муассисаҳои таълимӣ 82768 сомонӣ ва дар соли 2019-2020, 75881 сомонӣ ҷудо шудааст.

Дар шаҳри Турсунзода дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ба шуъбаи маориф 83120 китоби дарсӣ ба маблағи 1282578 сомонӣ, 360 китоби бадеӣ ба маблағи 5499 сомонӣ ва 5173 китоби методӣ ба маблағи 120076 сомонӣ ворид гардидааст.

Дар 84 муассисаи таълимӣ китобхонаҳо фаъолият дошта, фонди китобхонаҳо асосан аз ҳисоби харидории китобҳои тозанашри бадеӣ ва миёни хонандагон эълон гаштани аксияҳои китоб ғанӣ гардонида мешаванд. Аз тарафи ташкилоту муассисаҳои шаҳр аз нашриёти “Адиб” 1112 нусха китоб ба маблағи 21879 сомонӣ китобҳои тозанашр харидорӣ шуд. Инчунин барои зиёд намудани фонди китохонаҳои шаҳр ба маблағи 5000 сомонӣ 192 нусха китобҳои бадеӣ харидорӣ гардиданд.

Маълумоҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор, Файзобод, Варзоб, Рашт, Тоҷикобод ва Шаҳринав вобаста ба зербанди мазкур маълумотҳои 3,6 моҳа нусхабардорӣ карда шудааст.

### 12.5. ( 12.5, 12.8 12.9) Миёни калосолону хонандагон ҷорӣ кардани мутолиаи китобҳои бадеӣ.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Турсунзода бо мақсади баланд бардоштани завқи мутолиаи китоб миёни наврасону ҷавонон ва баланд бардоштани савияи донишу маърифатнокии хонандагон баргузории озмунҳои «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» идома дорад. Дар партави дастуру супориши муҳтарам Пешвои миллат китобхонаи идоравӣ ташкил гардида, дар он китобҳои шоирону нависандагони шинохтаи тоҷик ва ҷаҳон гирд оварда шудаанд.

Даври якуми озмуни «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ҷамъбаст гардида, даври дуюми озмун аз 21 то 25 октябри соли ҷорӣ дар шаҳри Ҳисор баргузор мегардад, 27 нафар аз шаҳри Турсунзода барои иштирок пешниҳод карда шудаанд.

Дар ноҳияи Варзоб дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мутолиаи китобҳои бадеӣ миёни калонсолону хонандагон ташкил карда шудааст.

Дар ноҳияи Лахш бо максади ҷалб намудани хонандагон ва ҷавонон ба китобхонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия ва китобхонаҳо гушаҳои “Ҳамроҳ бихонем” ташкил карда шуда дар онҳо китобҳои асарҳои адибони классику муосири тоҷик ва ҷаҳон дастраси ҳар як хонанда гардонида шудааст.

Дар ноҳияи Тоҷикибод барои ҷалби кӯдакону калонсолон ба китобхонӣ дар ҳамаи ташкилоту муассисаҳои ҳудуди ноҳия китобхонаҳо бунёд гардида

истодаанд. Дар ин замина нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, ҳамаи қишри сокинони ноҳия ба китобхонӣ ҷалб гардида истодаанд.
Дар шаҳри Ҳисор байни омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар як сол мутолиаи зиёда аз 5 китоби бадеӣ ва ҳифзи асарҳои манзуму мансури адибони гузашта ва муосир ташкил карда шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав бо фармоиши мудири шуъбаи маориф аз 7 январи 2020, №5 руйхати асарҳои бадеи барои мутолиаи кормандони соҳаи маориф, хонандагони муассисаҳои таълимӣ (барои ҳар як зина таҳсилот) омода гардида, ба масъулин дастрас гардонида шудаанд. Рафти мутолиаи адабиёти бадеӣ аз ҷониби хонандагон ва фаъолияти китобхонаҳои мактабӣ дар муассисаҳои таълимӣ зери назорати мутасаддиён қарор дода шудааст.хамзамон тибқи мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.10.2019, №06/1-1960, тибқи ҷадвали пешниҳодгардида баргузории ҳафтаи бузургдошти адибони тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба роҳ монда шудааст, ки ҳар моҳ дар Шӯрои шуъбаи маорифи ноҳия мавриди натиҷагирӣ қарор дода мешавад.

Мутаассифона мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Вахдат, Роғун , Рӯдакӣ, Нуробод, Рашт ва Файзобод вобста банди мазкур маълумот пешниҳод накарданд.

### 12.8 Баргузор намудани озмуни “Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст”

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ҷиҳати баргузории озмуни “Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст” тибқи Низомнома гузаронида шуда, ғолибони ноҳиявӣ ҳавасманд гардонида мешаванд. Ҳамзамон бо қарори раиси ноҳияи Варзоб аз 27.03.2020 сол, №175 кумитаи тадорукоти ноҳиявӣ таъсис дода шудааст. Ба 11 нафар ғолибон аз ҳисоби иштирокчиёни даври ноҳиявӣ 4380 сомонӣ тухфаҳои молиявӣ такдим гардида, бо Ифтихорнома ва сипосномаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия сарфароз гардонида шуданд. Дар даври чоруми озмун хонандаи синфи 1-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17 Хайруллоева Гурдофарид аз рӯйи номинатсияи азёд кардану хондани адабиёти бачагона шоистаи ҷойи аввал гардида, ба даври ниҳоӣ сафарбар гардид.

Дар ноҳияи Шаҳринав бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” даври ноҳиявии озмун 17.08.2020 баргузор гардида, 12 нафар хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия ба даври минтақавӣ роҳхат гирифта 8 нафар сазовори ҷойҳои намоён гардиданд.

Дар ноҳияи Лахш аз руи натиҷаҳои даври ноҳиявӣ 12 нафар дар озмуни минтақавӣ иштирок намуда, 3 нафар ба озмуни ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифтаанд.

Дар ноҳияи Нуробод озмуни ноҳиявии“Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст” баргузор гардида, дар он беш аз 62 нафар дӯстдорони китоб ширкат варзида, 20 нафар ба даври сеюм роҳхат гирифтанд.Рузи 17 августи соли 2020 ҷамъбасти даври ноҳиявии Озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон-Ватани азизи ман” миёни қишрҳои мухталифи ноҳия баргузор намуданд. Дар озмун 32 нафар итирок

намуда, дар доираи талаботи озмун малака ва истеъдоди худро нишон дода, 7 нафар барои иштирок ба даври ниҳоӣ роҳхат гирифтанд.

Дар ноҳияи Рашт даври дуюми озмуни "Фуруғи субҳи доноӣ" рӯзи 14 сентябри соли равон дар маркази ноҳия баргузор гардида, аз шумораи 70 нафар иштирокчиён 13 нафар ба даври минтақавӣ, ки дар шаҳри Ваҳдат доир гашт, роҳхат гирифтаанд.

Дар шаҳри Роғун дар доираи гузаронидани озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар даври шаҳрии озмун, ки 11 сентябри соли ҷорӣ дар Қасри фарҳанг доир гардид 76 нафар хонандагону омӯзгорон иштирок намуданд, ки аз онҳо 2 нафар тарбиятгирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, 6 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 2 нафар омӯзгорон ба даври минтақавӣ роҳхат гирифтанд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод даври аввали озмуни мазкурро баргузор намуда, ғолибон ба даври ноҳиявӣ роҳхат гирифтанд. Дар даври ноҳиявии озмуни мазкур 148 нафар иштирок намуда, 17 нафар ба даври минтақавӣ роҳхат гирифтанд.

Дар шаҳри Турсунзода озмуни "Фуруғи субҳи доноӣ", ки даври минтақавӣ, ки дар шаҳри Ҳисор баргузор гардида, 4 нафар сазоври ҷойҳои 1, 2 ва 3 гардида, ба даври ҷумҳурявӣ роҳ ёфтаанд.

Дар ноҳияи Файзобод озмуни "Фуруғи субҳи доноӣ" гузаронида шуда, айни замон ғолибони даври ноҳиявӣ барои иштирок дар даври ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифтаанд.

### 12.9 Дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баргузор намудани олимпиадаҳои вилоятӣ,шаҳрва ноҳиявӣ аз фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ. (банди 53 Паём)

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 31.01.2020, № 1445 "Дар бораи бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, корҳои муайян ба сомон расонида шудааст.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Варзоб маҳфилҳои «Химикони ҷавон», «Математикони ҷавон», «Физикони ҷавон», аз ҳисоби Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо таъсис дода шуда, дар олимпиадаи минтақавӣ иштирок намуда, 17 нафар сазовори ҷойҳои 1,2,3 ва ифтихорӣ гардиданд.

Дар ноҳияи Лахш дар давраи ҳисоботӣ хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия дар олимпиадаҳои минтақавӣ фаъолона иштирок намуда, 11 нафар ғолибон бо ифтихорномаву туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуда, се нафар ғолибони олимпиадаи минтақавӣ ба даври ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифтанд.

Дар ноҳияи Рашт дар давраи ҳисоботӣ озмуни "Беҳтарин математик" баргузор гардида, дар он зиёда аз 90 нафар хонандагон фаъолона иштирок намуданд. 16 нафар иштирокчиён сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардида, ғолибон бо ифтихорномаи раиси ноҳия ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шудаанд.

Дар шаҳри Турсунзода дар давраи ҳисоботи бо мақсади татбиқи “Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020” дар давраи таътили зимистона моҳи январи соли 2020 дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ даври якуми олимпиадаи фаннии наврасон баргузор гардида, дар он беш аз 2654 нафар хонандагони синфҳои 5-6 аз рӯи 8 фаннӣ таълимӣ ва 3689 нафар хонандагони синфҳои 7-8 аз рӯи 11 фанни таълимӣ иштирок намуданд.

Аз теъдоди умумии иштироккунандагон 1246 нафар ба даври дуюми олимпиадаи шаҳрӣ роҳхат гирифтанд. Инчунин, ҷиҳати омода намудани хонандагон ба олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ дар ҳамкорӣ бо Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар ин давра 109 нафар хонандагони синфҳои 9-11 аз 1 то 10 январи соли 2020 ба машғулиятҳои иловагӣ ба шаҳри Душанбе сафарбар карда шуданд.

Дар даври минтақавии олимпиадаи фаннии хонандагон, ки рӯзҳои 8-9 феврали соли 2020 дар Муассисаи давлатии “Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат”-и шаҳри Ҳисор баргузор гардид, 180 нафар хонандагони синфҳои 9 ва 10 ширкат варзида, аз ҷамъбасти он 11 медали тилло, 6 медали нуқра, 16 медали биринҷӣ ва 29 ҷойи ифтихорӣ ба даст оварда шуд. Даври минтақавии олимпиадаи фаннии хонандагони синфҳои 11 бошад, рӯзҳои 15-16 феврали соли 2020 дар Муассисаи давлатии “Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат”-шаҳри Ҳисор гузаронида шуд, ки дар он 87 нафар иштирок намуда, дар натиҷа хонандагон ба гирифтани 3 медали тилло, 8 медали нуқра, 15 медали биринҷӣ ва 16 ҷойи ифтихорӣ сазовор гардиданд.

Рӯзҳои 22-23 феврали соли 2020 дар Муассисаи давлатии таълимии “Литсей барои хонандагони болаёқат”-и шаҳри Душанбе байни хонандагони синфҳои 9-10 даври минтақавии олимпиадаи даставӣ аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва фанҳои табиӣ-риёзӣ баргузор шуд, ки дар он 33 нафар хонандагон иштирок намуда, сазовори 3 медали тилло, 3 медали нуқра, 4 медали биринҷӣ ва 9 ҷойи ифтихорӣ гардиданд.

Дар маҷмуъ, дар давраи ҳисоботӣ хонандагони шаҳри Турсунзода аз олимпиадаҳои минтақавӣ ба хазинаи дастовардҳо 17 медали тилло, 17 медали нуқра ва 35 медали биринҷиро ворид намуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ аз рӯи 13 фан олимпиадаи анъанавии фаннӣ гузаронида шуда, дар он хонандагон 370 нафар хонандагони синфҳои 9, 10 ва 11 аз 5 литсею гимназияҳои ҳудуди ноҳия фаъолона иштирок намуданд. Аз ин шумора 117 нафар хонандагони беҳтарин – ғолибон ба даври ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ роҳхат гирифтанд. Муассисаи таълимии литсейи хусусии “ Эҳсон “ бо 65 ғолибият мақоми аввалро соҳиб гаштааст.

Дар ин давра дар даври минтақавии (ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) олимпиадаи анъанавии фаннӣ барои хонандагони синфҳои 9 ва 10, ки дар муассисаи таълимии “Мактаби президентӣ”-и шаҳри Ҳисор баргузор гардид, 200 нафар толибилмони таълимгоҳҳои ноҳия иштирок намуда, аз ин шумора 80 нафарашон ғолиб гардиданд. Рӯзи 15 феврали соли равон дар даври минтақавии (ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) олимпиадаи анъанавии фаннӣ барои синфҳои 11, ба 102 нафар хонандагони синфи 11 аз муассисаҳои таълимии ноҳия аз рӯйи 13

фан иштирок намуда, 40 нафарашон ғолиб дониста шуданд ва ба даври ҷумҳуриявии олимпиада роҳхат гирифтанд.

Дар ноҳияи Шаҳринав дар давраи ҳисоботи аз байни хонандагони ноҳия 6 нафар хонандагон Дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ ва номӣ дар мактаби байналмиллалии шаҳри Душанбе баргузор гардид, бо ҷойҳои дуюм, сеюм ва ифтихориро сазовор гаштаанд.

Ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои болозикр вобаста ба зербанди мазкур, ба истиснои ноҳияи Шаҳринав нисбати 6 моҳаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар ҳамкорӣ бо Вазоратҳои маориф ва илми, рушди иқтисод ва савдои, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои таъмиру таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти садамавӣ, бартараф намудани норасоии омӯзгорон ва китобҳои дарсӣ, васеъ намудани фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 13. Рушди соҳаи тандурустӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи тандурустӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ;**

### 13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ

**13.1. Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасогии кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст.**

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва ҳалли масъалаҳои норасоӣ кадрҳои тиббӣ тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, як қатор корҳои судманд ба сомон расонида шудаанд.

Дар ноҳияи Варзоб дар доираи нақшаи чорабиниҳои амалӣ намудани корҳои ободонию бунёдкорӣ бахшида ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони 4 бунгоҳи тиббӣ идома дорад. Ҳамзамон бо дастгирии сармояи мустақим як маркази саломатӣ дар деҳаи Косатарош сохта ба истифода дода шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Ваҳдат 1 беморхонаи марказӣ, 6 беморхонаи минтақавӣ, 4 марказҳои махсусгардонидашудаи (сил, Вируси норасогии масунияти одам (ВНМО), тарзи ҳаёти солим, Норкологӣ) муассисаи кумаки аввалияи тиббӣ, 30 марказҳои саломатӣ, 79 бунгоҳои тиббӣ ва 9 беморхонаи хусусӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонад.

Дар ноҳияи Лахш дар ҳамкорӣ бо шарикони Рушд сохтмони биноҳои замонавии бунгоҳҳои тиббӣ дар деҳаҳои Сасиқбулоқ, Ҷултерак ва Балх идома дошта, сохтмони бинои бунгоҳи тиббӣ дар деҳаи Қаракенҷа ва сохтмони бинои беморхонаи сироятӣ дар маркази ноҳия оғоз мегарданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳия Нуробод 43 муассисаи тандурустӣ, аз ҷумла, 1 беморхонаи марказии ноҳия (БМН), 1 муассисаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС), 5 беморхонаҳои минтақавӣ (БМ), 5 маркази саломатии деҳот (МСД), 29 бунгоҳи саломатӣ (БС), 1 МНДСЭ фаъолият дошта, сохтмони 1 адад бунгоҳи тиббӣ дар деҳаи Якбараи ҷамоати деҳоти Сафедчашма сохта ба истифода дода шудааст.

Дар муассисаҳои тандурустии ноҳияи Рашт 141 нафар табибони маълумоти олидор ва 464 нафар кормандони миёнаи тиб ба аҳолӣ хизмати тиббӣ мерасонанд. Таъминоти табибон дар ноҳия ба 11,4 (ба 10000 аҳолӣ) ва бо ҳамшираҳои тиб ба 33,4 (ба 10000 аҳолӣ) баробар мебошад. Дараҷанокии табибон 53 фоиз ва кормандони миёнаи тиб 51,2 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ноҳия беморхонаи марказӣ дорои 206 кат, беморхонаҳои минтақавӣ дорои 85 кат, беморхонаи рӯҳӣ дорои 60 кат ва маркази бемориҳои сил дорои 15 кат буда, фаъолияти худро дар самти беҳдошти сиҳатии омма пеш бурда истодаанд.

Инчунин, муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар тобеияти худ 1 маркази саломатии ноҳиявӣ, 19 адад марказҳои саломатии деҳотӣ, 51 адад бунгоҳҳои тиббӣ дошта, ба зиёда аз 132 ҳазор аҳолӣ кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ мерасонанд.

Шумораи муассисаҳои соҳаи тандурустӣ дар шаҳри Роғун 19 ададро ташкил медиҳанд. Аз ин 2 адад беморхонаи марказӣ, 1 адад маркази саломатии шаҳр, 11 адад бунгоҳои тиббӣ 4 маркази саломати деҳот 1 адад амбулаторияи тиббӣ оилавӣ фаъолият намуда истодаанд.

Шумораи кормандон 320 нафарро ташкил дода, 200 нафари онҳо занон мебошанд. Табибони маълумоти олидор 16 нафар, кормандони миёнаи тиббӣ 261 нафарро ташкил медиҳанд.

Дар ноҳияи Сангвор 1 беморхонаи марказӣ, 2 беморхонаи минтақавӣ, 1 маркази саломатии ноҳиявӣ, 4 маркази саломатии деҳот, 22 бунгоҳи тиббӣ, маркази эмтаъминкунӣ, ҳуҷраи мубориза бар зидди бемориҳои сил, ҳуҷраи ташаккули тарзи ҳаёти солим, ҳуҷраи солимии репродуктивӣ ва танзими оила ва ҳуҷраи ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона хизмати тиббӣ расонида истодаанд. Мувофиқи нақшаи 30-солаги Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия шуъбаи бемориҳои сироятӣ беморхонаи марказӣ сохта ба истифода дода мешавад. Айни ҳол сохтмонаш дар арафаи анҷомёбӣ қарор дорад.

Дар шаҳри Турсунзода бахри баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолии шаҳр 6 беморхонаи бистарикунонии давлатӣ, 10 беморхонаи бистарикунонии шахсӣ, маркази саломатии шаҳр, 11 маркази хусусии ташхисию табобатӣ ва 10 маркази табобатию пешгирии бемориҳо фаъолият доранд. Беморхонаҳои шаҳр бо табибон 98,9 фоиз ва бо ҳамшираҳои тиббӣ 100 фоиз таъмин буда, норасоии кадрҳо дар соҳаи ноҷотбахшии кӯдакон 2 нафар, рентгенолог 2 нафар, саратоншинос, логопед, нарколог ва 1 нафар эпидемиолог ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Файзобод 58 муассисаи тандурустӣ, аз ҷумла, беморхонаи марказӣ, беморхонаҳои минтақавии Меҳробод ва Мискинобод, ки дорои 200 кат мебошанд, амал менамоянд. Имрӯзҳо ба аҳолии ноҳия 16 марказ ва 31

бунгоҳи саломатӣ, 8 маркази соҳавӣ дар хизмати сокинони ноҳия қарор дошта, дар он 116 нафар духтурон ва 451 нафар ҳамшираҳои тиббӣ фаъолият доранд.

Дар ин давра бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва саҳми соҳибкорон сохтмони 3 адад бунгоҳи саломатӣ бо тамоми таҷҳизот сохта мавриди истифода қарор дода шуда, сохтмони 1 адад беморхонаи сироятӣ дар деҳаи Мискинободи деҳоти Мискинобод бо маром идома дошта ва дар 16 адад марказҳои саломатии дигар ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат ҳуҷраҳои хатнаи кӯдакон таъсис дода шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав аз тарафи соҳибкор Аҳмадзода Ҷ маркази ташхиссии табобатӣ - “Муҳамаддҷон” дар Ҷамоати деҳоти ба номи А.Ҳасанов ба фаъолият шурӯъ намудааст.

Дар нӯҳ моҳи соли ҷорӣ барои омодагии сатҳи баланд, хизматрасонии сари вақтии тиббӣ ба аҳолии ноҳия дар шӯъбаи умумии Беморхонаи марказӣ дар Ҷамоати деҳотии ба номи А.Ҳасанов 50 кати иловагӣ бо таъмини рахти хоб ва лавозимотҳои тиббӣ тайёр карда шудааст.

Дар ҳудуди шаҳри Ҳисор дар маҷмуъ 93 муассисаҳои тандурустии госпиталӣ ва кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ба мардум хизмат расонида истодаанд.

Муассисаҳои сохтори госпиталии шаҳр 7 беморхонаи шаҳрӣ ва 1 беморхонаи минтақавӣ дар бар мегирад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар муассисаҳои госпиталӣ як қатор корҳои ташхисию табобатӣ, ташкилию дастурӣ ва корҳои ободонию бунёдкорӣ ба анҷом расонида шуд. Дар муассиса 578 кат ба беморон хизмат расонида истодааст. Таъминот бо катҳо дар соли равон ба 10 000 аҳолӣ 17,9 ададро ташкил медиҳад.

Дар сохтори госпиталии шаҳр дар соли равон 114 нафар табибон, 282 нафар ҳамшираҳои хурди тиббӣ, 510 нафар ҳамшираҳои миёнаи тиббӣ, 106 нафар дигар кормандон, дар маҷмуъ 1012 нафар кору фаъолият намуда истодаанд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7 нафар зиёд шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳолати таъмини дараҷаи табибони дорои тахассусӣ нисбат ба шумораи умумии табибони ҳамаи ихтисосҳо дар шаҳру ноҳияҳои Роғун -46,2% (дараҷаи тахасусии табибон дар 9 моҳи соли 2020, 14,2% да нуҳмоҳа), Нуробод -44% (20%), Рашт -3,2% (58,1%), Турсунзода -2,2% (46,4%) ва Лахш -0,6 (27,7%) нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ коҳиш ёфта, дар ноҳияҳои Тоҷикобод +-0% (56%), Сангвор +-0% (26,6%) ва Варзоб +/-0% (9,4%), бетағйир боқӣ мондааст, ки хизматрасонии тиббии сифатнок ба аҳолӣ ба роҳ монда намешавад.

Ин нишондиҳанда нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияи Ваҳдат +9,8% (52,8%), Шаҳринав +0,8% (95,4%) ва Ҳисор +0,4% (55,2%) зиёд гардидааст, ки ба таъмини нишондиҳандаи рушди соҳаи тандурустӣ мусоидат мекунад.

Талабот ба мутахассисони соҳаи тиб дар 9 моҳи соли 2020 нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияи Рашт +20 нафар (дар маҷмӯъ 43

нафар) ва шаҳри Роғун +6 нафар (32 нафар) зиёд гардида, дар ноҳияҳои Варзоб +/-0 нафар (23 нафар), Тоҷикобод +/-0 нафар (14 нафар) ва Шаҳринав +-0 нафар (12 нафар) бе тағйир боқӣ мондааст, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва мақоми ваколатдори соҳа барои расонидани хизматрасонии сифатноки тиббӣ таъмин карда нашудааст.

Ин нишондиҳада дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор -165 нафар (дар маҷмӯъ 115 нафар), Турсунзода -6 нафар (30 нафар), Лахш -5 нафар (22 нафар), Ваҳдат -4 нафар (39 нафар), Сангвор - 2 нафар (5 нафар), Нуробод -1 нафар (24 нафар) ва Файзобод -1 нафар (2 нафар) кам гардидааст, ки аз андешидани чораҳои саривақтӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳолати мавҷудбуда, ба сатҳи хизматрасонии тиббии сифатнок ба аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, зарурияти тақвият бахшидани ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро барои ҳаллӣ норасоӣ ба миён овардааст.

## 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ

### Сил

Дар давраи ҳисоботӣ мубталошавии беморони сил нисбат ба 1 июли соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор +40 нафар (дар маҷмӯъ 125 нафар), Рашт +22 нафар (43 нафар),Турсунзода +17 нафар (70 нафар), Ваҳдат +16 нафар (92 нафар), Нуробод +8 нафар (34 нафар), Роғун +6 нафар (16 нафар), Лахш +5 нафар (13 нафар), Тоҷикобод +4 нафар (14 нафар), Файзобод +4 нафар (95 нафар) ва Сангвор +1 нафар (6 нафар) афзоиш ёфта ин нишондод дар ноҳияи Шаҳринав -8 нафар (20 нафар) кам гардидааст.

Афзоиш намудани бемории сил дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Рашт, Турсунзода, Ваҳдат, Нуробод, Роғун, Лахш, Файзобод ва Тоҷикобод ба назар расида зарурати пурзӯр намудани корҳои ташвиқотӣ тарғиботӣ ва профилактикӣ ба миён омадааст.

### ВНМО

Мувофиқи ҳисоботи пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар 9 моҳи соли 2020 шумораи бемории ВНМО нисбат ба 1 июли соли 2020 дар шаҳру ноҳияи Сангвор +-0 нафар (8 нафар дар маҷмуъ), Нуробод +-0 нафар (50 нафар), Варзоб -+ 0 нафар 59 нафар) ва Лахш +-0 нафар (12 нафар) бе тағийр боқӣ мондааст.

Зиёдшавии беморони гирифтори касалии ВНМО дар шаҳру ноҳияҳои Файзобод +63 нафар (дар маҷмуъ 73 нафар), Шаҳринав +9 нафар (85 нафар), Ваҳдат +8 нафар (28 нафар), Ҳисор +6 нафар (дар маҷмӯъ 34 нафар), Рашт +4 нафар (10 нафар) ва Роғун +1 нафар (12 нафар) ба назар расида, зарурати пурзӯр намудани корҳои таблиғотӣ ташвиқотӣ ва фаҳмондадиҳиро миёни аҳолӣ ҷиҳати пешгирӣ намудани касалиҳои сироятӣ тақозо менамояд.

## Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**13.4.(13.4, 13.5) Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта (гуруҳи осебпазир) арзёби мегардад.**

**13.4.(13.4, 13.5) Корҳои анҷомдода ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон шахсони бесарубонмондаву эҳтиёҷманд, нафақахӯрону собиқадорон ва ихроиши барнома[ои габулгардида**

Давоми 9 моҳи соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати дастгирии иҷтимоии шаҳрвандон, татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон", амалишавии қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба "Барномаи давлатии расонидани кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020", "Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020", "Дар бораи тасдиқи қоидаҳои таъмин намудани маъюбон ба табобати санаторию курортӣ", "Дар бораи тартиб ва ҳаҷми пешниҳод намудани хизматрасониҳои ройгони иҷтимоӣ ба эҳтиёҷмандон", «Дар бораи идома ва ҷорӣ намудани механизми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат» чораҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд.

Дар шаҳри Ваҳдат дар доираи татбиқи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1000 нафар шахсони ниёзманду маъюб таҳти сарпарасти қарор дошта, бо 32 намуди хизматрасониҳои иҷтимоии доимӣ фаро гирифта шудаанд. Дар ин давра 10 нафар маъюбон бо ассо, 8 нафар бо асобағал ва 18 нафар бо аробачаи маъюбӣ таъмин карда шуданд. Ба 1400 нафар иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, оилаҳои бесарубонмондаи афсарон ва сарбозони дар ҷанг фавтида, маъюбон ва ятимони кулл ва оилаҳои камбизоат ба маблағи 200 ҳазор сомонӣ кумакҳои моддию молӣ расонида шуданд.

Дар ноҳияи Лахш дар доираи чорабиниҳои мазкур ба 9 нафар маъюбон асобағал, ба 12 нафари маъюбони гуруҳи I аробачаи маъюбӣ, ба 17 нафар асои чӯбин ва ба 4 нафар дастгоҳи шунавоӣ дастрас карда шудааст.

Бахшида ба рӯзи иди Ғалаба аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 1 нафар иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 бо маблағи умумии 5000 сомонӣ ва аз ҳисоби мақомати иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия кӯмакҳои моддӣ аз қабили 1 халта орд, 5 литр равған расонида шудааст.

Бо дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия бахшида ба рӯзи Наврӯзи байналмилалии соли 2020 ба 250 нафар, дар арафаи иди Саиди фитр ба 158 шахсони имконияташон маҳдуд, аз он ҷумла, маъюбони гӯруҳи I, шахсони якаву танҳо, оилаҳои ду ва зиёда маъюб доштаи ноҳия, инчунин ба 13 нафар ятимони кулл кӯмакҳои яквақтаина аз қабили маводи озуқаворӣ расонида шудааст.

Дар нуҳ моҳи соли 2020 аз тарафи масъулони соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии ноҳия маълумотҳои 1320 оилаи мурочиатнамуда, ки аз ин шумора 913

оила ба гурӯҳи оилаҳои камбизоат мансуб дониста шуда,. ба маблағи 216,9 ҳазор сомонӣ бао воситаи филиали №11 «Амонатбонк» ҳамчун кумакпулӣ пардохт гардида истодааст.

Дар ноҳияи Рашт шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт фаолият менамояд. 116-нафар бошандагони муваққатӣ ва дар хона хизмат расонида мешавад. Барои соли 2020 аз ҳисоби буҷети маҳалли 73695 сомонӣ барои ҳифзи иҷтимоӣ ҷудо гардидааст.

Барои амалӣ гардидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014 таҳти №437 «Дар бораи идома ва ҷорӣ намудани механизми таҷрибавии кумаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат», дар ноҳия чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Аризаҳо аз ҷониби 14 ҷамоатҳои шаҳракию деҳотии ноҳия ба махзани ягона ворид шуда, тавассути барномаи электронӣ маълумотҳо коркард ва ба 3311 нафар мувофиқи Методикаи амалкунандаи муайян намудани оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат кӯмаки унвонии иҷтимоӣ таъин гардидааст.

Дар шаҳри Ҳисор дар давраи ҳисоботӣ раванди татбиқи Барномаи кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, фарогирии хонаводаҳо ба кумаки унвонии иҷтимоӣ 4126 хонаводаро дар бар мегирад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 469 хонавода зиёд аст.

Дар соли равон аз ҷониби Агентии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати аввал ба 1073 оилаи камбизоат ба маблағи 500 сомонӣ кӯ макпулии яквақтаина расонида шуда, дар навбати дуюм 2791 оила барои гирифтани кӯмаки яквақтаина бо маблағи 400 сомонӣ пешниҳод гардида, аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфт, ки айни замон руйхати тасдиқшуда дар БДА «Амонатбонк» дастрас карда шуда, ба ҳолати имрӯза зиёда аз 2347 оила ва хонаводаҳо бо кӯмаки яквақтаина бархурдор гаштанд.

Дар 9 моҳи соли 2020 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокомияти давлатии ноҳияи Варзоб ба 5 нафар шаҳрвандони эҳтиёҷманди ноҳия, ки маъюб мебошанд, аробачаи маъюбии бо тарзи дасти ҳаракаткунанда, 10 нафар бо асо ва асобоғал таъмин карда шудаанд. Инчунин ба 16 нафақахурон барои хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби вазъи саломатиашон барои гирифтани маблағи роҳхат ба Вазорати молия дархост пешниҳод карда шуд, ки 1 нафар бо роҳхат ва 6 нафар кӯмакпулӣ дар ҳаҷми 6600 сомонӣ таъмин карда шуд. Аз ҳисоби фонди захиравии раиси ноҳия 6900 сомонӣ ба 40 нафар оилаҳои камбизоат ва маъюбони гуруҳи якум бо маблағи 80 сомонӣ ҳар моҳ, ҷамъ дар як сол 38400 сомонӣ ҷудо ва пешбинӣ гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун, дар давраи ҳисоботи 1-адад аробачаи маъюбӣ 3-адад асо ва асобағал ба шахсони маъюбу ниёзманд расонида шуда, инчунин ташкилоту муассисаҳои шаҳр, шахсони саховатпеша ва соҳибкорон ва аҳли ҷамоатчигии шаҳр бахшида ба ҷашнҳо ба кӯдакони ятиму бепарастор, оилаҳои камбизоат, ятимони кулл, собиқадорони хангу меҳнат ва оилаҳои эҳтиёхманд, ба маблағӣ

160,2 ҳазор сомонӣ кӯмакҳои моддӣ расонида шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 394,7 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

Дар ноҳияи Сангвор бораи идома ва ҷорӣ намудани механизми таҷрибавии кумаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат” ба бахши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз тарафи ҷамоатҳои деҳот 529 парванда пешниҳод гардида, аз ин шумора 164 парванда ҳамчун оилаи камбизоат эътироф шудаанд ва 46 парванда дар марҳилаи бақайдгирӣ мавҷуд мебошанд .

Ба суратҳисоби гирандагони кумаки унвонии иҷтимоӣ 109 ҳазор сомонӣ ворид гардид, ки аз ин 94 ҳазору 400 сомонӣ пардохт шуда, 14 ҳазору 600 сомонӣ бақия мондааст. Ғайр аз ин ба 76 нафар оилаҳое, ки дар ҳайати оилаашон кӯдаки синни то 3 сола доранд, ба маблағи 38 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки ба ҳар як оила 500 сомонӣ рост меояд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод дар давраи ҳисоботӣ мувофиқи имкониятҳои воқеӣ моддию молиявӣ бо мақсади таъмин намудани шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат, оилаҳои бесаробон, маъюбон ва ятимони кулл бо сӯзишворӣ, маҳсулоти хурокворӣ, доруворӣ, либос, пойафзол, маводи санитарию гигиенӣ ва дигар ашёҳои зарурии аввалиндараҷа дар арафаи иду ҷашнҳои миллӣ дар ноҳияи Тоҷикобод ба 568-нафар, ба малағи 87000 сомонӣ кӯмаки молиявӣ расонида шуда, ба 670 нафар маълумотномаи имтиёзноки камбизоатӣ барои ҳалли мушкилотҳои иҷтимоии онҳо дода шудааст.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода дар нуҳ моҳи соли 2020 корҳои зеринро ба анҷом расонидааст: аз ҷумла иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2008, №379 «Дар бораи тақвияти кӯмакрасонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат» ба 2920 оилаҳои камбизоат ба қайд гирифта шуда, барои дастрас намудани ҷуброни маблағи барқ ва гази табиии барои моҳҳои январ – июни соли ҷорӣ ба маблағи 585449 сомонӣ пардохт карда шуд.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010, №675 «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» бо дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 147 нафар маъюбон ва барҷомондагон 22 адад аробачаи маъюбӣ, 6 ҷуфт асобағал, 17 адад асо ва 4 адад дастгоҳи шунавоӣ мусоидат карда шуд. Инчунин дар соли 2020 ба 95 нафар шахсони маъюб ва эҳтиёҷманди шаҳр 95 ҷуфт пойафзолҳои ортопедӣ тақдим карда шудааст.

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуди шаҳри Турсунзода дар нуҳ моҳи соли 2020 дар ҳудуди шаҳри Турсунзода 47 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд ба хизмат фаро гирифта шудааст.

Дар нуҳ моҳи соли 2020 дар асоси Амри Раиси шаҳри Турсунзода аз 7 январи соли 2020, №2 «Дар бораи ташкил ва гузаронидани рӯзҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр дар ҷамоатҳои деҳот ва қитъаҳои истифодабарии манзилҳои шаҳри Турсунзода» дар 9 ҷамоати деҳот ва маркази шаҳр аз шароити зисту зиндагонии маъюбон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, собиқадорони меҳнат, куҳансолон ва шахсони барҷомондаи шаҳр дар

маҳалҳо дидан намуда ба онҳо кӯмакҳои ройгони тиббӣ ва хайриявӣ расонида шудааст.

Дар ноҳияи Файзобод дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ду адад муассисаи иҷтимоӣ фаъолият дошта, шумораи умумии маъюбон 1651 нафарро ташкил медиҳад, ки 825 нафар занон буда, аз буҷети маҳаллӣ барои дастгирӣ ва пардохти хизматрасониҳои иҷтимоӣ 332,2 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ гардидааст.

Иҷроиши барномаҳои қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла расонидани хизматрасонии тиббӣ дар хона тибқи пардохти кумакпулиҳои унвони иҷтимоӣ ба 1886 нафар маблағи 377,2 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Шаҳринав дар нуҳ моҳи соли 2020 Бахши ҳифзи иҷтимои аҳолии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия 3 нафар маъюбони гурӯҳи 1 ва 2-ро бо аробачаи маъюбӣ, 3 нафар маъюбону собиқадоронро бо асобағал таъмин намуд.

Бо мақсади иҷрои дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бо бемории навъи COVID-19 ва тақвият бахшидани чораҳои ҳифзи иҷтимоӣ моҳҳои июн-октябри соли 2020 ба 763 нафар оилаҳои камбизоате, ки дар ноҳия кӯдакони то синни 3-сола доранд, 500 сомонӣ ба ҳар як оила ба маблағи 381,5 ҳазор сомонӣ, инчунин ба 1473 оилаҳои осебпазир (камбизоат) кӯмакпулии давлатии якдафаъина 400 сомонӣ ба ҳар як оила, ба маблағи 589,2 ҳазор сомонӣ пардохт шуда истодааст.

Дар давраи ҳисоботӣ зиёдшавии шумораи оилаҳои камбизоат нисбат ба нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав +799 оила (дар маҷмӯъ 1758 оила), Тоҷикобод +682 оила (1312 оила), Рашт +557 оила (3311 оила), Лахш +387оила (113 оила), Роғун +205 оила (292 оила) ва Нуробод +202 оила (1501 оила) ба назар расида, омӯзиши вазъи иҷтимоии иқтисодии ин шаҳру ноҳияҳоро тақозо менамояд.

Ин нишондод дар шаҳру ноҳияҳои, Турсунзода +-0 оила (2920 оила), Ваҳдат +-0 оила (5353 оила), Варзоб +-0 оила (522 оила), Файзобод +-0 оила (2274 оила) нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бе тағйир боқӣ мондааст.

Шумораи умумии нафақахӯрон, дар миқёси шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нисбат ба нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода +373 нафар (дар маҷмӯъ 23752 нафар), Рӯдакӣ +139 нафар (31352 нафар), Файзобод +97 нафар (7979 нафар), Ваҳдат +71 нафар (25132 нафар), Нуробод ++51 нафар (5425 нафар), Рашт +45 нафар (8757 нафар), Тоҷикобод +39 нафар (3100 нафар) ва Роғун +5 нафар (2824 нафар) зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳои заруриро ҷиҳати назорати таъмини пардохти саривақтии нафақаи онҳо тақозо менамояд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Лахш -14 нафар (4947 нафар), Варзоб -12 нафар (6260 нафар) ва Шаҳринав -12 нафар (9246 нафар), коҳиш ёфта, дар ва Ҳисор +/-0 нафар (22000 нафар) нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои

дастгирии моддию молиявии гурӯҳҳои осебпазир, кам намудани шумораи оилаи камбизоат, фароҳам овардани муҳити дастрас барои маъюбон, амалигардонии барномаҳои соҳавии қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамкориҳоро тақвият бахшанд.

## 14. Рушди соҳаи фарҳанг (банди 65-и паём)

### Нишондоди пешакии рушди соҳаи фарҳанг бо нишондиҳандаҳои иҷтимоиюи иқтисодӣ

**14.1. (14.1,) Бунёду азнавсозӣ, таҷдиди инфрасохтор, таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ. Арзёби гардидаанд**

Дар давраи ҳисоботӣ доир ба бунёд, таҷдид ва азнавсозии муассисаҳои соҳаи фарҳанг чораҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, як қатор корҳои судманд ба анҷом расонида шуданд.

Дар ноҳияи Варзоб Дар ноҳия 25 муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла Қасри фарҳанг, 1 хонаи маданияти деҳотӣ, 5 муассисаи клубии деҳот, 1 китобхонаи марказонидашуда бо фонди умумии 69624 нусха, 15 китобхонаи деҳот, мактаби санъати бачагона, боғи фарҳангӣ – фароғатӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонанд. Инчунин дар назди мақомоти иҷроия китобхона бо теъдоди 600 адад китобҳои бадеӣ ва илмии соҳавӣ ташкил карда шудааст.

Инчунин аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 60 адад китоби тозанашри “Забони миллат- ҳастии миллат” ба мақомоти иҷроия тақдим карда шудааст.

Ноҳияи Варзоб дорои 25 ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва меъмории дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мебошад, ки рӯйхати онҳо дар таҳияи Феҳристи давлатии ёдгориҳои моддии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ Қасри фарҳанги шаҳр Ваҳдат аз таъмир бароварда шуд. Инчунин қасри фарҳанги шаҳр бо таҳҷизотҳо таъмин карда шудааст.

Дар ҳудуди шаҳри Вахдат 68 адад ёдгориҳои таърихӣ, табиӣ ва монументалӣ амал менамоянд. Дар ҳудуди шаҳр 2 гармчашма яке ба номи Зайрон ва дигаре санаторияи «Оби Шифо» амал менамоянд, ки ҳамасола шаҳрвандони зиёди дохилию хориҷӣ аз ин обҳои шифобахш истифода бурда, саломатии худро беҳ менамоянд.

Дар ноҳия 51 адад муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла 28 китобхона, 10 клуб, 8 хонаи фарҳангӣ, 1 мактаби мусиқии бачагона, 1 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 1 ансамбли тарона ва рақси “Садои Лахш”, 20 ёдгории таърихӣ, 2 осорхонаи назди бахши фарҳанг фаъолият доранд.

Дар ноҳия осору ёдгориҳои таърихӣ аз қабили навиштаҷот дар рӯи сангҳо (петроглиф), ки дар мавзеҳои таърихии «Тешиктош» дар деҳаи Ачиқалмаи Ҷамоати деҳоти Алға ва ҳудуди деҳаи Қушағба дар мавзеи «Таги ағба»-и Ҷамоати деҳоти Сурхоб ҷойгиранд, мавҷуд мебошанд ва ба давраҳои қадимтарин мансуб мебошанд.

Дар ҳудуди Ҷамоати шаҳраки Ваҳдати ноҳия, ёдгориҳои таърихӣ дар қаторкӯҳҳои деҳаи Калтабулоқ ба номи «Чилтанҳо», дар ҷамоатҳои Деҳоти

Лахш ва Муксу оромгоҳҳои шахсиятҳои таърихӣ –Шоҳтолиб, Хоҷаахмади Валӣ, Ҳазрати Султон ҳамчун макони зиёратгоҳ маълуму маъмул мебошад.

Дар ноҳияи Нуробод 5 адад хонаҳои фарҳангӣ, 4 клуб, 2 осорхонаи таърихӣ ва 23 китобхонаҳои оммавӣ бо теъдоди 58 477 адад китоб ба аҳолии ноҳия хизмат расонида истода сохтмони 3 китобхона дар ҷамоатҳои деҳоти Сафедчашма, И. Ҳалимов ва Муҷихарф ба нақша гирифта шудааст.

Дар ноҳияи Рашт бо мақсади таҳким бахшидани заминаҳои модӣ-техникӣ шароит фароҳам омад, ки дар нуҳмоҳаи соли равон дар қасри фарҳанг камераҳои назоратӣ насб карда шаванд.

Инчунин, дар давраи ҳисоботӣ аз ҳисоби Вазорати фарҳанг ба маблағи 11 ҳазор сомонӣ ду адад кондинсионер ба бахши фарҳанг дастрас гардид. Аз ҳисоби маблағҳои пешбинигардидаи бахш дар ҳамин давра ба маблағи 21 ҳазор сомонӣ дастгоҳҳо барои сабти овоз харидорӣ карда шудааст.

Бо ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ дар деҳаи Ярхаби деҳоти Ҳиҷборак ва Навдонаки деҳоти Қалъаи Сурх сохтмони китобхонаҳои оммавӣ мавриди истифода қарор дода шуда, дар деҳаҳои Варзигони деҳоти Боқӣ Раҳимзода, Қазноқи деҳоти Нусратулло Махсум, Қалъаи Сурхи Ҷамоати деҳоти Қалъаи Сурхи ва Мусофирони деҳоти Ясман сохтмони китобхонаҳои оммавӣ идома дошта, то Ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор мегиранд.

Дар шаҳри Роғун 14 муассисаҳои фарҳангӣ аз ҷумла 8-адад китобхона, 1-осорхона, 2-хонаи фарҳанг, 2-боғи фарҳангӣ-фароғатӣ ва 1- қасри фарҳанг фаъолият карда истодааст.

Дар 9 моҳи соли 2020 бахши фарҳанг ба маблағи 177,0 ҳазор сомонӣ сарулибоси саҳнавӣ, матоъҳои гуногун ва маводу таҷҳизот барои корбарӣ харидорӣ намудааст.

Дар бахши фарҳанги ноҳия Сангвор 13 муассисаи фарҳангӣ, 7 китобхона, 1 театри халқӣ фаъолият намуда, 51 нафар мутахассисон кор ва фаъолият менамоянд. Дар 7 китобхонаҳои бахши фарҳанги ноҳия 21 ҳазору 285 нусха китобҳои гуногун буда, 20 ҳазору 358 нусхаи он бо забони тоҷикӣ ва 927 нусхаи он бо забони русӣ мебошанд. Шумораи хонандагон ба 711 нафар расидааст ва фонди гардиши китобҳои китобхона бошад ба 3230 адад баробар аст.

Дар бахши фарҳанги ноҳияи Рӯдакӣ 30 -адад муасисаҳои клубӣ, 37-адад китобхонаи оммавӣ - давлатӣ, мактаби санъати бачагонаи ба номи М. Ашрафӣ, Осорхонаи таърихӣ- кишваршиносии ба номи Абдукарими Қурбон ва театри халқӣ фаъолият намуда, истодааст.

Дар китобхонаҳои оммавӣ- давлатӣ захираи китобҳо зиёда аз 200 ҳазор нусхаро ташкил медиҳад, ки ҳар сол зиёда аз 23689 нафар хонандагони доимӣ аз онҳо истифода мебаранд.

Дар осорхонаи таърихӣ кишваршиносӣ зиёда аз 1000 номгӯи маводҳои гуногун: асбобҳои рӯзгор ва кишоварзӣ, хунарҳои дастии мардумӣ, боигариҳои табии кишвар, мусаввараҳо ва ғайра гирд оварда шудаанд, ки ҷиҳати баланд бардоштани ҳисси худогоҳии миллӣ нақши хоса мебозанд.

Дар ноҳияи Точикобод ҷиҳати беҳбудӣ бахшидан ба фаъолияти соҳаи фарҳанг бинои фарҳанги ноҳия аз таъмири асосӣ бароварда шуда, бо таҷҳизотҳои гаронбаҳои муосири тақвияти овоз ва баландгӯякҳо таъмин карда шуда, барои ҳунармандон асбобҳои мусиқӣ ва сару либоси ягона харидорӣ карда шудааст.

Бо мақсади тарғиби арзишҳои миллӣ, сохтмони боғи фарҳангию фароғатӣ дар маркази ноҳия бо маром идома дошта, то давраи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида мешавад.

Инчунин сохтмони бинои нави қасри фарҳанги ноҳия аз ҷониби Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маром идома дорад.

Дар муассисаҳои фарҳангии шаҳри Турсунзода оид ба корҳои ободониву бунёдкорӣ омодагиҳо хуб ба роҳ монда шуда, сафолакпӯш кардани 900 $м^2$ роҳравҳои боғи фарҳангӣ- фароғатӣ, сохтмони бинои «Амфитеатр» бо 574 ҷойи нишаст ва сохтмони бинои Муассисаи давлатии мактаби кӯдаконаи санъати шаҳри Турсунзода идома доранд.

Дар шаҳри Турсунзода 33 китобхона мавҷуд буда, онҳо мунтазам фаъолият доранд. Фонди умумии китобхонаҳои марказонидашудаи шаҳр 192 ҳазору 703 нусха буда, дар нимсолаи якуми соли 2020 гардиши китоб ба 92 ҳазору 200 нусха расида, 10 ҳазору 739 нафар хонанда аз китобхона истифода бурдаанд, ки гардиши китоб назар ба нимсолаи якуми соли гузашта 9963 нусха кам ва шумораи хонандагон 1463 нафар кам гардидааст.

Баҳри рушди устувори соҳаи фарҳанг дар хонаи фарҳанги шаҳри Турсунзода як адад кондитсионер, дар муассисаи давлатии мактаби кӯдаконаи санъати шаҳр як баста курсиҳои мулоим (диван-кресло), як адад телевизор ва як баста мизу курсиҳо харидорӣ карда шудаанд.

Ба сокинони ноҳияи Файзобод 1 Филармонияи халқӣ, 4 хонаи фарҳанг, 18 китобхона, 1 боғи фарҳангию фароғатӣ, 1 мактаби мусиқӣ ва 1 адад театри халқӣ хизмат мерасонанд.

Филармонияи халқии ноҳия аз ансамблҳои шашмақомсароён, фалаксароён, этнографӣ ва театр-студияи ҳаҷвии “Шаҳрошӯб” иборат буда, маҳфилҳои драммавӣ, рақсӣ, рассомӣ, карнайнавозон дар гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ нақши муайян доранд.

Вобаста ба иҷрои банди 36 Нақшаи чорабиниҳо дар самти таҷдиди ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар ноҳия соли 2019 як адад ёдгории таърихӣ “Масҷиди куҳна”-и деҳаи Файзободи деҳоти ба номи Д.Алиев аз таъмир бароварда шудааст.

Дар назди шуъбаи фарҳанги ноҳияи Шаҳринав 2 қаср ва 5 хонаи фарҳангӣ, 1 адад театри халқӣ, 1 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 1 осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ, ансамбли фолклорӣ –этнографӣ, 19 китобхонаи оммавӣ ва мактаби санъати бачагона фаъолият менамоянд.

Дар давоми 9 моҳи соли ҷорӣ 3 муасиссаи китобхона аз таъмир бароварда шуд. Инчунин бинои хонаи фарҳанг, осорхона ва боғи фарҳанги-фароғатии ба номи Н.Маъсумӣ аз таъмири асосӣ бароварда шудааст.

Бо дастгирии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон корҳои сохтмонӣ дар Қасри фарҳанги ноҳия бомаром ҷараён дошта, 59% корҳои сохтмони иҷро шудааст.

Айни ҳол шумораи фонди китоби китобхонаҳои шуъбаи фарҳанг 126 ҳазору 883 ададро ташкил дода, дар ин давра аз ҳисоби шахсони саховатманд фонди китобхонаҳо ба миқдори 1500 нусха зиёд карда шудааст.

Аз таҳлили вазъи банди мазкур маълум гардид, ки гарчанде дар самти таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ чораҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида бошанд ҳам, вале мутаассифона раванди татбиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба нигоҳдорӣ ва беҳдошти ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ ғайриқаноатбахш ҷараён дошта, андешидани чораҳои таъхирнопазирро тақозо менамояд.

Вазъи муассисаҳои фарҳангӣ ва ёдгориҳои таърихӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ беҳбудиро талаб менамояд. Дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода аз 168 муасисаҳои фарҳангӣ ва ёдгориҳои таърихӣ, ки аз ин шумора (90 адад таъмирталаб), Варзоб аз 51адад (20 адад), Рашт аз 64 (13 адад), Роғун аз 15 (4 адад), Шаҳринав аз 31 адад (5 адад), Лахш аз 72 (5 адад) ва Тоҷикобод аз 28 адад (13 адад) таъмирталаб буда, тақвият бахшидани корҳоро аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои болозикр талаб менамояд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар якҷоягӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши мушкилотҳои соҳаи фарҳангии шаҳру ноҳияҳоро ташкил намуда, ҷиҳати ҳалли онҳо ва беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои фарҳангии дар ҳолати садамавӣ ва таъмирталаб қарор дошта чораандешӣ намоянд.

**15. Маълумот оид ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ: (банди 33, 34-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдоштва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза, 15.2. (15.3) Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, арзёбӣ гардиданд.**

**15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза,**

**15.1.Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣбаобиошомиданӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта ва бо фоиз нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ рафти пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ ва бақияи карзи он),**

Нишондиҳандаи баланди дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза дар шаҳру ноҳияҳои Нуробод 93%, Роғун 91.8%,Файзобод 90.2%, %, Рашт 87,1%, Ваҳдат 86,2%, Ҳисор 81,8%, Варзоб 80%, Шаҳринав 78%, Сангвор 76% ва Лахш

71% ба назар расида, дастрасии аҳолӣ бо оби тоза дар сатҳи муайян таъмин карда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Тоҷикобод 66% ва Рӯдакӣ 59,9%, ташкил додааст, ки вусъат бахшида корҳоро дар самти баланд бардоштани таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ тақозо менамояд.

Бақияи қарзи пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ нисбат ба 1 июли соли 2020 дар шаҳри Роғун +473,2 ҳазор сомонӣ (629,4 ҳазор сомонӣ қарзи умумӣ), Шаҳринав +157,7 ҳазор сомонӣ (279,9 ҳазор сомонӣ), Нуробод +95,2 ҳазор сомонӣ (116,2 ҳазор сомонӣ), Рашт +87,9 ҳазор сомонӣ (125,2 ҳазор сомонӣ), Сангвор +2,5 ҳазор сомонӣ (10,9 ҳазор сомонӣ) ва Тоҷикобод +300 сомонӣ (11,5 ҳазор сомонӣ) зиёд гардида, дар шаҳри Ҳисор +-0 ҳазор сомонӣ (711,5 ҳазор сомонӣ), ки андешидани чораҳои заруриро аз тарафи масъулини соҳаи обтаъминкунӣ талаб менамояд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Ваҳдат -331,6 ҳазор сомонӣ (321,9 ҳазор сомонӣ) ва ноҳияи Лахш -106 ҳазор сомонӣ (67,5 ҳазор сомонӣ)-ро ташкил додааст, ки аз самаранокии фаъолияти корхонаи воҳиди давлатии обтаъминкунӣ шаҳодат медиҳад.

Қарзҳои калон аз истифодаи оби нӯшокӣ дар шаҳрҳои Ҳисор, Роғун, Ваҳдат ва Шаҳринав мавҷуд буда, бояд мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳрҳо ҷиҳати кам намудани бақия қарз чораҳои дахлдор андешанд.

## 15.2. Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баҳри беҳтар намудани вазъи таъминоти оби нӯшокии аҳолӣ чораҳои дахлдор андешида шуда, дар ин самт як қатор корҳои судманд ба сомон расонида шудааст.

Дар ноҳияи Варзоб ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, дар деҳоти дурдаст, бо дастгирии соҳибкорони маҳалӣ аҳолии деҳаи Хоҷа-Оби-Гарми Ҷамоати деҳоти Варзоб-Қалъа ба масофаи 2,6 км, қубури диаметри 0,76 оби ошомиданӣ таъмин гардиданд. Ҳамзамон аз тарафи соҳибкорони маҳҳалӣ ва сармояи дохилӣ дар деҳаи Чорбоғ барои 500 хоҷагӣ ва дар маҳалаи навбунёди Девдара барои 200 хоҷагӣ оби ошомиданӣ таъмин гардида истодааст.

Дар шаҳри Ваҳдат дар деҳаҳои дурдаст бо ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ оид баланд бардоштани дастрасии оби ошомидани корҳои назаррас бурда шуда истодааст.

Дар ноҳияи Лахш бо мақсади ҳаллӣ мушкилоти бо обӣ нушокӣ таъмин намудани аҳолии маҳаллаҳои шаҳраки “Ваҳдат” лоиҳаи кашидани хаттӣ иловагии таъминӣ обӣ нушокӣ таҳия гардида, барои ҷалби сармоягузорӣ ба идораи дар минтақаи Рашт будаи Хазинаи Ого-Хон ва дафтари Барномаи Озуқаи Ҷаҳонӣ пешниҳод карда шудааст. Айни замон лоиҳаи мазкур аз тарафи масъулону мутахассисони ташкилотҳои зикргардида мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дорад.

Дар шаҳри Роғун баҳри беҳтар намудани вазъи таъминоти оби нушокии аҳолӣ корҳои барқарорнамоии чоҳҳои артезионӣ ва гузаронидани хати оби нӯшокии Гули Сурх-Роғун рафта истодааст.

Дар ноҳияи Рашт дар соли 2020 сохтмони 5 адад чоҳҳои амудӣ ва 3 хатҳои оби нӯшокӣ ба нақша гирифта шуда, дар арафаи ҷашни 23 солагии "Рӯзи Ваҳдати миллӣ" 3 чоҳи амудӣ ва 2 хати оби нӯшокӣ мавриди истифода қарор дода шуданд . Дар 3 лоиҳаи дигар корҳои сохтмонӣ идома доранд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ин баробар лоиҳаҳое низ ҳастанд, ки сохтмони онҳо якчанд сол боз идома ёфта, бо ин тартиб барои то ҷашни 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода доданашон мушкилиҳо пеш меоянд.

Аз ҷумла, сохтмони хати оби нӯшокӣ дар шаҳраки Навободи ноҳияи Рашт бо арзиши 3,5 млн. сомонӣ соли 2016 аз ҷониби КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" оғоз гардида, давоми солҳои 2016-2019 дар ҳаҷми 1 млн. 330 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ ва корҳо иҷро карда шудаанд. Дар соли 2020 барои идомаи сохтмон 400 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, то ҳол маблағгузорӣ нашуда, корҳои сохтмонӣ оғоз нагардидаанд.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ дар деҳаҳои дурдасти ҷамоатҳои Султонобод, Эсанбой ва Қиблаи ба роҳи ҳашар аз чашмаҳои мавҷуд буда гузоранодини қубурҳои оби ошомиданӣ давом дорад, ки дар охири соли 2020 зиёда аз 500 хоҷагӣ ба оби ошамиданӣ таъмин карда мешавад.

Дар шаҳри Ҳисор бо ҷалби созҳибкорон беш аз 30 адад чоҳҳои амудӣ канда ба истифода дода шуда, кор дар ин самт идома дорад.

Дар ноҳияи Тоҷикобод бо мақсади дастрасии пурраи аҳолӣ бо оби ошомиданӣ тадбирҳои амалӣ роҳандозӣ гардида, дар ин замина бо ташаббуси мақомоти иҷроия аз ҳисоби соҳибкорон ва аҳолӣ 60000 сомонӣ ҷамъовари гардида, корҳои лоиҳакашӣ ба анҷом расонида шудаанд.

Дар шаҳри Турсунзода татбиқи барномаи беҳтарсозии вазъи таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020 дар асоси созишномаи сармоягузорӣ миёни Бонки аврупоии таҷдид ва рушд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида истодааст. Маблағи созишнома 6,8 млн. долларро ташкил дода, 4,5 млн. доллар ҳамчун грант ва 2,5 млн. доллар қарз мебошад. Дар доираи лоиҳаи мазкур корҳои иваз намудани шабакаҳои обтақсимкунӣ амали гардида, ба масофаи умумии 15914 метр қубурҳои гуногунҳаҷм васлу насб карда шудаанд.

Инчунин, дар доираи лоиҳа 4 адад техникаи махсуси коммуналӣ, 6 адад таҷҳизоти компютерӣ ва 2 таҷҳизоти ёрирасон харидорӣ гардидааст.

Дар маҷмуъ аз оғози татбиқи лоиҳаи мазкур дар шаҳр 6 млн. 740 ҳазор доллари ИМА ё 98 %маблағи созишнома аз худ карда шудааст.

### 15.2. (15.3) Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баҳри иҷрои "Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, як қатор корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст.

Дар ноҳияи Лахш бобати амалишавии банди 33-и нақшаи Паём оид ба таъмини иҷрои “Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” аз тарафи кормандони Корхонаи давлатии фаръии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ, обтаъминкунӣ ва канализатсия”-и ноҳия корҳои безараргардонии оби нӯшокии ҳудуди ноҳия таҳти назорати доимӣ қарор дода шуда, Ҷамоатҳои шаҳраки Ваҳдат ва деҳоти Ҷиргатоли ноҳия бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин карда мешавад.

Дар доираи маблағгузориҳои КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзеи Чоргул барои муҳоҷирони дохилӣ сохтмони хатти оби нушокӣ ва обанбор ҷараён дорад.

Дар ноҳияи Нуробод тибқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2018-2020 бо ҷалби маблағҳои грантӣ, соҳибкорон ва саҳми сокинони маҳал 11 адад лоиҳа бо маблағи 10 645 ҳазор сомонӣ барои таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар шаҳри Роғун бо мақсади таъмин намудани аҳолии шаҳр бо оби нушокӣ дохили се обанбори Гули Сурх аз қӯму сангрезаҳо пурра тоза карда шуда, дар масофаи 75 метр бо истифода аз қубурҳои оҳанин ду ҳати об барқарор карда шудааст.

Дар ноҳияи Тоҷикобод оид ба таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 бо мақсади таъмини аҳолӣ, махсусан аҳолии деҳот бо оби босифати ошомиданӣ” қайд мегардад, ки дар нуҳмоҳаи соли 2020 аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ ва маблағҳои аз ҳисоби хизматрасониҳо ҷамъоваришуда, хатҳои оби нӯшокӣ таъмири ҷорӣ карда шуданд.

Давоми 6 моҳи соли 2020 дар ноҳияи Файзобод бо ҷалби маблағҳои грантӣ ва саҳми сокинони маҳал 2 адад Барномаҳои хати оби нӯшокӣ ба маблағи 225 ҳазор сомонӣ барои таъмини зиёда аз 263 нафар аҳолӣ ба нақша гирифта шуда, амали карда мешавад.

Ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи ноҳияҳои Лахш, Нуробод ва Файзобод оид ба зербанди мазкур нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқи мондааст.

Вобаста ба зербанди мазкур, дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Рӯдакӣ, Варзоб, Рашт ва Сангвор, маълумот омода карда нашудааст.

**Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ**

**15.3.(15.4.) Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ, Ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии “Шуғли сабз”, вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ**

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии коммуналӣ ва ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ чораҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, як қатор корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳамагӣ 10 корхонаи “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” таъсис ёфта, 12 адад партовҳои сахти маишӣ мавҷуд мебошанд.

Дар ноҳияи Варзоб дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби муассиссаи давлатии “Раёсати ободонӣ ва кабудизоркунӣ” бо 28 ташкилот, муассиса ва деҳаҳо шартнома баста шуда, ба миқдори 287,2 ҳазор кг партовҳои сахти маишӣ ҷамъоварӣ гародида, ба партовгоҳи шаҳри Душанбе кашонида шудааст.

Дар ҳудуди шоҳроҳи Душанбе-Хуҷанд (ҳудуди ноҳия), ҳудуди ҷамоатҳои деҳот 31 қуттиҳои партовпартоӣ ҷойгир карда шудааст.

Дар маркази ноҳияи Лахш аз тарафи Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию комуналӣ» 20 адад қуттиҳои барои партовғундории мувақатӣ ташкил карда шуда, дар тавозуни Корхонаи мазкур як партовгоҳ барои партовҳои маишӣ мавҷуд мебошад.

Дар ноҳияи Нуробод дар асоси нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-20201“Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” низоми дурусти ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ роҳандозӣ гардида, 13-адад нуқтаҳои ҷамъоварии партовҳоро ба роҳ мондааст.

Дар қаламрави шаҳри Роғун аз 9 $м^3$ то 12 $м^3$ дар як руз партовҳои истеъмолию истеҳсолӣ ва сохтмонию сахти маиши ҷаъмоварӣ карда мешавад, ки дар давоми нӯҳ моҳи соли равон 2916 $м^3$ ташкил медиҳад. Дар ин муддат зиёда аз 113,4 $м^3$ партовҳо аз ҳудуди шаҳр бароварда шудааст.

Дар давоми нӯҳ моҳи соли ҷори 22 маротиба дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва маркази шаҳр аксияи “Тозагии соҳил” ва “Тозагии маҳал” бо иштироки 8617 нафар гузаронида шуда, зиёда аз 79 км соҳилҳои ҷуйборҳо ва дарёчаҳо тоза карда шуданд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод дар заминаи эълон гардидани солҳои 2019-2021 солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ корҳои тозагию ободонии кӯчаю деҳаҳо вусъати тоза касб намуда, масъалаи баровардани партовҳои сахти маишӣ ба Муассисаи хоҷагии манзилию коммуналии ноҳия вогузор гардидааст.

Дар ноҳия асосан то 8 ҳазор тонна партовҳои сахти маишӣ тавлид мешавад, ки 1,5 ҳазор тонна ба маркази ноҳия рост меояд, ки аз тарафи корхонаи мазкур ба масофаи 15 км дуртар ба деҳаи Гулрез бурда партофта мешаванд. Партовгоҳи мазкур дар масоҳати 1,1 км замин, дуртар аз 500 м аз маҳаллаи алолинишин ҷойгир мебошад.

Дар шаҳри Турсунзода бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии ҷамъоварӣ ва безараргардонии партовҳо (тозагии санитарӣ) созишномаҳои Лоиҳаи “Идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳри Турсунзода” аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

Ҳаҷми маблағи умумии лоиҳа 5,1 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода, аз ин ҳисоб 2 млн. доллари ИМА дар шакли қарз, 2 млн. доллари ИМА дар шакли грант ва 1,1 млн. доллари ИМА ҳамчун кӯмаки техникӣ барои машваратчиён пешбинӣ шудааст.

Сохтмони партовгоҳи марказии шаҳри Турсунзода 5,14 га, заминро ташкил дода, обёрии партовгоҳи марказӣ, гӯронидани (рекультиватсия)

партовгоҳӣ ба маблағи 2 260 000 доллари ИМА арзёбӣ карда шудааст. То ин ҷониб аз худ кардани маблағ дар партовгоҳи марказӣ 1 364 097 доллари ИМА-ро ташкил дод, ки он 84% -ро ташкил медиҳад.

Дар маркази шаҳр ва ҷамоати деҳоти Пахтаобод, ки 123 нуқтаи партовгоҳ мавҷуд буда, бо нақлиётҳои боркашон, партовҳоро ба партовгоҳи марказӣ мекашонанд. Дар соли ҷори ҳаҷми умумии партовҳои сахти маишӣ 51433 $м^3$-ро ташкил дод, ки ба партовгоҳи марказӣ кашонида шуда, коркард ва бо моддаи кимиёвии хлор безарар гардонида шудааст.

Дар ноҳияи Файзобод аз тарафи идораи манзилию коммуналии ноҳия дар давраи ҳисоботӣ ба маблағи 697,5 ҳазор сомонӣ корҳои ободониву кабудизоркунӣ ва дигар хизматрасониҳо ба анҷом расонида шудааст, ки 100% нақшаро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи КДФ «ХМК ва сохтмони»-и шаҳри Ҳисор ба партовгоҳи марказӣ бо назардошти Муассисаи ободонӣ ва кабудизоркунии назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор 8476 метри кубӣ партовҳои сахти маишӣ интиқол дода шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав низоми нави хизматрасони ҷамоварии партовгоҳои сахти маишӣ "Нақлиёти партовбарор + Муштарӣ" ташкил карда шуда, аз ҷониби Муассисаи коммуналии ноҳия аз Ҷамоати шаҳраки ба номи М.Турсунзода, ҷамоатҳои деҳоти Шаҳринав ва Боғистон 4984 метри мукааб партов ҷамъоварӣ гардида, ба партовгоҳи маркази ноҳиявӣ бароварда шудааст.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳри Турсунзода ва ноҳияҳои Тоҷикобод, Лахш ва Нуробод маълумотҳои нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқи мондааст ё аз беаҳамиятии шахси масъул мебошад.

Васеъ ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо истифодаи натиҷаи Лоиҳаи Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Турсунзода беҳбудиро талаб менамояд, ки аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

## 16. Таъмини устувори экологӣ

**Нишондодҳои пешакии таъмини устувори экологӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 16.1. (16.1, 16.2) Пешгирии ҳолатҳои фавқулода, 16.2. (16.3) Коркарди партовҳо тибқи стандартҳои муқарраргардида, арзёби гардиданд.**

### 16.1. (16.1,16.2.) Пешгирии ҳолатҳои фавқулода

### 16.1. Корҳои анҷомдодашуда оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо

Давоми нуҳ моҳи соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии фарсоиши заминҳои кишоварзӣ ва шинонидани ниҳолҳои сояафкану ороишӣ ва мевадиҳанда тадбирҳои судманд роҳандозӣ гардида, корҳои муайян ба анҷом расонида шудаанд.

Дар ноҳияи Варзоб мувофиқи нақша-чорабиниҳо 17509 бех шинондани дарахтони гуногун ба нақша гирифта шуда, ба ҳолати 1 октябри соли 2020 ба миқдори 16764 бех ниҳолҳои гуногун шинонда шудааст, ки аз он 3914 бех ниҳолҳои мевадиҳанда, 4336 бех ниҳолҳои сояафкан ва 8517 бех ниҳолҳои ороишӣ мебошанд, ки 96 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Ваҳдат дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи Комиссияи ҳолатҳои фавқулоддаи шаҳр ва сохторҳои дахлдор гурӯҳҳои доимамалкунанда таъсис дода шуда, ташхиси мавзеъҳои хавфнок барои соҳилмутаҳкамкунӣ муайн карда шуданд.

Дар ин давра дар шоҳроҳи Душанбе Ваҳдат дар соҳили дарёи Кофарниҳон аз тарафи ҶДММ «Ёқут-2000» барои мустаҳкам кардани соҳил,корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ гузаронида шуда дар масофаи 120 метр ва 80 метр бо хобондани симтур (санг-506 м.куб ва 2,5 тонна сими андозаи-6 соҳили дарё мустаҳкам карда шуд. Ба ҳолати 10.07.02019 дар масофаи 12,5 км бо хаҷми 48,2 хазор метрии мукааб барои бехтар намудани захбуру захкашхо дар масофаи 2,4 км бо хаҷми 10,6 хазор метрии мукааб барои бехтар намудани холати мелиоративӣ 43 га замин,таъмири иншоотхои гидротехники 10 адад таъмири нуктахои обченкунак 7 адад,ба танзим дарории об дар сарбандхо 10 хазор метрии мукааб,2 адад таъмири пойгоххои обкашии Эстигузар 1,2 ва ва бо ҷалби ахолӣ зиёда аз 100 км бо корхои сохилмустахкамкунӣ бо тарики хашар дар сохили дарёи Элок дар масофаи 120 метр ба анҷом расонида шудааст.

Дар ноҳияи Нуробод тибқи нақшаи чорабиниҳо ҳар сол ба масофаи 300 метр корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ аз тарафи Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ дар ноҳия ба масофаи 60 метр корҳои соҳилмустаҳкамнамоӣ гузаронида шуда, корҳо дар ин самт идома доранд.

Дар ноҳияи Рашт ҷиҳати пешгирӣ аз хавфи обхезиҳо корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар доираи имкониятҳо чораҳои зарурӣ андешида шуда, бо истифода аз маблағҳои буҷетӣ ва ҷалби саҳмгузории аҳолӣ ва соҳибкорон як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд.

Бо саҳмгузории якҷояи маҳаллии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва аҳолии деҳоти Ҳоит ҷиҳати пешгирии шусташавии заминҳои кишоварзӣ ва роҳи автомобилгарди дорои аҳамияти ҷумҳуриявии Сайрон-Ҳоит корҳои тағйирдиҳии маҷрои шохоби Сурхоб дар масофаи 500 метр, Дар мавзеи Лойобаи Ҷамоати деҳоти Н.Махсум 800, дар мавзеи Бини Суфиёни Ҷамоати деҳоти Б. Раҳимзода100 метр корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ иҷро карда шудааст.

Инчунин роҳи автомобилгарди дорои аҳамияти маҳаллии Руноб – Аскалон, ки дар шафати дарёи Сурхоб ҷойгир буда, дар масофаи зиёда аз 500 метр шуста шуда буд, бо ҷалби аҳолии Ҷамоати деҳоти Аскалон сохта, аз нав барқарор карда шудааст.

Дар ин давра дар ноҳия майдони 33 гектар ҷангалзорҳо барқарор карда шуда, дар мавзеи шаҳраки Ғарм бо мақсади пешгирии офатҳои табиӣ, аз қабили кӯчиши замин дар масоҳати 12 гектар ниҳолҳои ҳархела шинонда шудаанд.

Дар ноҳияи Шаҳринав дар мавсими ниҳолшинонии аз тарафи ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия, корхонаву ташкилотҳо ва муассисаҳо зиёда аз 7594 бех ниҳолҳои сояафкану ҳамешасабз ва ороишӣ шинонида шудааст, ки аз он 2850 бех ниҳоли дарахтони мевадиҳанда ва 4744 бех ниҳоли дарахтони ороишию сояафкан мебошанд.

Дар ҳамин давра аз тарафи хоҷагии ҷангали ноҳия 20 га ҷангал бунёд ва барқарор карда шудааст.

Дар шаҳри Роғун дар мавсими баҳори соли ҷорӣ дар майдони 8,85 гектар ҷангал бунёд гардида, ба микдорӣ 2355 бех ниҳолҳои мевадори омехта шинонида шудааст.

Дар ҳудуди шаҳр дар мавсими кабудизоркунӣ ва ободонӣ ба миқдори 11 ҳазору 300 бех ниҳолҳо ба нақша гирифта шуда, то ба имрӯз ҷамъ 14 ҳазору 668 (129,8%) бех ниҳолҳои мевадиҳанда ва сояафкан шинонда шуданд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод дар асоси Нақшаи чорабиниҳо дар давраи ҳисоботи баҳри паст кардани хавфи ҳолатҳои фавқуллодаи табиӣ дар мавзеи болои шаҳраки Тоҷикобод, ҷамоати деҳоти Қалъаи лаби об дар масоҳати 25 га замин 7600 ниҳолҳои сояафкану мевадиҳанда шинонида шуданд.

Давоми 6 моҳи соли 2020 дар ҳудуди шаҳри Турсунзода 19 ҳазору 182 бех ниҳолҳо, аз ҷумла 8 ҳазору 287 бех ниҳолҳои мевадиҳанда, 10 ҳазору 895 бех ниҳолҳои ороишию сояафкан, 223 ҳазору 760 бех қаламчаи гули садбарг ва гулҳои мавсимӣ шинонида шуданд.

Барои гузаронидани корҳои соҳилмустахкамкунӣ дар давраи ҳисоботи ба миқдори 312,9 ҳазор сомонӣ корҳо иҷро гардидааст.

Аз ҷониби муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали Қаратоғи шаҳри Турсунзода дар давраи ҳисоботи дар майдони 3 га бодом, 3 га дарахтони сояафкан ва 6 га ҷангал бунёд карда шуд. Инчунин барқароркунии бодомзорҳо 5 га ва ҷангал 15 га ба анҷом расонида шудаанд.

Давоми 9 моҳи соли равон дар ноҳияи Файзобод ба масофаи 610 метр корҳои соҳилмустаҳкамнамоӣ гузаронида шуда, 10 ҳазору 222 бех ниҳолҳои гуногун 2352 бех ниҳолҳои мевадиҳанда, 3100 бех ниҳолҳои сояафкан ва 4770 бех ниҳолҳои ороишӣ шинонда шудаанд.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Роғун, Варзоб, Нуробод, Рашт, Тоҷикобод ва Файзобод вобаста ба зербанди мазкур, маълумотҳо нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст.

## 16.2 Корҳои анҷомдода барои пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаи хавфнок истиқоматкунанда.

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бахри пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда тадбирҳои судманд андешида шуда, корҳои муайян ба сомон расонида шудааст.

Дар ноҳияи Варзоб бо мақсади бартараф намудани зарари офати табиӣ дар соли 2020 ,кӯчонидани 16 оилаҳои муҳоҷирони экологӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар шаҳри Ваҳдат ҳангоми омузиш ва таҳлилҳо муаян карда шуд дар ҳудуди шаҳр 69 мавзеъҳои хайфнок мебошад,ки дар он 1208 хоҷаги ва 20040 нафар аҳолӣ зиндагӣ менамоянд.

Дар ҳудуди ноҳияи Лахш ба ҳолати 1 феврали соли 2020 дар 36 деҳаҳои ҳудуди ноҳия 49 мавзеи хавфнок ба қайд гирифта шуда, дар он 341 хоҷагӣ ва 1835 нафар аҳолӣ истиқомат мекунанд.

Дар ноҳияи Нуробод тибқи нақшаи кӯчонидани аҳолӣ ба ҷойҳои бехавф дар соли 2019 -ум 12 оила кӯчонида шуда, давоми соли 2020 кӯчонидани 12 оилаи дигар дар назар буда, лекин бо сабаби мавҷуд набудани лимити замин кӯчонида нашудааст.

Дар ноҳияи Рашт 11 хоҷагии дар минтақаҳои хавфнок истиқоматдошта ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла дар Ҷамоати шаҳраки Ғарм 5 хоҷагӣ бо теъдоди 44 нафар, Ҷамоати деҳоти Навдӣ 5 хоҷагӣ бо теъдоди 29 нафар ва Ҷамоати деҳоти Қалъанак 1 хоҷагӣ бо теъдоди 13 нафарро ташкил додааст.

Бояд тазаккур дод, ки барои кӯчонидани ин оилаҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия тамоми чораҳои зарурӣ андешида шуда, айни замон дар Ҷамоати деҳоти Ясман замин ҷудо гардида, ҳуҷҷатгузории ин оилаҳо дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд.

Бо мақсади пешгирии шусташавии манзилҳои истиқоматии шаҳрвандон дар Ҷамоати шаҳраки Ғарм, деҳаи Бедаки Ҷамоати деҳоти Навдӣ ва деҳаҳои Шулмак, Шуле, Рувоз ва Баҳодурободи Ҷамоати деҳоти Б. Раҳимзода дар масофаи зиёда аз 320 метр корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ иҷро карда шудаанд.

Бо мақсади пешгирии ҳолатҳои фавқулода дар маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Роғун ба 14 нафар соҳибони хоҷагиҳое, ки дар онҳо эҳтимолияти кандашавии ярчҳо ва биноҳои садамавӣ дида мешуд корҳои фаҳмондадиҳи гузаронида шудааст.

Дар давраи ҳисоботи бо мақсади пешгирии ҳодисаҳои фавқулода ба 16 нафар хоҷагиҳое, ки дар мавзеҳои хавфнок истиқомат мекарданд дар ҷойҳои бехавф қитъаҳои замин ҷудо гардида ба ҷойҳои бехавф кучонида шудаанд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод 387 оилаҳо бо шумораи 2724 нафари аҳолӣ дар мавзеъҳои хавфнок истиқомат менамоянд, ки ҷиҳати пешгирии офатҳои табии бо бошандагони минтақаҳои мазкур суҳбату вохуриҳо гузаронида шуда, бобати шинонидани ниҳолҳо корҳои амалӣ анҷом дода шудаст. Ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда аз ҷониби бахш пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ташкил ва гузаронида мешавад.

Дар ҳудуди шаҳрТурсунзода 9 ҷамоат ҷойгир буда, дар онҳо 41 деҳаи минтақаи хавфнокдошта вуҷуд дорад, аз ҷумла дар Ҷамоатҳои деҳоти Регар 558 оила, Навобод 68 оила, Ҷ.Раҳмонов 152 оила, 10- солагии Истиқлолият 3187 оила, Т. Туйчиев 145 оила, Сешанбе 10 оила, Работ 331 оила, Қаратоғ 370 оила дар маҷмӯ 4821 оила дар мавзеҳои хавфнок зиндагӣ доранд.

Дар ноҳияи Файзобод тибқи нақшаи кӯчонидани аҳолӣ ба ҷойҳои бехавф дар соли 2019-ум 5 оила ҳамагӣ 62 нафар ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шуда, дар соли 2020 кӯчонидани 5 оилаи дигар тибқи нақша ба анҷом расонида шудааст.

Дар ҳудуди ноҳияи Шаҳринав 24 минтақаи хавфнок мавҷуд аст, ки дар он 735 хоҷагӣ ва 5308 нафар аҳолӣ истиқомат мекунанд.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Роғун, Ваҳдат, Турсунзода ,Варзоб, Нуробод, Рашт, Тоҷикобод ва Шаҳринав вобаста ба зербанди мазкур маълумотҳо нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст.

### 16.3. Мавҷудият ва ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ будани нуқтаҳои партовҳои маишӣ (полигон, свалка), ташкили супоридани лампаҳои симобдор ба нуқтаҳои коркард

Давоми 9 моҳи соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баҳри таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №97 “Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонии ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор” чораҳои судманд роҳандозӣ гардида, дар ин самт як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби корхонаҳои коммуналии шаҳру ноҳияҳо 12 нуқтаи қабул таъсис ёфта, то ин давра зиёда аз 315 ҳазору 131 дона лампаҳои симобдори корношоям ҷамъоварӣ гардида, 13420 адад барои безараргардонӣ супорида шудааст.

Дар ноҳияи Рашт ба 1 октябри соли 2020, 3906 дона лампаҳои симобдор ҷамъоварӣ карда шуда, барои нигоҳдорӣ ва интиқол ба Корхонаи воҳиди давлатии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ”-и ноҳия супурда шудаанд. Аз ин миқдор 3500 ададаш барои безарар гардонидан ба шаҳри Душанбе интиқол карда шудаанд.

Дар ноҳияи Варзоб дар назди Муассисаи давлатии «Раёсати ободонӣ ва кабудизоркунии мақомоти иҷроия» нуқтаи қабул барои ҷамъоварӣ ва нигоҳдории лампаҳои симобдори аз истифода баромада ташкил карда шудааст. Бояд зикр намуд, ки аз тарафи Муассиса бо соҳибкори инфиродӣ Раҳимов Аҳрор Ҳайдарович шартнома аз 27.12.2019 сол ба тавсиб расонида шуда, 4460 дона лампаҳои симобдори азистифодабаромада ба соҳибкори инфиродӣ дастрас гардонида шудааст. Лампаҳои симобдори аз истифода баромада 1170 донаи боқимонда дар анбори Раёсати ободонӣ дар қутии махсусгардонидашуда нигоҳ дошта мешавад.

Дар ҳудуди шаҳр Ваҳдат ва ҷамоатҳои шаҳракудеҳот барои ҷамъоварии лампаҳои симобдор утоқи махсус ҷудо карда шудааства то имруз зиёда аз 9900 дона лампаҳои симобдори аз корбаромада нигоҳдори карда мешавад.

Давоми 9 моҳи соли ҷорӣ дар шаҳри Турсунзода 274 ҳазору 145 адад лампаи каммасраф ҷамъ карда шуда, айни ҳол оид ба интиқол ва безараргардони онҳо чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст.

Дар ноҳияи Лахш ба ҳолати 1 октябри соли 2020 ба миқдори 160 адад лампаҳои люминисентӣ (симобдор) ҷамоварӣ гардида, чорабиниҳо дар ин самт идома доранд.

Дар ноҳияиФайзобод аз тарафи шуъбаи ҳифзи муҳити зист ва корхонаи воҳиди давлатии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” дар ҳудуди корхонаи мазкур

ҷойи нигоҳдорӣ ва ҷамъоварии лампаҳои симобдор ташкил карда шудааст, ки аз тарафи ташкилоту муассисаҳо ва Ҷамоатҳои деҳоти ноҳия 8520 ададлампаҳои симобдор ҷамъоварӣ ва қабул карда шудааст.

Дар шаҳри Роғун барои ҷамъоварии лампаҳои каммасраф дар назди корхонаи КВД «СОКО ва ХМК»-и шаҳр анбори махсус ҷудо карда шуда, давоми 9 моҳи соли равон аз аҳоли 1325 дона ва аз аввали ҷамъоварӣ 5460 дона лампаҳои каммасрафи аз истифода баромада ҷамъоварӣ гардида, ба шаҳри Душанбе барои безарар гардони равон карда шудааст.

Дар ноҳияи Тоҷикиобод дар асоси қарори раиси ноҳия дар назди муассисаи манзилию комуналии ноҳия нуқтаи қабули ин лампаҳо таъсис дода шуда, назорати ҷамъоварии лампаҳои мазкур ба зимаи шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳия вогузор карда шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ 90 дона лампаҳои симобдор ҷамъоварӣ шуда, ба нуқтаҳои коркард супорида шудаанд.

Бо мақсади амалӣ гардонидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор дар корхонаи давлатии фаръии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ ва сохтмони"-и шаҳри Ҳисор аз ташкилоту муассисаҳо, корхонаву хоҷагиҳо, ҷамоатҳо ва макотибҳои шаҳр зиёда аз 2,5 ҳазор лампаҳои корношоями симобдор ҷамъоварӣ карда шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав дар давраи ҳисоботӣ 4820 ададро лампаи каммасраф ҷамъовargардида, бо мақсади демеркуризатсия ба ҶДММ "Мусаффо" супорида шудааст.

Маълумотҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав ва Тоҷикобод вобаста ба зербанди мазкур аз ҳисоботҳои нимсолаи аввали соли ҷорӣ нусхабардорӣ карда шудааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" ҷиҳати ҷамъоварии лампаҳои каммасраф ва ташкили коркарди онҳо, пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқулодда ва ҳалли масъалаҳои аҳолии дар минтақаҳои хавфнок истиқоматдошта чораҳои амалӣ андешанд.

## 17. Рушди варзиш ва ҷавонон
## (банди 51-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди варзиш ва ҷавонон бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 17.1. (17.1, 17.3, 17.4, 17.5 ) Фароҳам овардани шарои барои ҷалби сокинон ба варзиш, 17.2. (17.2) Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, 17.3.(17.6) Пешгирии содиршавии ҷиноят ва эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз бегонапарастӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 17.1. (17.1, 17.3, 17.4,17.5 ) Фароҳам овардани шарои барои ҷалби сокинон ба варзиш, 17.1. Нишондиҳандаҳои соҳаи кор бо ҷавонон;

Мувофиқи маҳълумотҳои дастрасгардида, ба ҳолати 01. 10. 2020 с. нишондиҳандаи баланди ҷалби ҷавонон ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар ноҳияи Лахш +16 нафар нисбати 01.10.2019 (дар маҷмуъ 34 нафар), зиёд гардида, дар шаҳру ноҳияҳои Рашт +11 нафар (52 нафар), Варзоб +10 нафар (66 нафар), Тоҷикобод +3 нафар (28 нафар), Ваҳдат +3 нафар (5 нафар), Турсунзода +1 нафар (9 нафар), Роғун +4 нафар (7 нафар), Сангвор +1нафар (12 нафар) Шаҳринав +1 нафар (4 нафар)-ро ташкил додааст, ки нишондиҳандаи дастгирии ҷавонони лаёқатманд марҳило ба марҳила таъмин гардида истодааст.

### 17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ

Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба таври зарурӣ ба роҳ монда шуда нақшаи даъват аз ҷониби мақомоти мазкур пурра ба анҷом расонида шудааст.

Нақшаи даъват дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикобод 102,1%, Турсунзода 100%, Рашт 100%, Ваҳдат 100,%, Ҳисор 100%, Роғун 100%, Варзоб 100%, Шаҳринав 100%, Лахш 100% ва Нуробод 100%таъмин гардидааст.

### 17.3.(17.3, 17.5) Дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд, бунёд кардани як толор ва як майдони варзишӣ (банди 82 паём) (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти толор/майдончаи варзишӣ дар онҳо);

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ҷиҳати иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 оид ба андешидани чораҳо барои бунёди як толори варзишӣ, 1 майдончаи варзишӣ дар як деҳа ва маҳалҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд, тадбирҳои амалиро роҳандозӣ намуда истодааст. Муайян карда шудааст, ки дар ноҳия деҳаҳое, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд, бунёди 41 толор ва 45 майдончаи варзишӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ бо дастгирии соҳибкорон ва тоҷирон 5 толор ва 4 майдончаи замонавӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Дар ноҳияи Лахш тибқи нақшаи тасдиқгардида, сохтмони 37 муассисаҳои томактабӣ, 30 толорҳои варзишӣ ва 61 майдончаҳои варзишӣ дар маҳаллаҳои шаҳрак ва деҳоти ноҳия ба нақша гирифта шудааст, ки бунёди қисме аз онҳо шурӯъ гардида, корҳо дар ин самт идома дошта, як адад муассисаи томактабӣ дар маркази Ҷамоати деҳоти Лахш дар арафаи ба истифода супоридан қарор дорад.

Дар ноҳияи Сангвор дар 9 моҳи соли 2020, ду майдончаи варзишӣ бо саҳми соҳибкор Ғафуров С. дар деҳаи Ёзғанди Ҷамоати деҳоти Тавилдара ва деҳаи Лоҷурги Ҷамоати деҳоти Ваҳдат сохта ба истифода дода шудааст.

Дар шаҳри Турсунзода 128 деҳа мавҷуд буда, дар 106 деҳаи он зиёда аз 100 хоҷагӣ мавҷуд буда, дар 54 деҳаи он толори варзишӣ ё майдончаи варзишӣ мавҷуд мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар нуҳмоҳи соли 2020 дар деҳаҳои калону сераҳолии шаҳр аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ 5 майдончаи варзишӣ ва 2 толори варзишӣ сохта ба истифода дода шуда, сохтмони 14 майдончаи варзишӣ ва 8 толори варзишӣ идома дорад.

Дар нуҳ моҳи соли равон дар ноҳияи Рашт 4 майдончаи варзишӣ дар деҳаҳои Руноби деҳоти Аскалон, Зарифии деҳоти Тагоба, Ярхаби деҳоти Ҳиҷборак ва кӯчаи Исмоили Сомонии шаҳраки Ғарм ва як толори варзишӣ дар деҳаи Воринги деҳоти Ясман мавриди истифода қарор гирифта, дар деҳаҳои Лангарак ва Навдонаки деҳоти Қалъаи Сурх, Ялдамичи деҳоти Қалъанак, Қазноқи деҳоти Нусратулло Махсум бунёди сохтмони майдончаҳои варзишӣ ва дар деҳаи Ҳоити деҳоти Ҳоит сохтмони толори варзишӣ идома дошта, то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Дар заминаи ташаббусҳои Пешвои муаззами миллат дар соҳаи варзиш аз ҷониби сокинон ва соҳибкорони ноҳияи Тоҷикобод 2 толори варзишӣ ва чор майдончаи варзишии замонавӣ сохташуда, мавриди баҳрабардорӣ қарор доранд. Сохтмони як толор ва се майдончаи варзишӣ идома дорад.

Вобаста ба иҷрои банди 51-и Нақшаи чорабиниҳо дар маркази ноҳияи Файзобод марҳилаи аввали сохтмони варзишгоҳи марказӣ ва толори варзишӣ бо тамоми шароитҳо барои машқу тамрин ба анҷом расонида шудааст. Бо дастгирии соҳибкорон сохтмони толору майдончаҳои варзишӣ ба нақша гирифта шуда, дар соли 2019 дар шаҳраки Файзобод 2 адад майдончаи варзишӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Ҳамзамон аз тарафи соҳибкорон дар назди Боғи фарҳанги ноҳия 1 майдони замонавии футболи хурд ва дар кӯчаи И.Сомонӣ 2 майдончаи хурди футболи замонавӣ сохта мавриди истифода қарор дорад.

Инчунин сохтмони майдончаҳои варзишии замонавӣ дар деҳаҳои Шерамони Ҷамоати деҳоти Меҳробод, Лолагии Ҷамоати деҳоти Вашгирд идома доранд.

Дар шаҳри Ҳисор барои варзишгарон ва ҷавонони шаҳр 2 варзишгоҳ, 1 маҷмуаи варзишӣ, 122 майдончаи варзишӣ ва 97 толори варзишӣ фаъолият намуда истодааст.

Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нӯҳ моҳи соли ҷорӣ 4 адад майдончаи варзишӣ, 1 адад толори варзишӣ ва 1 адад ҳавзи шиноварӣ ба истифода дода шуда, корҳои ҳуҷҷатгузорӣ ва сохтмонӣ дар назди 30 адад майдонча ва 11 толори варзишӣ рафта истодааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав оид ба бунёди толорҳои варзишӣ ва майдончаҳои варзишӣ дар ноҳия бунёди 21 иншоотҳои варзишӣ ба нақша гирифта шуда, то ба ҳол 9 адади он аз ҷониби соҳибкорон, шахсони саховатманд мавриди истифода қарор дода шудааст.

Шумораи нисбатан зиёди бунёди иншооти варзишӣ дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав, Варзоб, Турсунзода, Тоҷикобод, Ҳисор, Файзобод ва Рашт ба назар

расида, шароити мусоидро баҳри ҳарчи бештар ҷалб намудани ҷавонон ба варзиш фароҳам оварда шудааст.

### 17.4. Оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим, омодасозии варзишгарони касбӣ, баргузор намудани мусобиқаҳои гуногун аз рӯи ҳамаи намуди варзиш (банди 85 паём);

Дар нуҳ моҳи соли 2020 дар ноҳияи Нуробод 24 маротиба машқҳои пагоҳирӯзӣ баргузор гардидааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта +6 маротиба зиёд гардида, дар он 2050 нафар шаҳрвандон иштирок намуданд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 650 нафар кам мебошад, ки дар шаҳри ноҳияҳои Рашт +8 маротиба (18 маротиба) ва +900 нафар (3200 нафар), Рӯдакӣ +4 маротиба (92 маротиба) -6264 нафар (18536 нафар), Роғун +4 маротиба (24 маротиба) ва 95 нафар (2327), Файзобод -26 маротиба (14 маротиба) ва -4743 нафар (4102 нафар), Турсунзода -13 маротиба (23 маротиба) ва -7198 нафар (21256 нафар), Тоҷикобод -12 маротиба (24 маротиба) ва -1494 нафар (2157 нафар), Лахш -12 маротиба (22 маротиба) ва -2268 нафар (2937 нафар), Ҳисор -10 маротиба (32 маротиба) ва -4083 нафар (10720 нафар), Шаҳринав -2 маротиба (33 маротиба) ва -1979 нафар (2015 нафар) ва Варзоб -2 маротиба (17 маротиба) ва -227 нафар (2233 нафар) ташкил додааст.

Шумораи зиёди иштироки шаҳрвандон дар машқҳои пагоҳирӯзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат Рашт, Варзоб ва Роғун ба назар расида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо дар ҷалби шаҳрвандон ба варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим таъмин карда шудааст.

Дар 9 моҳи соли 2020, варзишгарони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, 1208 медал ба даст овардаанд, ки аз ин 451 медали тилло, 377 медали нуқра, 380 медали биринҷӣ ба даст овардаанд.

Варзишгарони шаҳру ноҳияҳо аз рӯи натиҷаҳои мусобиқаҳои варзишӣ аз Ҳисор 695 адад (331 тилло, 174 нуқра, 190 биринҷӣ), Турсунзода 143 адад (35 тилло, 59 нуқра, 49 биринҷӣ), Ваҳдат 139 адад (31 тилло, 53 нуқра, 55 биринҷӣ), Рашт 113 адад (7 тилло, 57 нуқра, 49 биринҷӣ), Лахш 49 адад (25 тилло, 11 нуқра, 13 биринҷӣ), Нуробод 42 адад (17 тилло, 12 нуқра, 13 биринҷӣ) ва Варзоб 27 адад (5 тилло, 11 нуқра, 11 биринҷӣ) ба даст оварданд, ки сатҳи муайяни таъмини нишондиҳандаи рушди соҳаи варзишро инъикос менамояд.

### 17.5.(17.6) Пешгирии содиршавии ҷиноят ва эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз бегонапарастӣ.

Бахши кор бо ҷавонон ва варзиши ноҳияи Рашт дар ҳамкорӣ бо шуъбаҳои маориф, кор бо занон ва оила, РВКД дар минтақа ва ноҳияи Рашт суҳбату мулоқотҳои маърифатӣ–иттилоотиро дар самти пешгирии ҷавонону наврасон ба ҳаракатҳои терористию экстремистӣ, ҷинояткорӣ, таҷовуз ба номус, зуроварӣ дар оила, суиқасд ба ҷони худ дар ҷамоатҳои деҳотии Б. Раҳимзода,

Аскалон, Қалъаи Сурх, Нусратулло Махсум, Тагоба, Навобо, Ҳоит, Ясман ва шаҳраки Ғарм дар нуҳмоҳи соли равон доир намудааст.

Дар ноҳияи Тоҷикобод бо мақсади тарбияи маънавию ҳуқуқии ҷавонон, инкишофи ҳисси ватанпарастӣ ва муҳаббати онҳо нисбат ба Ватан баҳри эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва эмин доштани аз бегонапарастии ҷавонони ноҳия ва ба ин васила пешгирии содиршавии ҷиноятҳо дар байни онҳо як қатор корҳои назаррас ба анҷом расонида шудаанд. Дар заминаи нақшаи чорабиниҳои таҳиягардида, аз ҷониби ниҳодҳои марбутта пайваста дар байни ҷавонон корҳои ташкиқотию тарғиботӣ ва чорабиниҳои варзишӣ ташкил ва баргузор карда мешаванд.

Инчунин, бо мақсади пурзӯр намудани фаъолият дар самти пешгирии амалҳои номатлуб 5 мизи мудаввар дар мавзуҳои "Иштироки ҷавонон дар бартарафсозии амалҳои номатлуби иҷтимоӣ", "Мо ҷавонон амалҳои ифротиро маҳкум мекунем", "Нақши ҷавонон дар мубориза бо терроризм ва экстремизм", "Ширкат дар интихобот қарзи шаҳрвандӣ" ва "Овози ман ҳалкунандааст" дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, колеҷҳои тиббию омӯзгорӣ ва дар 15 муассисаҳои таълимии ноҳия баргузор карда шуданд.

Дар шаҳри Турсунзода ҷиҳати пешгирии ҷавонон аз омилҳои номатлуби ҷомеа ва гирифтани пеши роҳи бегонапарастӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротиву террористӣ, тарғиб ва таблиғи либоси миллӣ миёни донишҷӯёну ҷавонон, духтарону занон, арзишҳои милливу умумибашарӣ ва равандҳои ҷаҳонишавии замони муосир, тарғибу ташвиқи ғояҳои давлати демократӣ, баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқи ҷавонон, тарғиби тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО/БПНМ, нашъамандӣ, худкушӣ, суиқасд ба ҷони худ, савдои одамон, танфурӯшӣ, ҷудошавии оилаҳои ҷавон, риояи талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ" нақшаи чорабиниҳои алоҳида таҳия гардида, тибқи нақшаи мазкур дар қаламрави шаҳр, дар байни аҳолӣ, хусусан бо ҷавонону наврасон 92 вохӯриву мулоқот бо иштироки 11680 нафар гузаронида шудааст.

Мувофиқи Нақшаи чорабиниҳои таъсисдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод дар якҷоягӣ бо сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва бахшу шуъбаҳои дахлдори мақомот, аз ҷумла бо иштироки раиси ноҳия бо сокинони Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот оид ба масъалаҳои мубрами рӯз, аз ҷумла баланд бардоштани маърифати ҷавонон ва пешгирии ҳодисаҳои номатлуб миёни занону духтарон, шомилшавии ҷавонон аз ҷумла занону духтарон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро суҳбату вохӯриҳо гузаронида мешавад.

Дар ноҳияи Шаҳринав ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020" дар мувофиқа бо прокуратураи ноҳия нақшаи чорабиниҳо таҳия гардид. Гурӯҳи тарғиботию ташвиқотӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва ходимони дин

бо мақсади таблиғ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ, дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ, Ваҳдати миллӣ, иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021”, татбиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ва “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” пайваста сӯҳбату вохӯриҳои судманд доир мегардад. Ҳамчунин дар ҳафтаномаи ноҳиявии “Файзи Пешво” мақолаҳо ба чоп расида, дар радиои мавҷии “Паёми Шаҳринав” доир ба масъалаҳои мазкур баромад ва сӯҳбатҳо ба роҳ монда шудааст (нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқи мондааст).

Вохӯриҳо вобаста ба пешгирии омилҳои номатлуб аз хумла шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳо ва гуруҳои ифротию иртиҷоӣ, дар шаҳри Роғун дар 14 мавзеъи хамоатҳои шаҳраку деҳот бо ҷалби 1480 нафар, ки аз ин шумора, 1128 нафарашонро хавонон ташкил медод, баргузор карда шудааст (нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқи мондааст).

Дар ноҳияи Варзоб бахши кор бо ҷавонон ва варзиш дар якҷояги̣ мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ доир ба таъмини волоияти қонун ва мубориза ба муқобили ҷинояткорон, муътадил гардонидани вазъият, таъмини амнияти шаҳрвандон, пешгирии ҷиноятҳои вазнин, дастгир кардани ашхоси ба ҷиноят даст зада ва ҷори кардани тартиботи ҷамъиятӣ, алалхусус дар байни ҷавонон чораҳои заруриро роҳандозӣ намуда истодааст.(нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст).

Дар ноҳияи Нуробод дар 9 моҳи соли 2020, дар самти пешгирии содиршавии ҷиноят ва эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз бегонапарастӣ дар шашмоҳи соли ҷорӣ 18 адад чорабиниҳо дар самти пешгирии ҷиноятҷорӣ, шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ ва баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷавонону наврасон ва рушди соҳаи варзиш дар ноҳия баргузор гардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷобаҷокунии ҷавонон дар вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷалби ташкилоту муассиса, соҳибкорон барои бунёди майдону толорҳои варзишӣ, ва фароҳам овардани заминаи баланд бардоштани оммавигардонии варзиш мусоидат намоянд.

## 18. Рушди соҳаи сайёҳӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сайёҳӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 18.1. (18.1, 18.2, 18.3) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ, арзёбӣ гардиданд.**

## 18.1. (18.1, 18.2, 18.3) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ

### 18.1. Андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, бунёд ва беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ, экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ (банди 41 паём)

Бо мақсади амалӣ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ қарорҳои дахлдор ва нақшаи чорабиниҳо таҳия ва қабул карда шуда, мавриди амал қарор дода шудааст.

Ҳоло дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 14 адад субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ (ширкатҳои сайёҳӣ) аз ҷумла дар шаҳрҳои Турсунзода 2, Ваҳдат 2, Роғун 1, ноҳияҳои Лахш 5, Варзоб 2, Рашт 1 ва Шаҳринав 1 адад фаъолият карда истодаанд.

Барои қабули сайёҳони дохилию хориҷӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 228 адад меҳмонхона ва мавзеҳои сайёҳӣ (мотел, турбаза) аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор 65 адад, Варзоб 54 адад, Роғун 45 адад, Рашт 27 адад, Ваҳдат 14 адад, Нуробод 7 адад, Лахш 6 адад, Файзобод 6 адад, Турсунзода 3 адад, Тоҷикобод 1 адад ва Шаҳринав 1 адад фаъолият доранд, ки метавонанд дар сатҳи зарурӣ сайёҳонро қабул намуда, хизматрасониро таъмин намоянд.

Хатсайрҳо барои сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ нисбат ба 9 моҳи соли гузашта дар шаҳрҳои Роғун +11 адад ( дар маҷмуъ 13 адад), Турсунзода +6 адад (11 адад), ва Ҳисор +1 адад (5 адад) зиёд гардида, дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 60 адад, Варзоб 15 адад ва Шаҳринав 6 адад бетағйир боқӣ монда, дар ноҳияи Рашт -2 адад (2 адад) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам шудааст.

### 18.2. Мукаммал гардонидани низоми омори соҳаи сайёҳӣ, раванди баҳисобгирии сайёҳон ва шаклҳои ҳисоботдиҳии оморӣ

Қайд кардан ба мавриди аст, ки дар доираи эълон гардидани солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" шумораи сайёҳони хориҷӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сол ба сол афзоиш ёфта истодааст.

Давоми 9 моҳи соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ теъдоди сайёҳони ташрифоварда 63 ҳазору 349 нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -179 ҳазору 968 нафар кам мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи умумии сайёҳоне, ки ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ташриф овардаанд, дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат -89581 нафар (дар маҷмуъ 6923 нафар), Варзоб -83452 нафар (12958 нафар), Ҳисор -7346 нафар (26596 нафар), Рашт -760 нафар (1195 нафар) ва Роғун -570 нафар (1183 нафар) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта коҳиш ёфта дар шаҳри Турсунзода +2311 нафар (9294 нафар) ва ноҳияи Файзобод +570

нафар (570 нафар) нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидааст.

Мутаассифона шумораи сайёҳони хориҷие, ки ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ташриф овардаанд нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 дар шаҳри Ҳисор - 6019 нафар (660 нафар), Рашт -1980 нафар (33 нафар), Ваҳдат - 1418 нафар, Шаҳринав -450 нафар (195 нафар), Роғун -357 нафар (33 нафар), Турсунзода -74 нафар (730 нафар) ва Файзобод -025 нафар (5 нафар) кам гардидааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати ба роҳ мондани муаррифии мавзеъҳои нодири сайёҳӣ тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, айни замон дар ҳудуди шаҳри Ваҳдат яке аз манзараҳои зеботарини ҷумҳурӣ дараи «Ромит» ҷойгир аст, ки дар ин дара оби шифобахши «Зайрон» ва «Мамнуъгоҳи Ромит», дар ноҳияи Варзоб минтақаҳои истироҳатии «Кохи Малика», «Ёвар», «Варзоб-Палас», «Гулобод», «Гули майда» ва Маҷмааи комплексии лижаронии «Сафеддара», дар ноҳияи Лахш мавзеи табобатии «Тандикул», дар ноҳияи Файзобод оби маъдании «Файзобод», шикоргоҳ ва лойи табобатии «Сиёҳгулӣ», дар шаҳри Ҳисор мавзеи таърихию фарҳангии «Қалъаи Ҳисор», осоишгоҳҳои «Шоҳамбарӣ», «Сангчашма» ва осоишгоҳи замонавии «Сатурн» барои қабули сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ тамоми шароитҳои замонавӣ фароҳам оварда шудааст.

### 18.3. Таъсиси сомонаҳои интернетӣ ва маъмурӣ хизматрасонӣ сайёҳӣ дар вилояту шаҳру ноҳияҳо

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати таъсиси сомонаҳои интернетӣ, паҳн кардани маводҳои иттилоотӣ оид ба имкониятҳои сайёҳии кишвар ва ҳар чи бештар ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд.

Бо ин мақсад дар ноҳияи Тоҷикобод сомонаи www.tojikobod.tj, ноҳияи Лахш сомонаи www.Lakhsh.tj, ноҳияи Шаҳринав дар сомонаи иҷтимоӣ (Фейсбук) рубрикаи махсус ба номи “Sayohi Shahrinav”, почтаи электронӣ ба номи tourism.shahrinav@mail.ru, дар шаҳри Турсунзода сомонаи tursunzjoda.tj, ноҳияи Рӯдакӣ сомонаи www.nrudaki.tj, ноҳияи Рашт сомонаи сайёҳӣ www.rasht.tajtravel.tj, ноҳияи Варзоб сомонаи интернетӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва имкониятҳои муарифии он бо суроғаи www.varzob-turizm.tj, ташкил карда шуда, фаъолият менамоянд (нисбати нимсолаи аввали соли 2020 бе тағйир).

Вале мутаассифона то ҳол дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Ҳисор, Нуробод, Роғун, Сангвор ва Файзобод сомонаҳои интернетӣ таъсис дода нашуда, иҷрои банди мазкур таъмин нагардидааст (нисбати нимсолаи аввали соли 2020 бе тағйир боқи мондааст).

Пешниҳод: Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ, соҳибкорон, ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта, аз хумла беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ, экологӣ, табобатӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ, мукаммал гардонидани

низоми омори соҳаи сайёҳӣ ва таъсиси сомонаҳои интернетӣ, маъмурӣ, хизматрасонии ва сайёҳӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мусоидат намоянд.

## 19. Баробарии гендерӣ (банди 80-и паём)

### 19.1. (19.1) Иштироки занҳо дар ҳаёти ссиёсию ҷамъиятӣ арзёби гардидаанд

### 19.1 Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИМҲД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, аз ҷумла дар бонкҳо

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, дар давоми нуҳмоҳаи соли 2020, шумораи занон дар ҳайати роҳбарикунанда дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат +65 нафар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гаштааст, (210 нафар дар маҷмуъ) Ҳисор +1 нафар (5 нафар), Лахш +1 нафар (7 нафар) ва Сангвор +2 нафар (5 нафар), -ро ташкил додааст, ки аз амалишавии татбиқи сиёсати давлатии мақоми зан дар ҷомеа дарак медиҳад.

Вале мутаассифона ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода +/-0 нафар (4 нафар), Варзоб +/-0 нафар (3 нафар), Тоҷикобод +/-0 нафар (2 нафар), Рашт +/-0 нафар ( 4 нафар), Рӯдакӣ +/-0 нафар (2 нафар), бе тағйир боқӣ монда, дар шаҳри Роғун -2 нафар (4 нафар) ва ноҳияи Шаҳринав -1 нафар (5 нафар) кам гардидааст, ки аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун ва ноҳияи Шаҳринав андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Дар муассисаҳои бонкии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба ҳолати имрӯза 88 нафар занон кору фаъолият доранд, ки нисбати нимсолаи аввали соли 2020 бе тағйир боқи мондааст. Ин шумора дар шаҳрҳои Ваҳдат 70 нафар, Лахш 6 нафар, Сангвор 2 нафар ва Варзоб 10 нафар нисбати нимсолаи аввали соли 2020, бе тағйир боқӣ мондааст

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Нуробод, Рашт, Рӯдакӣ, Турсунзода, Ҳисор, Роғун, Тоҷикобод ва Шаҳринав оид ба занҳои дар бонкҳо кору фаъолият дошта маълумот пешниҳод нагардидааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби занҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда ва фароҳам овардани шароити мусоид фаъолияти ҳамоҳангсозиро таҳвият бахшанд.

## 20. Маълумот оид ба рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ:

### 20.1. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолии шаҳру ноҳияҳо ба хизматрасонии пулакӣ, хусусан дар маҳалҳои дурдаст (хизматрасониҳои маишӣ);

Мутобиқи маълумотҳои оморӣ дар 9 моҳи соли 2020 таҳлилҳо муайян намуд, ки корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҷиҳати иҷрои банди 3 Нақшаи чорабиниҳо тибқи нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бахшида ба 30- солагии Истиқлолияти давлатии ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани дастрасии аҳолии шаҳру ноҳияҳо ба хизматрасонии пулакӣ, хусусан дар Ҷамоатҳои деҳот бунёди иншоотҳои хизматрасонию маишӣ, аз ҷумла ҳаммом, сартарошхона, кошонаи ҳусн, дорухона, марказҳои савдо, ошхона, тарабхона, марказу бунгоҳҳои саломатӣ ба нақша гирифта шудааст, ки аз он то 1 октябри соли 2020, дар шаҳру ноҳияи Рӯдакӣ 137 иншоот, Ваҳдат 102 иншоот, Файзобод 67 иншоот, Шаҳринав 59 иншоот, Нуробод 57 иншоот, Рашт 36 иншоот, Роғун 24 иншоот, Варзоб 22 иншоот, Турсунзода 17 иншоот Сангвор 13 иншоот, Лахш 7 иншоот, Тоҷикобод 5 иншоот ва Ҳисор 4 иншоот мавриди истифода қарор дода шудааст.

Дар 9 моҳи соли 2020, ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ дар шаҳрҳои Роғун +12,5 млн. сомонӣ +66% (дар маҷмуъ 31,4 млн. сомонӣ),Ҳисор +10,5 млн. сомонӣ ё 9,8% (117,1 млн. сомонӣ) ва Турсунзода +10 млн. сомонӣ +7% (145,3млн. сомонӣ) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта рӯ ба афзоиш дорад, ки барои баланд бардоштани шароити зиндагӣ мусоидат намудааст.

Инчунин, ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ -18,8 млн. сомонӣ -13,1% (125,2 млн. сомонӣ) Ваҳдат -16,6 млн. сомонӣ -10,8% (136,5 млн. сомонӣ), Файзобод -9,2 млн. сомонӣ -20,8% (45,2 млн. сомонӣ), Варзоб –7,1 млн. сомонӣ -25% (21,6 млн. сомонӣ), Лахш -1,7 млн сомонӣ -15,7% (9,2 млн. сомонӣ), Шаҳринав -1,6 млн. сомонӣ -6,9% (21,4 млн. сомонӣ), Нуробод -0,6 млн. сомонӣ ё -4,2 (15 млн сомонӣ), Тоҷикобод -0,9 млн сомонӣ -11,4% (12,2 млн. сомонӣ) ва Сангвор -99,1 ҳазор сомонӣ -6,6% (4,9 млн. сомонӣ) кам гаштааст, ки омӯзиши сабабҳои худ ва бартараф намудани камбудиҳоро талаб менамояд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати дуруст ба ҳисоб гирифтани хизматрасониҳои пулакӣ, зиёд намудани намудҳои хизматрасониҳои пулакӣ ва ҷаҳати дастрасии он ба аҳолӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 21. Таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ

**Нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 21.1. Тамоюли ҷиноятҳои ба қайд гирифта ва ошкоршавии онҳо, 21.2 (21.2, 21.3) Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав, 21.3 Корҳои анҷомдодашуда оид ба пешгирии сар задани ҷиноятҳо, арзёбӣ гардиданд.**

### 22.1.Ҷиноятҳои бақайдгирифташуда, дар алоҳидагӣ бо намуди онҳо, аз ҷумла ошкоршавии онҳо

Тибқи маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар 9 моҳи соли 2020, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 3169 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли

гузашта 117 адад зиёд гардида, дар ноҳияҳои Шаҳринав +45 адад (136 адад), Файзобод +39 адад (144 адад), Рашт +27 адад (198 адад), Лахш +3 адад (52 адад) ва шаҳри Роғун +6 адад (75) адад) сатҳи ҷинояткорӣ зиёд гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат -101 адад (552 адад), Турсунзода -95 адад (339 адад) Рудакӣ -35 (990 адад), Тоҷикобод -15 адад (52 адад), Нуробод -16 адад (90 адад), Сангвор -15 адад ( 22 адад), Варзоб -15 адад (117 адад), Ҳисор -13 адад (402 адад) нисбати ҳамин давраи соли гузашта коҳиш ёфтааст, ки ин натиҷаи дуруст ба роҳ мондани ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои Вазорати корҳои дохилиро нишон медиҳад.

Зиёдшавии шумораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда, нисбати соли 2019 дар шаҳри Шаҳринав, Рашт, Файзобод, Нуробод ва Лахш ба назар расида, пурзӯр намудани иҷрои ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ваколатдорро тоқозо менамояд.

**21.2 (21.2, 21.3) Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав**

**21.2. Шумораи ҷиноятҳо, ки аз тарафи ҷавонон содир карда шудааст**

Содир намудани ҷиноятҳо аз тарафи ҷавонон дар 9 моҳаи соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 218 ҳолат ба қайд гирифта шуда, аз он дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 42 ҳолат, Рӯдакӣ 39 ҳолат, Рашт 37 ҳолат, Роғун 37 ҳолат, Турсунзода 20 ҳолат, Нуробод 17 ҳолат, Лахш 14 ҳолат, Тоҷикобод 7 ҳолат, Варзоб 6 ҳолат, Ҳисор 4 ҳолат ва Шаҳринав 1 ҳолат ошкор ва ба қайд гирифта шудааст.

Дар 9 моҳи соли 2020 шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 10 ададро ташкил дода, дар ноҳияи Рашт -3 адад (7 нафар) нисбати ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Тоҷикобод +1 адад (3 адад) нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидааст, ки пурзӯр намудани иҷрои ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ваколатдорро тоқозо менамояд.

**21.3. Амалҳо ва натиҷаҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав (банди 87 паём);**

Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати тарғибу ташвиқ ва фаҳмондадиҳии қонунҳо, қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармонҳо, муҳтавои баромадҳои Президенти мамлакат ва татбиқи амалии онҳо, тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Дар ин давра оид ба хубтар ба роҳ мондани тартиботи ҳуқуқӣ ва ҷамъиятӣ гурӯҳҳои кории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо мунтазам дар байни аҳолӣ вохӯрию баромадҳо доир намуда, ҷиҳати пешгирии вайронкунии тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ, қаллобӣ, дуздии молу мулки шаҳрвандон, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, зӯроварӣ ва ғайра кормандони шӯъбаи вазорати корҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд. Бо мақсади пешгирии сар задани ҷиноятҳо ва қонунвайрокуниҳо чораҳои мушаххас

андешида шуда, мунтазам аз тарафи масъулини шаҳру ноҳияҳои Варзоб, Лахш, Рашт, Тоҷикобод, Турсунзода, Файзобод ва Шаҳринав вохуриҳо, корҳои фаҳмондадиҳӣ бо мақсади пешгирӣ аз ҷинояткорӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ҷамоатҳои деҳоти ин шаҳру ноҳияҳо корҳои оммафаҳмонӣ ва пешгирикунанда пайваста дар асоси нақшаи чорабиниҳо ба роҳ монда шудааст.

Инчунин бунёди иншооти “Боғи ҷавонон”, толорҳо ва майдончаҳои варзишӣ дар ноҳияи Варзоб ба анҷом расонида шудааст, ки метавонад сатҳи ҷинояткориро бо суръат паст намояд.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Нуробод, Роғун, Рудакӣ ва Сангвор доир ба зербанди мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст.

**Пешниҳод**: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро зарур аст, ки барои иҷрои ваколатҳои тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” оид ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгаро, тундрав ва экстремистию террористӣ муқарраршуда, ҳамоҳангсозии фаъолиятро бо шӯъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо ҷоннок намоянд.

## 22. Маълумот оид ба иҷрои вазифаҳои Нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Певои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон .

### 22.1 Рафти иҷрои супоришҳои сафарҳои корӣ, ки муҳлати иҷроишашон дар соли 2020 пешбинӣ гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки дар ҳисоботи пешниҳоднамудаи шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор, Роғун ва ноҳияҳои Рашт, Файзобод, Нуробод, Сангвор, Тоҷикобод, Лахш, Варзоб, Шаҳринав, Рӯдакӣ маълумотҳо доир ба рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳо оид ба дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, баён доштанд пешниҳод гардидааст, ки вобаста ба ин нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо таҳия ва тасдиқ карда шуда, масъулони иҷро корбарӣ намуда истодаанд.

Ҳамзамон дар ҳисоботи шаҳри Ваҳдат аз ҷониби масъулин оид ба рафти иҷрои супоришҳои сафарҳои корӣ, ки муҳлати иҷроишашон дар соли 2020 муайян карда шудааст, дар ҳисобот маълумот омода карда нашудааст, ки аз ин ҳисоб ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ имконнопазир гардидааст.

Аз ин ру шахсони масъул, ҷиҳати иҷрои бандҳои ки дар боло дарҷ гардидааст, тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ намуда, аз натиҷа маълумот дар ҳисоботи навбати пешниҳод намоянд.